Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 сентябри соли 2020, №526
тасдиқ шудааст

# Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

## БОБИ 1. МАҚСАДИ АСОСӢ ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

### §1. Мақсади асосӣ ва дурнамои ислоҳот дар соҳаи маориф

1. Мақсади асосӣ ва дарозмуҳлати Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегияи мазкур) бунёди низоми самараноки маориф аст, ки имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё месозад.

2. Стратегияи дарозмуҳлати соҳаи маориф ба бартариҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфтаанд, такя карда, ба мақсад ва вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор барои солҳои 2015-2030 мутобиқат мекунад. Вазифаҳои банақшагирии стратегӣ аз муайян кардани чорабиниҳои калидӣ ва афзалиятноки раванди ислоҳот тавассути мушаххас намудани имконият ва мушкилот дар партави дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ иборат мебошад.

3. Мақсади ислоҳот ба вуҷуд овардани чунин низоми таҳсилоти босифат ва дастрас барои ҳамаи шаҳрвандон дар тӯли ҳаёт аст, то ки иқтисодиёти кишвар бо кормандони босалоҳияти мутобиқ ба инфрасохтор ва технологияҳои муосиру инноватсионӣ асосёфта таъмин гардад. Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи иқтисодӣ устувор бошад ва ба стандартҳои низоми таҳсилоти пешрафтаи ҷаҳонӣ ва низоми байналмилалии арзёбии сифат мувофиқат кунад. Барои ҳимояи манфиатҳо ва таъмини нуфузи кишвар соҳаи маориф бояд ҳифз ва рушди хусусиятҳои хоси фарҳангӣ, ҳифозати ҳувияти миллӣ ва гуногуншаклии онро таъмин намояд. Ҳамаи ин барои ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст.

4. Мутобиқат ба стандартҳои ҷаҳонӣ тибқи Ҳадафҳои рушди устувор барои солҳои 2015-2030 ва Барномаи чорчӯбаи Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳо барои амалҳо ва нишондиҳандаҳои афзалиятноки соҳаи маориф, ҳамчунин дар назар дорад, ки омилҳои асосии осебпазирии кӯдакон, аз ҷумла

ба воситаи арзёбии хатарҳои марбут ба манбаъҳои гуногуни хавф аз байн бурда шавад, неруи кӯдакон ва низоми ҳифзи онҳо дар ҳолатҳои ба хатар мубталошавӣ таҳким ёбад, вазифаҳои афзалиятноки таъмини бехатарӣ (бехатарии биноҳои муассисаҳои таълимӣ, мубориза бо офати табиӣ дар муассисаҳо ва таъмини масъалаҳои коҳиши хатар ва таҳкими устуворӣ) дар муассисаҳои таълимӣ муайян гарданд, иштироки ҳарчи бештари кӯдакон дар ҷараёни қабули қарорҳо таъмин гардад.

## §2. Вазифаҳои Стратегия

5. Стратегияи мазкур санади асосии муайянкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мебошад. Стратегияи мазкур мақсад ва вазифаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, тамоюл ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

6. Тибқи Стратегияи мазкур таваҷҷуҳи бештар ба сифати таҳсилот, инчунин малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳое зоҳир мегардад, ки ҷавонон ва калонсолон дар ҷараёни таҳсилот ба даст меоранд. Дар замони муосир дастовардҳои шахсии ҳар як шаҳрванд ба қобилияти мутобиқшавии ӯ ба дигаргуниҳо ва донишомӯзии доимии ӯ дар тӯли ҳаёт вобаста аст. Дар навбати худ соҳаи маориф бояд фазоеро муҳайё созад, ки барои рушди ин салоҳиятҳо мувофиқ бошад. Дар шароити изтироби иқтисодӣ, таъсири омилҳои беруна ва тағйироти демографӣ таҳсил дар тамоми тӯли ҳаёт ба вазифаи асосии соҳаи маориф табдил меёбад.

7. Вазифаҳои калидии Стратегияи мазкур чунинанд:

- таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот барои ҳама дар тамоми тӯли ҳаёт;
- баланд бардоштани сифат ва аҳаммияти соҳаи маориф дар ҳамаи сатҳҳо;
- тақвияти низоми самараноки идораи соҳаи маориф.

8. Дар чорчӯбаи Стратегияи мазкур таъсиси муассисаҳои таълимии бехатар ва аз лиҳози иҷтимоӣ фарогир бо дарназардошти сиёсати миллии идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ва маҳаллӣ баррасӣ карда мешаванд. Ин афзалиятҳо дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 ва Стратегияи миллии мутобиқатшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ инъикос гардидаанд.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ВА ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

## §1. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ

9. Дар аввали солҳои 2000-ум баъд аз ба даст овардани сулҳу субот ва муттаҳид сохтани захираҳо дар бахши идоракунии давлатӣ ва иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи маориф ислоҳот оғоз ва муваффақона татбиқ гардид. Бо рушди иқтисод даромади аҳолӣ низ афзоиш ёфт ва воситаҳои молиявии буҷети давлатӣ барои маблағгузории талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ зиёд гардид. Ба шарофати фаъолияти бемайлони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии аҳолии камбизоат дар кишвар аз 72% соли 2003 то 37,4% соли 2012 ва то 27,4% дар соли 2018 коҳиш ёфт. Сатҳи камбизоатии ниҳоӣ аз 42% соли 2003 то 17% дар соли 2018 коҳиш ёфт. Коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба имкониятҳои таълимӣ ва дастрасии ҷавонону калонсолон ба таҳсил, махсусан аз оилаҳои осебпазир ва деҳот таъсири мусбат расонид.

10. Давраи гузариши ниҳоят мушкил дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2010 ва сатҳи баланди афзоиши аҳолӣ (соли 2018 аҳолии кишвар 8931195 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба солҳои 1980-ум ду маротиба зиёд аст) ба нишондиҳандаҳои соҳаи маориф низ бевосита таъсир расонид. Дар соҳаи маориф ҳиссаи маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва манбаъҳои дигар тадриҷан меафзояд, вале рақобатпазирии иқтисодиёт ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ қарор надошта, он ба муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста буда, ба тарзи назаррас ба талабот ба қувваи корӣ (талабот ба малака, салоҳият ва донишҳои касбӣ) ва имконияти бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ таъсир мерасонад.

11. Агар байни низоми миллии таҳсилот ва бозори дохилии меҳнат алоқаи мустаҳкам барқарор нагардад, сатҳи ҳозираи рушд ноустувор боқӣ мемонад. Иқтисодиёти Тоҷикистон барои қувваи кории афзоянда миқдори ҷойи кории заруриро фароҳам намесозад. Новобаста ба афзоиши баланди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ шуғли расмӣ дар 10 соли охир, аз соли 2010 то соли 2019 танҳо бештар аз 8% зиёд шудааст. Аз рӯйи омори расмии соли 2017 74,9% бекорони расмӣ ба аҳолии деҳот рост омада, 51,8% бекорон таҳсилоти умумӣ надоштанд. Барзиёдии қувваи кории бетахассус ба бозори дохилии меҳнат фишори ҷиддӣ мерасонад.

12. Таҳсилот ба натиҷаи шуғли баъдии шаҳрвандон таъсир мерасонад. Нисбатан паст будани фарогирии духтарон бо таҳсилот ва тарк кардани таҳсил пас аз хатми зинаи таҳсилоти умумии асосӣ ба он оварда мерасонад, ки онҳо нисбат ба писарон дар ҷараёни татбиқи фаъолияти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳиби кор шудан имконияти камтар пайдо намуда, музди меҳнати зарурӣ намегиранд. Ин ҳолат ба сатҳи рушди бахши хусусӣ, талабот

ба аксар ихтисосҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ (муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ) таълим дода мешаванд, таъсири ҷиддӣ мерасонад.

13. Шумораи аҳолии синну соли қобилияти меҳнатидошта нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ аз 60,9% дар соли 2010 то 62,4% дар соли 2018 афзоиш ёфтааст. Вале сифати ҷойҳои кории нав дар кишвар беҳбудиро талаб менамояд ва дар бисёр ҳолат аз коргарон мавҷуд будани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро дархост мекунад. Дар назар аст, ки насли ҷавон барои чанд даҳсолаи оянда афзоиши ҷиддӣ ва устувори шумораи аҳолии қобили меҳнатро дар кишвар таъмин менамояд. Маҳз, ба ҳамин хотир шумораи афзояндаи ҷавонон дар Тоҷикистон ба таҳсилоти мувофиқ ва таъсиси ҷойҳои кории нав ниёз дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон чораҳои зарурӣ меандешад. Бояд зикр кард, ки ҳиссаи ҷавонони то 30-сола дар шумораи умумии аҳолӣ аз 70% соли 2000 то 65,9% дар соли 2010 ва то 62,9% дар соли 2018 коҳиш ёфтааст.

14. Новобаста ба коҳиши суръати афзоиши ҳиссаи ҷавонон дар назар аст, ки афзоиши шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи наздик идома меёбад, ки ин, дар навбати худ, ба муассисаҳои таълимӣ аз нуқтаи назари зарурати фарогирии ҷавонон бо таҳсил, махсусан, дар деҳот сарбории ҷиддиро ба миён меорад. Тибқи арзёбиҳои охири Шуъбаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2030 тахминан ба 11,6 млн нафар, дар соли 2050 ба 14,2 млн нафар ва дар соли 2100 ба 25,3 млн нафар мерасад.

15. Бо дарназардошти он ки соли 2017 52,7% ҳамаи кормандони бахши давлатӣ дар соҳаи маориф шуғл доштанд ва 9,6% шуғли расмиро кормандони соҳаи маориф ташкил медиҳанд, зарур аст, ки мақоми ихтисоси корманди соҳаи маориф барқарор карда шуда, афзоиши музди кор таъмин гардад, то ки он дар бахши давлатӣ рақобатпазир бошад.

16. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин гирифтори офатҳои табиии гуногун – тармафаровӣ, хушксолӣ, заминларза, обхезӣ, боришоти зиёд, лағжиш ва селобӣ мебошад, ки онҳо низ монеаи рушди устувор ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин, обшавии пиряххо, боришоти бардавом дар маҳалҳои кӯҳӣ барои обхезӣ шароит ба вуҷуд меоранд. Тоҷикистон дар минтақаи хатари баланди заминларза ҷойгир буда, қариб 63% аҳолӣ дар ноҳияҳои аз заминларза осебдида зиндагӣ мекунад. Аз соли 2010 то соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 145 заминларза ба қайд гирифта шудааст. Сарфи назар аз он ки заминларзаҳо нисбат ба обхезиҳо камтар рух медиҳанд, оқибати зарари онҳо бештар аст. Тибқи хулосаи ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 88% кӯдакон дар ноҳияҳои хатари баланди заминларзадошта зиндагӣ мекунанд. Аз нуқтаи назари осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим Тоҷикистон дар байни

кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад ва вазъият бо сабаби маҳдуд будани неруҳо барои мутобиқшавӣ ва вокуниш ба изтиробҳои такрорёбанда мушкилтар мегардад.

17. Тағйирёбии иқлим барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҷиддӣ аст. Дар назар аст, ки тағйирёбии иқлим ба афзоиши ҳодисаҳои гидрометеорологӣ, зиёдшавии зудӣ ва шиддатнокии обхезиҳо ва селобҳо оварда мерасонад, ки дар кишвар аз ҳамаи офатҳои дигар бештар мушоҳида мешаванд. Аз 180 кишвари узви Ташаббуси мутобиқшавии глобалии Нотр-Дам (ND-GAIN) Тоҷикистон 81-ум мамлакати бештар осебпазир ва 48-ум кишвари аз ҳама кам омода мебошад. Бархилофи кишварҳои дигар осебпазирии ҷории он идорашаванда аст. Тибқи шохиси Ташаббуси глобалӣ оид ба мутобиқшавии Нотр-Дам (шохиси кишварии ND-GAIN), ки осебпазирии кишварҳоро ба тағйирёбии иқлим ва масъалаҳои дигари глобалӣ ва омодагии онҳоро ба тақвияти устуворӣ ва мутобиқшавӣ муайян мекунад, баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар баробари масоили офатҳо дар оянда бештару беҳтар мутобиқ гардад. Вобаста ба ин, офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҳаёту некуаҳволии кӯдаконро таҳти хатар мегузорад.

## §2. Фазои сохторӣ (институтсионалӣ)-и соҳаи маориф

18. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (боби 2, моддаи 10, банди 5) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд:

- томактабӣ;
- таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ);
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти олии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таҳсилоти иловагӣ;
- таҳсилоти махсус;
- муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

19. Сохтори таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст:

Ҷадвали 1. Сохтори таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Синну соли таълимгирандагон | Сол, таълим, синф | Зинаҳои таҳсил |
|---|---|---|
| 1-3-сола | 3 сол | Таҳсилоти томактабӣ (ширхоргоҳҳо ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4-6-сола | 3 сол | кӯдакистонҳо) | | |
| 7-10-сола | синфҳои 1-4 | Таҳсилоти ибтидоӣ – зинаи 1-уми таҳсилоти умумӣ (ҳатмӣ) | | |
| 11-15-сола | синфҳои 5-9 | Таҳсилоти умумии асосӣ – зинаи 2-юми таҳсилоти умумӣ (ҳатмӣ) | | |
| 16-17-сола | синфҳои 10-11 | Таҳсилоти миёнаи умумӣ (зинаи 3-юм, бо хоҳиш) | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ |
| 18-21-сола | 4 сол | Бакалавриат | | |
| 22-23 (22-24)-сола | 2 сол (3 сол) | Магистратура | | |
| Аз 23-солагӣ | 3 сол | Докторантура (PhD) | | |
| 25-сола ва боло | | Таҳсилоти иловагӣ | | |
| | | Таҳсилоти махсус | | |

Таълим ва такмили ихтисос дар истеҳсолот

Таҳсилоти кӯтоҳмуддат: расмӣ, ғайрирасмӣ ва худомӯзӣ

§3. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ

20. Дар даврони истиқлолияти мамлакат маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамоянд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ барои дигаргунсозии низоми маориф, комёб шудан ба дастрасии баробар ба таҳсилот, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи таҳсилот дар байни аҳолӣ равона шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба такмил ниёз дорад, то ки муқаррарот оид ба баробарии гендерӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мушаххас карда шавад.

21. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои риоя намудани стандартҳои байналмилалӣ дар бахши ҳуқуқи инсон ва озодии бунёдии ӯ дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти умумии асосӣ ва баробарии пурраи мардону занонро кафолат медиҳад. Дар моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, ки ҳар шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими

миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

22. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 қонуни асосиро дар бар мегирад, ки фаъолиятро дар соҳаи маориф танзим менамояд: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи Парки технологӣ». Баъзе аз онҳо солҳои охир аз нав баррасӣ гардидаанд ва ё дар таҳрири нав қабул гардидаанд.

23. Илова ба қонунҳои номбурда, ки фаъолияти соҳаи маорифи Тоҷикистонро танзим мекунанд, қонунҳои дигаре низ амал мекунанд, ки ба раванди таҳсилот таъсир мерасонанд.

24. Аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад, ки он ба муттаҳидсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф мусоидат мекунад.

## БОБИ 3. ЧОРЧӮБАИ СТРАТЕГИИ ИСЛОҲОТ

### §1. Алоқамандӣ бо афзалиятҳои миллӣ ва соҳавӣ

25. Ислоҳоти соҳаи маориф дар барномаҳои давлатии ҷорӣ инъикос ёфтааст, ки онҳо барои босифат амалӣ сохтан ва иҷро намудани мақсад ва вазифаҳои стратегии дарозмуҳлати соҳаи маориф мусоидат мекунанд. Стратегияи мазкур бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пурра мувофиқат мекунад.

26. Тибқи Стратегияи мазкур то соли 2030 ҷомеаи устувор, рушдёбанда, муттаҳид ва боадолатона дар арсаи байналмилалӣ бунёд меёбад. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчунин пайравии комилро ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор барои давраи то соли 2030 нишон медиҳад. Нишондиҳандаи асосии ниҳоии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 паст кардани сатҳи мутлақи камбизоатӣ то 50% ва пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, зиёд намудани хароҷоти давлатӣ ба таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, то ба 50% аҳолӣ расондани ҳиссаи табақаи миёнаҳол ва комёб шудан ба рушди гуногуншакл мебошад, ки барои гузаштан аз вобастагии кишоварзӣ ба иқтисодиёти бисёрсоҳавӣ имконият медиҳад.

27. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр шудааст, ки сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон номукаммал арзёбӣ мешавад, дастрасӣ ба таҳсилот бо сабаби нокифоя будани шумораи муассисаҳои таълимии томактабӣ, инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ дар минтақаҳо ва касбияти ҳайати омӯзгорон мушкил гардидааст. Монеаҳои дигар дар роҳи беҳтар кардани натиҷаҳои таҳсилот нокифоя будани дастрасӣ ба шароити беҳтари санитарию обтаъминкунӣ дар муассисаҳои таълимии деҳот ва ҳамчунин нобаробарӣ дар дастрасии таҳсилот байни ҷинсҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад.

28. Афзалиятҳои стратегииии соҳаи маориф дар фасли «Рушди сармояи инсонӣ» (бахши иҷтимоӣ)-и Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин муайян гардидаанд:

- таъмини баробарӣ ва дастрасӣ ба таҳсил;
- беҳтар намудани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо;
- баланд бардоштани устувории молиявӣ ва самаранокӣ дар соҳаи маориф;
- ташкил ва рушди шабакаи касбии миллии таҳқиқот ва ихтирооти илмӣ-техникӣ бо такя ба технологияҳои сарфакунандаи захираҳо дар шароити барзиёдии неруи корӣ ва минтақаи кӯҳӣ.

29. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 пешниҳод намуданд, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас, солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор шудааст, ки ба татбиқи чорабиниҳои ба омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бахшидашуда, аз ҷумла тавассути баргузории ҳамасолаи олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ аз фанҳои мазкур дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва ба тарзи шоиста ҳавасманд ва қадрдонӣ намудани ғолибони он тавaҷҷуҳи ҷиддӣ диҳад.

30. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 чунин қайд карданд: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Аз ин рӯ, мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем».

31. Бехатарии маҷмӯии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ барои аз байн бурдани камбизоатӣ байни наслҳо, ба вуҷуд овардани неру ва устувории хонандагон ва иттиҳодияҳои онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Мақсади бехатарии маҷмӯии муассисаҳои таълимӣ дар он аст, ки хонандагон ва ҳайати омӯзгорон аз ҳалокат, ҷароҳат ва зарар дидан дар муассисаҳои таълимӣ эмин бошанд, муттасилияти таҳсил бо дарназардошти ҳамаи хатарҳою таҳдидҳои эҳтимолӣ ба нақша гирифта шавад, ҳифзи сармоягузориҳо дар соҳаи маориф таъмин гардад ва тавассути таълим хатарҳо коҳиш дода шуда, устуворӣ таъмин гардад.

32. Доираи маҷмӯии бехатарӣ дар муассисаҳои таълимӣ, яъне доираи глобалӣ барои дастгирии Иттиҳоди глобалӣ оид ба хавфи офатҳо ва устувории соҳаи маориф (GADRRES) ва Ташаббуси умумиҷаҳонӣ барои мактабҳои бехатар (WISS) бо кумаки Стратегияи мазкур ва таҷрибаҳое, ки бо идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ҳамоҳанг гардонида мешаванд ва ҳамчунин дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ амалӣ мегардад. Доираи маҷмӯии бехатарӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба се бахши асосии зерин такя мекунад:

- иншоот ва воситаҳои таълимии бехатар (инфрасохтори ба офатҳои табиӣ тобовари муассисаҳои таълимӣ);
- идораи хатарҳои офатҳои табиӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- ба роҳ мондани таълим оид ба коҳиши хатарҳо ва тақвияти устуворӣ.

33. Иншоот ва воситаҳои таълимии бехатар метавонанд бо кумаки муносибати маҷмӯӣ ба лоиҳакашӣ бо дарназардошти устувории онҳо ба офатҳо, дастрасии бехатар ва доимӣ, ҳамчунин назорати сифат таъмин гарданд. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла мақомоти маориф, меъморон, муҳандисон, сохтмончиён ва кормандони дигари соҳаи маориф барои таъмини интихоби бехатари майдон, лоиҳакашӣ, сохтмон ва хизматрасонӣ зарур аст.

34. Мақомоти миллӣ ва маҳаллии давлатии идораи соҳаи маориф ва иттиҳодияҳои маҳаллӣ (аз ҷумла кӯдакон, омӯзгорон ва парасторон) қисми ҷудонопазири ҷараёни идораи хатарҳои офатҳои табиӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошанд. Ҳар як тарафи манфиатдор бо ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар ҳифзи бехатарии муҳити таълим ва банақшагирии таҳсилоти муттасил бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ нақши ҳаётан муҳим мебозад. Ин фаъолият низоми таъмини омодагӣ ва огоҳкунии саривақтӣ, сохтани харитаи хатарҳо, тамринҳои санҷишӣ ва таҳияи нақшаҳои идораи хатарҳои офатҳои табиӣ ва тартиби кори стандартиро барои ҳар як муассисаи таълимӣ дар бар мегирад.

35. Таълими коҳиши хатарҳо ва тақвияти устуворӣ барои тарбияи иттиҳодияҳои устувор ва фарҳанги бехатарӣ дар низоми маориф ниҳоят муҳим аст. Таҳияи воситаҳои таълимӣ барои таъмини бехатарӣ ва омодагӣ,

ҳамгироии таҳсилот бо барномаҳои таълимии расмӣ ва ғайрирасмӣ бо дарназардошти омилҳои иқлимии хатари офатҳо, тайёр кардани омӯзгорон ва чорабиниҳои дигари беруназсинфӣ намунаҳои чунин таълим мебошанд.

### §2. Робитаи мутақобилаи маориф бо афзалиятҳои байналмилалии рушд

36. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он самтҳои асосии ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 муайян шудаанд, таҳия ва барои татбиқ қабул гардидааст. Масъалаи рушди босуръати минбаъдаи неруи инсонӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати афзалияти маҷмӯӣ ва байнисоҳавӣ гузошта шудааст, ки дар доираи он масъалаҳои марбут ба маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва баробарии гендерӣ баррасӣ мешаванд.

37. 1 январи соли 2016 17 Ҳадафи рушди устувор то соли 2030 расман эътибор пайдо кард, ки ба Рӯзномаи нави соҳаи рушди устувор ворид гардида, аз ҷониби сарони кишварҳои ҷаҳон дар мулоқоти Созмони Милали Муттаҳид моҳи сентябри соли 2015 қабул шуда буд. Рӯзномаи нав бо такя ба муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки рушд ба гузариши кишварҳо ба арсаи рушди устувор равона шудааст. Ҳадафҳои рушди устувор дар назар дорад, ки сиёсатҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ ба тарзи маҷмӯӣ бо муттаҳид сохтани соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ барои ба даст овардани онҳо таҳия ва татбиқ гарданд. Ҳадафҳои рушди устувор ба кӯшиши «ҳеҷ кас аз қатор намонад» асос ёфта, ба кишварҳо тавсия медиҳад, ки сиёсати худро дар соҳаи рушд ва маблағгузорӣ ба ҳалли мушкилоти ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ хосбуда равона созанд.

38. Дастрасии умумӣ ба таҳсилоти босифат (Ҳадафҳои рушди устувори 4) ҳамчун афзалият дар маблағгузории давлатӣ ва ислоҳот боқӣ мемонад. Ҳадафҳои рушди устувори 4 «таъмини таҳсилоти босифати фарогиру одилона ва ҳавасмандсозии имконияти таҳсилро дар тамоми тӯли ҳаёт барои ҳама дар бар мегирад» ва аз иҷрои вазифаҳои зерин иборат аст (мутобиқи ҷадвали Ҳадафҳои рушди устувор).

Ҷадвали 2. Ҳадафҳои рушди устувор (Ҳадафҳои рушди устувори 4) дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030

| № | Тавсифи мухтасари ҳадаф |
|---|---|
| Ҳадафи рушди устувори 4.1 | То соли 2030 таъмини гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи бепул ва босифат барои духтарон ва писарон, ки имкон медиҳад то натиҷаҳои самараноки таҳсилро ба даст оваранд |

| | |
|---|---|
| Ҳадафи рушди устувори 4.2 | То соли 2030 ба ҳамаи духтарон ва писарон таъмин намудани дастрасӣ ба низомҳои босифати рушд, нигоҳубин ва таълими томактабии кӯдакони хурдсол барои омодасозии онҳо ба таҳсилоти минбаъдаи ибтидоӣ |
| Ҳадафи рушди устувори 4.3 | То соли 2030 таъмин намудани дастрасии баробар ба таҳсилоти арзони касбӣ-техникӣ барои тамоми мардон ва занон, аз он ҷумла таҳсил дар донишгоҳ |
| Ҳадафи рушди устувори 4.4 | То соли 2030 комилан зиёд намудани шумораи ҷавонон ва болиғони соҳиби малакаҳои зарурӣ, аз ҷумла малакаҳои касбӣ-техникӣ, дарёфти шуғл, кори арзанда ва соҳибкорӣ |
| Ҳадафи рушди устувори 4.5 | То соли 2030 аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ дар соҳаи маориф ва таъмин намудани дастрасии баробар ба таҳсилот ва омодагии касбӣ-техникии тамоми сатҳҳо барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон, намояндагони халқҳои маҳаллӣ ва кӯдакони дар ҳолати осебпазирӣ қарордошта |
| Ҳадафи рушди устувори 4.6 | То соли 2030 таъмин намудани он ки тамоми ҷавонон ва қисми зиёди аҳолии калонсол, ҳам мардон ва ҳам занон хондан, навиштан ва ҳисоб кардан тавонанд |
| Ҳадафи рушди устувори 4.7 | То соли 2030 таъмин намудани он ки тамоми хонандагон дониш ва малакаҳои зарурӣ барои мусоидат ба рушди устуворро ба даст оваранд, аз он ҷумла тавассути омӯзиши масъалаҳои рушди устувор ва тарзи ҳаёти устувор, ҳуқуқҳои инсон, баробарии гендерӣ, тарғиби фарҳанги сулҳ ва меҳрубонӣ, шаҳрвандии ҷаҳон ва дарки арзишҳои гуногунрангии фарҳангӣ ва саҳми фарҳанг дар рушди устувор |
| Ҳадафи рушди устувори 4.8 | Ташкил ва такмил додани муассисаҳои таълимие, ки манфиатҳои кӯдакон, ниёзҳои махсуси маъюбон ва ҷанбаҳои гендериро ба ҳисоб мегиранд ва таъмин намудани муҳити самараноки бехавф ва аз зӯроварӣ ва монеаҳои иҷтимоӣ озод барои ҳамагон |
| Ҳадафи рушди устувори 4.9 | То соли 2030 бештар зиёд намудани миқдори стипендияҳо дар тамоми ҷаҳон, ки ба кишварҳои дар ҳоли рушд, махсусан ба кишварҳои кам рушднамуда, кишварҳои ҷазиравии дар ҳоли рушд ва кишварҳои Африқо барои гирифтани таҳсилоти олӣ, аз ҷумла таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва таҳсил дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, барномаҳои техникӣ, муҳандисӣ ва илмӣ дар кишварҳои мутараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли рушд дода мешаванд |

| | |
|---|---|
| Ҳадафи рушди устувори 4.10 | То соли 2030 бештар зиёд намудани шумораи омӯзгорони баландихтисос, аз ҷумла тавассути ҳамкории байналмилалӣ дар тайёр намудани омӯзгорон дар кишварҳои дар ҳоли рушд, махсусан дар кишварҳои кам рушдкарда ва кишварҳои хурди ҷазиравии дар ҳоли рушд |

39. Ғайр аз нишондиҳандаҳои асосии Ҳадафи рушди устувори 4 ҳамаи зинаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон беистисно барои ба даст овардани ҳадафҳои дигари рушди устувор, аз ҷумла Ҳадафи рушди устувори 5 – баробарии гендерӣ, Ҳадафи рушди устувори 8 – кори арзанда ва рушди иқтисодӣ, Ҳадафи рушди устувори 10 – кам кардани нобаробарӣ, Ҳадафи рушди устувори 11 – шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини устувор, Ҳадафи рушди устувори 12 – истеъмол ва истеҳсоли оқилона, Ҳадафи рушди устувори 13 – мубориза бо тағйирёбии иқлим, Ҳадафи рушди устувори 17 – ҳамкорӣ ба манфиати рушди устувор метавонанд таъсири қобили назар дошта бошанд. Ба даст овардани Ҳадафҳои рушди устувор дар ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти ҳам амудӣ ва ҳам уфуқиро дар соҳаи идоракунии давлатӣ тақозо мекунад.

40. Соли 2018 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 ихтиёран Маърӯзаи миллиро оид ба рафти татбиқи асноди стратегӣ таҳия намуд, ки он дар сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид дастрас мебошад. Дар ҳисобот нобаробарии гендерии байни мардону занон дар бахши таҳсилоти ибтидоии касбӣ, дар сатҳи зарурӣ набудани сатҳи таҳсилот дар байни иштирокчиёни бозори меҳнат, ҳамчунин масъалаҳои дигари марбут ба соҳаҳои маориф ва илм таъкид гардидаанд.

41. Дар бахши васеъ намудани дастрасӣ ба таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо ва афзоиши фарогирӣ ба таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла занон ва духтарон, муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шудаанд, вале ин масъала ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст. Умуман, сабабҳои ба таъмини таҳсилот монеъшаванда аз камбуди омӯзгорони тахассусӣ ва дастрасӣ ба муассисаҳои таълимии мувофиқ иборатанд. Барои ба хонандагони деҳот додани стипендия, такмили ихтисоси омӯзгорон, сохтмони муассисаҳои таълимии муосир, беҳтар намудани таъминот бо об ва барқ зарурати маблағгузорӣ ба миён меояд. Гирифтани таҳсилоти босифат барои беҳтар намудани шароити зиндагонии одамон ва таъмини рушди устувор заминаҳои хуб фароҳам месозад.

42. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва коршиносон аз рӯйи натиҷаҳои машваратҳои мавзӯӣ шохиси алоқамандиҳои мустақим ва ғайримустақими комёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳамчунин мувофиқати ҳадафҳои стратегии миллӣ ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи соли 2030 ба Ҳадафҳои рушди устувор таҳия намуд. Ин имкон дод, ки

барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳадафҳои рушди устувори афзалиятнок, ки самараи мусбати хоса доранд, муайян карда шаванд. Ҳадафи рушди устувори 4, ки ба соҳаи маориф дахл дорад, яке аз чунин Ҳадафҳои афзалиятноки рушди устувор мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои дигар таъсири ҳамаҷониба мерасонад (мутобиқи ҷадвали сатҳи робитаҳои мутақобила).

Ҷадвали 3. Сатҳи робитаи мутақобилаи Ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Сатҳи Мутақобила | Тавсифи мутақобила | Шарҳи мутақобила |
|---|---|---|
| +3 | Ҷудонопазирӣ | Робитаи ногузир бо муваффақияти ҳадафи дигар |
| +2 | Тақвиятбахшӣ | Мусоидат барои ноил шудан ба ҳадафи дигар |
| +1 | Муҳайё кардани шароит | Фароҳам овардани шароит барои пешрафти ҳадафи дигар |
| 0 | Мувофиқат | Мавҷуд набудани таъсироти назаррас |
| -1 | Омили боздоранда | Маҳдудияти имкониятҳо барои пешрафти ҳадафи дигар |
| -2 | Муқовимат | Бархӯрди манфӣ бо ҳадафи дигар |
| -3 | Истиснои мутақобила | Имконнопазир будан барои ноил шудан ба ҳадафи дигар |

43. Ҳадафҳои рушди устувор (Ҳадафи рушди устувори 4 – таҳсилоти босифат) барои ноил шудан ба ҳадафҳои дигари рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо шохиси 1,63) дорои хусусиятҳои назарраси таъсиррасон мебошад.

## §3. Чорчӯбаи стратегияи ислоҳоти маориф барои давраи то соли 2030

**Саҳм (захираҳо)** → **Натиҷаҳои миёнамуҳлат** → **Натиҷаҳои дарозмуддат** → **Таъсир (интизорӣ)**

### Саҳм (захираҳо)

1. Маблағгузории давлатӣ дар соҳаи маориф
2. Манбаъҳои даромади хусусии муассисаҳои таълимӣ
3. Дастгирии техникии шарикони рушд
4. Қарзҳо аз донорҳои дуҷониба ва бисёрҷониба
5. Саҳми волидайн ва аъзои дигари оилаи хонандагон
6. Ҳиссагузорӣ ва маблағгузории муштарак аз ҷониби бахши хусусӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ

### Натиҷаҳои миёнамуҳлат

1. Васеъ кардани фарогирӣ ва дастрасӣ ба таҳсилоти босифати рушди барвақтии кӯдак ва умумӣ
2. Беҳтар намудани ҳавасмандӣ ва дастрасӣ ба таҳсилоти касбии техникӣ
3. Беҳтар намудани дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ
4. Густариш ва татбиқи низоми таълими давомдор барои ҳама
5. Таъмини фарогирии таҳсилот барои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ
6. Коҳиши сатҳи хориҷ шудани хонандагон аз муассисаҳои умумӣ
7. Таъмини шароити бехатар ва мусоиди иҷтимоӣ барои таҳсил дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва илм

1. Тақвияти неруи кадрии кормандони соҳаи маориф
2. Ташкили низоми самаранок ва тағйирпазири тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ва илм дар ҳамаи сатҳҳо
3. Баланд бардоштани ҳавасмандии касбии омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи маориф дар ҳамаи сатҳҳо ва минтақаҳо
4. Татбиқи низоми самаранок ва механизмҳои институтсионалии арзёбии сифати таълим (дар ҳамаи зинаҳо) дар асоси муносибати босалоҳият
5.Таъмини низоми босифати рушди барвақтии кӯдак
6. Ҷорӣ намудани барномаи таълими муосир дар таҳсилоти умумӣ, ки ба муносибати босалоҳият асос ёфта, ҷавобгӯйи талаботи асри XXI мебошад
7. Таҳия ва татбиқи стандартҳо, чорчӯбаи тахассусӣ ва маводи дигари таълимӣ дар таҳсилоти касбӣ, ки ба талаботи бозори меҳнат зич алоқаманданд
8. Таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо бахши хусусӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ
9. Рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва фароҳам сохтани муҳити мусоиди он барои ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои маориф ва илм

1. Таҳкими ҷараёни ҳамоҳангсозии ислоҳот дар соҳаи маориф ва илм
2. Истифодаи дурусти маълумоти ҷамъоваришуда ва ҷараёни қабули қарорҳо дар ҳамаи зинаҳои соҳаҳои маориф ва илм
3. Таҳкими низоми идораи молияи давлатӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла робитаи ислоҳот бо маблағгузорӣ
4. Ҷорӣ намудани низоми самарабахши мониторинг ва арзёбии татбиқи ислоҳоти сохторӣ ва институтсионалӣ дар соҳаҳои маориф ва илм

### Натиҷаҳои дарозмуддат

1. ТАЪМИНИ ДАСТРАСИИ БАРОБАР ВА ИШТИРОК ДАР ТАҲСИЛ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲО БАРОИ ҲАМА ДАР ТӮЛИ ЗИНДАГӢ

2. БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТ ВА МУҲИММИЯТИ ТАҲСИЛОТ ВА ИЛМ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲО

3. ТАҚВИЯТИ НИЗОМИ САМАРАНОКИ ИДОРАИ СОҲАҲОИ МАОРИФ ВА ИЛМ

### Таъсир (интизорӣ)

Низоми самарабахши маориф ва илм, ки имкониятҳои фарогир ва баробарро таъмин мекунад ва ба ташаккули салоҳият, рушди зеҳнӣ, бакортаъминкунӣ (шуғл) ва беҳбудии некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад

# БОБИ 4. САМТҲОИ КАЛИДИИ ИСЛОҲОТ

## §1. Таҳсилоти томактабӣ

44. Бо дарназардошти бартарии ҷавонон дар таркиби аҳолӣ ва баланд будани сатҳи таваллуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути маблағгузорӣ намудан ба насли ҷавон барои барҳам додани камбудиҳои дар бахши сармояи инсонӣ мавҷуда қадамҳои устувор мегузорад. Маблағгузорӣ ба инкишофи босифати барвақтии кӯдакон ва нигоҳубини онҳо ҳаётан муҳим аст, зеро ин навъи маблағгузорӣ ба шарофати беҳтар намудани саломатии кӯдакон, таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти томактабӣ ва сифати он, ҳамчунин тавассути рушди когнитивӣ ва психологӣ аз даврони кӯдакӣ ба боздеҳии баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар оянда оварда мерасонад.

45. Таҳсилоти томактабӣ ба пешниҳод намудани хизматрасонӣ барои рушди кӯдак равона шуда, барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти томактабӣ кӯдакони аз 1,5 то 7-соларо дар бар мегирад. 87% хизматрасониҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муассисаҳои таълимии давлатӣ пешниҳод мешаванд. Айни замон, дар кишвар муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ низ фаъолият доранд, ки хизматрасониҳои пулӣ (пардохтӣ) пешниҳод мекунанд. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф 67% кӯдакони бо таҳсилоти томактабӣ фаро гирифташуда дар кӯдакистонҳои рӯзона, 32% дар марказҳои инкишофи кӯдакон ва 1% дар муассисаҳои таълимии статсионарӣ фаро гирифта шудаанд.

46. Соли таҳсили 2018-2019 дар ҷумҳурӣ 2433 муассисаи таълимии томактабӣ ва маркази инкишофи кӯдакон бо фарогирии 151896 нафар кӯдаки аз 1,5 то 7-сола фаъолият мекарданд. Қисми зиёди муассисаҳои таълимии томактабиро марказҳои инкишофи кӯдакон ташкил медиҳанд (1771 адад ё худ 72,7% аз шумораи умумӣ). Аввалин марказҳои инкишофи кӯдакон бо дастгириии шарикони рушд соли 2010 таъсис дода шуданд ва солҳои баъдӣ бемайлон афзоиш ёфтанд. Дар натиҷа шумораи марказҳои ишкишофи кӯдакон аз 511-тои соли 2010 дар соли 2019 то ба 1771-то зиёд шуд. Барои муқоиса, камтар аз 6,9% муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ ва 3,3% онҳо идоравӣ (соҳавӣ) буда, аксаран дар шаҳрҳо ва маркази ноҳияҳо ҷойгир шудаанд.

47. Аз соли 2010 то соли 2019 сатҳи фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ зиёда аз ду маротиба афзуда, зиёдшавии он идома дорад. Шумораи умумии кӯдакони то 7-сола аз соли 2000 то соли 2019 25,7% афзудааст. Фарогирии кӯдакони 3-6-сола ба таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 15,9%-ро ташкил дод. Дар сатҳи

зарурӣ набудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таълимии томактабӣ, асосан, ба се омили калидӣ вобаста аст:

- дар сатҳи зарурӣ набудани дастрасӣ, махсусан дар деҳот;
- набудани сифати зарурии хизматрасонӣ;
- сатҳи камбизоатии аҳолӣ.

48. Ба ҳисоби миёна ба ҳар як ноҳияи кишвар 5,5 муассисаи таълимии томактабӣ рост меояд, вале шумораи воқеии онҳо метавонад вобаста ба зичии аҳолӣ ва омилҳои дигар аз 1 то 45 адад тағйир ёбад (ба истиснои шаҳри Душанбе, ки дар он 132 муассисаи таълимии томактабӣ фаъолият мекунад). Дар баъзе ноҳияҳо барои 10000 ё 12000 кӯдаки синни томактабӣ фақат як муассисаи таълимии томактабӣ рост меояд.

49. Фарогирии кӯдакони 1-6-сола ба таҳсилоти томактабӣ дар соли 2019 11,3%-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2015 2,1% зиёдтар, аммо нисбат ба соли 2012 1,1% камтар мебошад. Соли 2018 фарогирии кӯдакони 3-6-сола 14,7%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2012 0,9% ва нисбат ба соли 2015 6,7% зиёдтар аст. Айни замон, фарогирии кӯдакон дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот ба маротиб бештар аст. Пешниҳод намудани хизматрасониҳои хусусии таҳсилоти томактабӣ рӯ ба афзоиш аст, вале ҳанӯз ҳам аз нишондиҳандаҳои интизории Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қафо мондааст.

Ҷадвали 4. Намудҳои муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ аз рӯйи шакли моликият дар соли 2018

| Намудҳои муассиса | Шумораи муассисаҳо | Шакли моликият | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Давлатӣ | Хусусӣ | Идоравӣ (соҳавӣ) |
| Ширхоргоҳ | 1 | 1 | 0 | 0 |
| Ширхоргоҳ-кӯдакистон (аз ҷумла, муассисаи таълимии махсус) | 348 | 296 | 33 | 19 |
| Кӯдакистон | 300 | 218 | 68 | 14 |
| Кӯдакистон-муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоӣ | 13 | 6 | 6 | 1 |
| Маркази инкишофи кӯдакон | 1771 | 1663 | 61 | 47 |
| Ҳамагӣ: | 2433 | 2184 | 168 | 81 |

Эзоҳ: ба истиснои муассисаҳои таълимии статсионарӣ

50. Барномаи марказҳои инкишофи кӯдакон барои кӯдакони 6-сола таъйин гардидааст, вале марказҳо кӯдакони 4-6-соларо фаро мегиранд. Аз ин рӯ, кӯдакони 4-5-сола, ки ба марказҳои инкишофи кӯдакон солҳои пешина мерафтанд, ҳамон нақшаи таълимро дар соли баъдӣ низ мегузаштанд. Ҳарду барнома – барномаи «Рангинкамон» ва барнома барои марказҳои инкишофи кӯдакон ба мусоидати ҳамаҷонибаи рушди кӯдак равона шудаанд: рушди когнитивӣ, ҷисмонӣ ва эҳсосӣ-иҷтимоӣ,

ҳамчунин рушди қобилият ба омӯзиш. Аз ҷумла тамсила (модел)-и марказҳои инкишофи кӯдакон ба ҳалли масъалаҳои дастрасӣ ба таҳсилоти томактабӣ тавассути фарогирии кӯдакони маҳалҳои дурдасти деҳот бо сатҳи пасти дастрасӣ бо таълими барвақтӣ дар кишвар равона шудааст. Самаранокии иқтисодии марказҳои инкишофи кӯдакон ба он алоқаманд аст, ки гурӯҳҳои инкишофи барвақтии кӯдакон синфхонаҳои холии муассисаҳои таълимиро истифода мебаранд, маводи таълимии на чандон қиматро пешниҳод мекунанд ва падару модаронро барои таъмини пешниҳоди муттасили хизматрасониҳои таълимӣ дар хона сафарбар мекунанд.

51. Барномаи асосӣ ва ҳатмӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ барномаи таълими «Рангинкамон» ба шумор меравад, ки соли 2012 барои тамоми намудҳои муассисаҳои таълимии томактабии рӯзона тасдиқ шудааст. Ҳадафи асосии ин барнома, ки бо истифода аз Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2014) ва Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7 (6)-сола) (2010) таҳия шудааст, мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, эҳсосотӣ (эмотсионалӣ), иҷтимоӣ ва шахсӣ, ҳамчунин инкишофи нутқ ва азхудкунии дониш дар синну соли 1,5-6-солагӣ аст. Дар марҳилаи ҳозира ин барнома ба такмилу тағйирот дар асоси муносибатҳои нави муосир ба таҳсилоти томактабӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ ниёз дорад.

52. Соли 2019 дар муассисаҳои таълимии томактабӣ 536 кӯдаки имконияташон маҳдуд, аз он ҷумла 234 духтар таълим мегирифтанд. Дар байни кӯдакони имконияташон маҳдуд 366 кӯдак бо норасоии ақлонию фикрӣ, 170 – норасоии биноӣ, 55 – норасоии шунавоӣ, 41 – норасоии нутқ ва 19 нафар дорои ҷароҳатҳои сутунмуҳра буданд. Сарфи назар аз муайян гардидани афзалиятҳо оид ба фароҳам сохтани муҳити мусоиди физикӣ барои кӯдакони талаботи махсусдошта дар муассисаҳои таълимии томактабии маъмулӣ роҳҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар сатҳи хизматрасониҳо хеле кам мутобиқ шудаанд ва низоми таҳсилоти томактабӣ пешбурди самараноки онро таъмин карда наметавонад. Зикр намудан ба маврид аст, ки дар тамоми намудҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ шароити хуби дастрасии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсилот вуҷуд надорад.

53. Қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2011-2015 ва 2016-2020) ба фароҳам сохтани шароит барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат намуд. Бо вуҷуди ин, имконияти муассисаҳои таълимии томактабӣ барои пешниҳод намудани хизматрасонӣ ба кӯдакони имконияташон маҳдуд нокифоя аст.

54. Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи кӯдакони синни томактабии имконияташон маҳдуд аз ҷониби мақомоти иҷроияи

ҳокимияти давлатӣ муассисаҳои таълимии томактабии махсус таъсис дода шудаанд, ки онҳо 1285 кӯдак (аз ҷумла 535 духтар)-и аз 2 то 8-соларо фаро гирифта, хизматрасонии таълимӣ ва тиббиро амалӣ мекунанд. Дар баъзе муассисаҳои таълимии томактабии махсус гурӯҳҳои шабонарӯзӣ фаъолият мекунанд ва онҳо метавонанд кӯдаконро аз ноҳияҳои наздик фаро гиранд. Чор муассисаи таълимии махсус хизматрасонӣ ва нигоҳубини кӯдаконро ройгон ба амал мебарорад ва тамоми хароҷот аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад. Вале волидоне, ки мехоҳанд кӯдакони имконияташон маҳдуди худро на ба муассисаҳои таълимии махсус, балки ба муассисаҳои таълимии томактабии маъмулӣ диҳанд, аз пардохти хизматрасониҳои таълимӣ ва тиббӣ озод карда намешаванд.

55. Омода набудани инфрасохтори муассисаҳои таълимии томактабӣ, чун қоида, сатҳи давомоти кӯдаконро паст мекунад. Аз ҷумла муассисаҳои таълимии томактабии дар замони Шӯравӣ сохташуда ва ҳатто навбунёд ба стандартҳои пешинаи сохтмонии муассисаҳои таълимии томактабӣ такя мекунанд. Ин стандартҳо дорои анъанаи қавии ба меъёрҳои санитарию гигиенӣ, консепсияҳои рушд ва нигоҳубини кӯдакон асосёфта мебошанд. Вобаста ба ин, риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди татбиқи амалии он дар даҳсолаи охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, то имрӯз яке аз масъалаҳои хеле мураккаб боқӣ мемонад.

56. Афзоиши миқдори муассисаҳои таълимии томактабӣ аз ҳисоби таъсиси муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ ба амал меояд. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар соли 2019 дар ҷумҳурӣ 107 муассисаи таълимии томактабии хусусӣ фаъолият мекард. Ҳамасола аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ муассисаҳои таълимии томактабии нав сохта ва мавриди истифода қарор дода мешаванд. Суръати таъсиси муассисаҳои таълимии томактабии нав нисбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар сатҳи зарурӣ нест. Ин, пеш аз ҳама, ба гаронии арзиши аслии муассисаҳои таълимии томактабии будубоши рӯзона пурра алоқаманд аст. Сохтмону таҷҳизонидани стандартии муассисаҳои таълимии томактабӣ барои 150 ҷой қариб 8 млн сомонӣ, арзиши миёнаи солонаи хизматрасонӣ 380000 сомониро ташкил медиҳад. Ин нисбат ба сохтмони маркази инкишофи кӯдакон ва ё муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ барои ҳамин қадар ҷой чанд маротиба гаронтар аст. Барои намуна, хароҷоти ҳадди ақалли амалиётии як маркази инкишофи кӯдакон барои 25 ҷой дар як сол 100000 сомониро ташкил медиҳад. Хӯроки кӯдакон хароҷоти иловагиро талаб мекунад, ки онро имрӯз муассисаҳои таълимии томактабӣ таъмин карда наметавонанд, ба шарте ки мақомоти дахлдор оид ба риояи стандартҳои зарурии сифати озуқаворӣ ба онҳо гузашт накунанд.

57. Баррасии нисбатан васеи масъалаҳои марбут ба тарроҳӣ (дизайн)-и муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муҳити таълими

барвақтӣ низ муҳим мебошад. Муассисаҳои таълимии муосир, аз ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд ба тарзе лоиҳакашӣ шуда бошанд, ки самаранокии иқтисодӣ ва энергетикӣ, шаффофият ва тағйирпазирии фазои таҳсилот, ҳамчунин ҳаракати озодонаро дар ин фазо таъмин карда тавонанд.

58. Шумораи умумӣ ва сифати кадрҳои омӯзгорӣ омили муҳимми инкишофи муассисаҳои таълимии томактабӣ буда, ба рушди кӯдак зич алоқаманд аст. Соли 2019 дар муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ 8299 омӯзгор кор мекарданд. Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳамаи кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ё олии касбии омӯзгорӣ дошта, бо дониши психологии томактабӣ ва педагогикаи базавии коррексионӣ мусаллаҳ бошанд. Соли 2019 аз 8299 корманди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ танҳо 35,3% тахассуси омӯзгорӣ (таҳсилоти миёна ва олии касбӣ) доштанд.

59. Сарфи назар аз паст будани сифати таҳсилоти омӯзгорӣ, имрӯз дар масъалаи дастрасӣ ба таҳсилоти омӯзгорӣ монеаи қобили назар вуҷуд надорад. Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар чандин муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки дар ноҳияҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои дурдаст ҷойгир шудаанд, ба амал бароварда мешавад. Бинобар ин, дар Тоҷикистон дар масъалаи дастрасӣ ба таҳсилоти омӯзгорӣ мушкилӣ вуҷуд надорад.

60. Соли 2019 аз 496 мудири муассисаҳои таълимии томактабӣ 249 нафар таҳсилоти олии омӯзгорӣ доштанд. Ба ғайр аз ин, теъдоди умумии мураббияҳо дар давраи солҳои 2015-2019 ба андозаи 11,9% афзоиш ёфт, вале дар байни минтақаҳо ҳоло ҳам тафовути ҷиддӣ ба мушоҳида мерасад. Сатҳи таҳсилоти кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳаҳо баландтар аст.

61. Маълумот дар бораи он ки 46% кормандон таҳсилоти омӯзгорӣ надоранд ва 1,6% онҳо фақат таҳсилоти умумӣ доранд, ба норасоии кадрҳои ихтисосманд, ки бештар дар деҳот ба назар мерасад, ишора мекунад. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф 98% омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабиро занон ташкил мекунанд. Вале маълумот дар бораи синну соли миёнаи кормандон ва собиқаи корӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ мавҷуд нест, ки таҳлил ва банақшагирии тайёр кардани кадрҳоро маҳдуд месозад.

62. Сифати кадрҳои омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арзёбӣ ниёз дорад. Барои арзёбии сифат, муҳиммият ва самаранокии таълим равиш ва тарзу усулҳои ба низом даровардашуда вуҷуд надоранд. Масалан, надоштани салоҳиятҳои омӯзгорӣ миёни омӯзгорони шаҳодатномадошта аз он шаҳодат медиҳад, ки сифати тайёр кардани кадрҳо ба мақсад мувофиқ нест. Азбаски чорчӯбаи миллии тахассусӣ ҳанӯз таҳия нашудааст, ҳангоми таҳияи курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ аз стандартҳои давлатии

таҳсилоти томактабӣ, стандарти таълим ва рушди барвақтӣ ва барномаи «Рангинкамон» истифода мебаранд.

63. Солҳои охир дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардани мутахассисон оид ба логопедия ва сурдопедагогика, ки барои муассисаҳои таълимии томактабӣ хеле заруранд, афзудааст. Таҳкими неруи кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии томактабӣ метавонад аз ҳисоби бозомӯзии кадрҳое, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ на кам аз 5 сол кор кардаанд, тавассути Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он ба амал бароварда шавад. Ба ғайр аз ин, интихоби кадрҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ шавад. Дар ниҳояти кор, омӯзгори кӯдакони синни томактабӣ бояд дониши педагогию психологии томактабӣ ва педагогикаи коррексионӣ дошта бошад. Тайёр кардани мутахассисон барои кор бо кӯдакони имкониятašон маҳдуд низ имрӯз яке масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

64. Вобаста ба фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни тарбия ва таълими кӯдакон се вазифа калидӣ ҳисобида мешавад:

- мураббии калон, ки ба мураббияҳо кумак мерасонад;
- омӯзгори фаннӣ;
- мураббия.

65. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар соли 2019 ба ҳисоби миёна 51% кормандон аз рӯйи ин се вазифа дорои таҳсилоти омӯзгорӣ мебошанд. Аз онҳо мураббияҳои калон – 55,6%, омӯзгорон – 61,2% ва мураббияҳо – 49,5%-ро ташкил медиҳанд. Вале дар ин миён вазифаи ёвари мураббӣ нофаҳмо мемонад, зеро ухдадориҳои вазифавии ӯ мушаххас нест, ӯ ба ухдадориҳои вазифавӣ мувофиқат намекунад. Дар ҳоли ҳозир санаде, ки ухдадориҳои вазифавиро аниқ карда, талаботи тахассусиро барои кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ нишон диҳад, вуҷуд надорад.

66. Курсҳои такмили ихтисоси кормандони касбии маориф ба низом дароварда шуда, таълим бо роҳи аз истеҳсолот ҷудо накардани шунавандагон гузаронида мешавад, ки онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунад. Айни замон, эҳтиёҷоти мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ таъминоти нисбатан тағйирпазир (чандир) ва таҳияи маводи таълимиро тақозо мекунад.

67. Тибқи муқаррароти меъёрӣ ҳар як омӯзгори муассисаи таълимӣ, аз ҷумла муассисаи  таълимии томактабӣ бояд дар 5 сол як маротиба ба курсҳои мутамарказ ҷалб гардад, дар сурате ки  барномаи курсҳо бояд ҳар 3 сол таҷдиди назар шавад. Дар барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ҳам дар таҳияи нақшаҳо ва ҳам механизми пешниҳоди хизматрасониҳои омӯзишӣ чандирӣ ба мушоҳида намерасад. Бояд зикр кард, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли дастурамал ва механизми

аз курсҳо гузаштан барои ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳатмист, вале кормандони касбии муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ барои иштирок дар курсҳои такмили ихтисос он қадар фаъол нестанд. Таҳияи барномаҳои умумии рушди касбӣ барои муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ ва хусусӣ метавонад ба табодули иттилоот ва таҷриба байни онҳо ва густариши шабакаи касбии кормандони бахш мусоидат кунад.

68. Маълумотнома оид ба маблағгузории маориф (1987) ягона ҳуҷҷатест, ки ҷадвали ҳайати кормандон ва намунаҳои пардохти музди меҳнатро дар бар гирифтааст. Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, ки соли 2017 тасдиқ шудааст, музди меҳнати категорияҳои гуногуни ҳайати кории муассисаҳои таълимии томактабиро муайян кардааст, аммо ҷадвали басти воҳидҳои корӣ инъикос наёфтааст. Дар баробари ин сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъзе имкониятҳоро барои пурра кардани ҷадвали вазифаҳо вобаста ба талаботи ҳақиқӣ фароҳам месозад, вале онро танҳо роҳбарони муассисаҳои таълимии томактабии дорои таҷриба ва ташаббус истифода мебаранд. Механизми нави маблағгузории сарикасӣ, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷорӣ карда шудааст, бояд ба такмили ҷадвали басти воҳидҳои корӣ ва уҳдадориҳои вазифавии кормандон мусоидат намояд.

69. Арзёбии сифати хизматрасониҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ низ ҳамчун яке масъалаҳои мушкили ҳалталаб боқӣ мемонад. То ҳоло дар ин самт дар сатҳи миллӣ ягон тадқиқот гузаронида нашудааст. Арзёбии муассисаҳои таълимӣ ва хизматрасониҳои томактабӣ дар соли 2016 нишон дод, ки сифати хизматрасонӣ дар маҷмӯъ паст буда, байни марказҳои инкишофи кӯдакон ва муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои таълимии томактабии шаҳр ва деҳот, муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ ва хусусӣ тафовути назаррас ба мушоҳида мерасад. Ин таҳқиқот дар доираи лоиҳаи Шарикии глобалӣ дар соҳаи таҳсилот (Шарикии глобалӣ дар соҳаи таҳсилот-4) аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд оид ба арзёбии сифати хизматрасониҳо дар байни 73 муассисаи таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон гузаронида шуд. Таҳлил ҳамчунин нишон дод, ки мушкилот дар муассисаҳои таълимии томактабии давлатии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба ҳам монанданд. Муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ ва идоравӣ (соҳавӣ) ба шарофати муассисони онҳо дорои инфрасохтори нисбатан инкишофёфта буда, дар муқоиса бо муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ хизматрасониҳои босифат дошта, дар вазъияти беҳтар қарор доранд ва метавонанд кормандони нисбатан баландихтисосро ҷалб намуда, онҳоро бо маводи таълимӣ-методии босифат таъмин кунанд.

70. Сифати таҳсилоти томактабӣ дар марказҳои инкишофи кӯдакон нисбат ба муассисаҳои таълимии томактабии анъанавӣ, новобаста ба

маҳалли ҷойгиршавӣ (шаҳр ё деҳа) начандон баланд аст. Қисми зиёди марказҳои инкишофи кӯдакон ба кӯдакон хондан, навиштан ва ҳисоб карданро ба тарзи одӣ ёд медиҳанд, вале ба омодагии ҳамаҷонибаи онҳо ба таҳсилоти ибтидоӣ кам аҳаммият медиҳанд. Ин аз он сабаб рух медиҳад, ки қисми зиёди марказҳои инкишофи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ҷойгиранд ва машғулиятҳо аз тарафи омӯзгорони мактабӣ, ки барномаи таҳсилоти томактабиро намедонанд ва аксари вақт бо синфҳои ибтидоӣ кор накардаанд, гузаронида мешаванд.

71. Муассисаҳои таълимии томактабии махсус ва муассисаҳои дигари таълимии томактабӣ барномаи давлатии «Рангинкамон»-ро истифода мебаранд, ки он ба эҳтиёҷоти кӯдакони имконияташон маҳдуд мутобиқ карда нашудааст. Дастурамалҳои махсус барои мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва маводи мусаввар барои кӯдакон вуҷуд надоранд.

72. Дар кишвар 6 муассисаи таълимии томактабии махсус, ки ба онҳо 1285 кӯдак (аз ҷумла, 535 духтар) шомиланд, барои кӯдакони биноияшон суст, барои кӯдаконе, ки бо шахсони гирифтори бемории сил наздикӣ доранд ва барои кӯдакони дорои норасоиҳои нутқ, вале бе норасоиҳои рушди ақлонӣ тахассус дода шудаанд. Монеаи дигар барои ҷалби кӯдакони имкониятошон маҳдуд ба ҷараёни таҳсил ба норасоии мутахассисони касбӣ ва паст будани сатҳи огоҳии кормандони соҳа аз бартарӣ ва муҳиммияти таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) вобаста аст.

73. Сифати хӯрок дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ба таври ҷиддӣ танзим мешавад, вале бо сабаби нарасидани захираҳои молиявӣ дар риояи он созишкорӣ низ ҷой дорад. Тибқи нархномаи соли 2017 тасдиқкардаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши хӯроки намунавӣ барои кӯдак дар як рӯз ба 18 сомонӣ баробар аст (бо дарназардошти беқурбшавии пул  (инфлятсия) ин нархнома соли 2019 наздик ба 20 сомониро ба як кӯдак дар як рӯз ташкил додааст). Тақсимоти воқеии маблағҳо барои хӯрок дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ба ҳисоби миёна дар минтақа соли 2017 ва бо дарназардошти пардохтҳои волидон дар як рӯз ба ҳар кӯдак ба 4,7 сомонӣ баробар буд.

74. Шумораи духтарони муассисаҳои таълимии томактабӣ нисбат ба шумораи писарон кам аст. Ҳиссаи духтарон дар фарогирии умумии муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ ва муассисаҳои дигари таълимии томактабӣ дар соли 2011 ва соли 2019 мутаносибан 43% ва 45%-ро ташкил мекунад. Аз нуқтаи назари баробарии гендерӣ мушкилоти ҷиддӣ мушоҳида мешавад, чунки шохиси баробарии гендерӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ аз 0,823 соли 2010 то ба 0,775 дар соли 2019 коҳиш ёфтааст. Фарогирии ҳамаи кӯдакон мутобиқи гурӯҳҳои синнусолӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ нисбатан паст буд ва ба ҳисоби миёна дар солҳои 2010-2019 4,9%-ро ташкил додааст.

75. Тафовути гендерӣ дар деҳот боз ҳам бештар аст. Соли 2019 ҳиссаи духтарон аз шумораи умумии кӯдакони ба муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷалбшуда 43,9%-ро ташкил дод, дар сурате ки ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 45,3% ва дар аввали солҳои 2000-ум ба ҳисоби миёна ба 46,5% баробар буд. Афзоиши нарх дар бозори дохилӣ ва норасоии муассисаҳои таълимии томактабӣ (аз ҷумла, марказҳои инкишофи кӯдакон) дар ноҳияҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ бо омилҳои дигари иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба коҳиши фарогир мусоидат намудааст.

76. Шохиси баробарии гендерӣ дар деҳот нисбат ба шаҳр зиёдтар аст. Шарҳи чунин ҳолат мушкил аст, зеро коэффитсиенти таваллудкунӣ, афзоиши табиии аҳолӣ, давомнокии миёнаи ақди никоҳ ва таркиби гендерии аҳолии ноҳияҳо нисбат ба нишондиҳандаҳои таркиби аҳолии кишвар бартарӣ доранд. Тафовути байни нишондиҳандаҳои шохиси баробарии гендерӣ дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳотро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки аксар гурӯҳҳои ҷавони аҳолӣ бо эҳтимолияти нисбатан баланди таваллудкунӣ ба шаҳрҳои калон муҳоҷират карданро ихтиёр мекунанд, ки он ҷо дастрасӣ ба муассисаҳои таълимии томактабӣ бештар аст.

77. Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бо таълим намояндагони ҳамаи миллатҳо – тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо, қирғизҳо, русҳо, тоторҳо ва миллатҳои дигар фаро гирифта шудаанд. Тоҷикон 83,3% (125552 кӯдак, аз ҷумла 56718 духтар), ӯзбекон 16,6% (25040 кӯдак, аз ҷумла 11575 духтар)-ро ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки ҳиссаи кӯдакони миллатҳои дигар ҳамагӣ наздик ба 1% (1304 кӯдак, аз ҷумла 594 духтар) баробар аст.

78. Чораҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини истифодаи забонҳои гуногуни таълим, махсусан дар бахши таъмин бо маводи таълимӣ андешида мешаванд, метавонанд ба таълими кӯдакони ақаллиятҳои миллӣ мусоидат намоянд, ҳарчанд забон омили асосии монеъкунанда ба дастрасии муассисаҳои таълимии томактабӣ нест. Чунин мушкилоти забонӣ, асосан, бо сабаби норасоии омӯзгорон – намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ва донандагони забони онҳо, ҳамчунин аз норасоии маводи таълимӣ ба забони давлатӣ ва забони ақаллиятҳои миллӣ ба миён меояд.

79. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти гурӯҳҳои ақаллиятҳои миллӣ бо забони модарии худашон ба амал бароварда мешавад. Волидайн бо хоҳиши худ метавонанд кӯдаконашонро ба ҳар кадом гурӯҳи забонӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии дастрас номнавис кунанд. Аммо, ҳатто дар муассисаҳои таълимии томактабие, ки гурӯҳҳо ба забони русӣ таълим мегиранд, мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ то имрӯз аз адабиёти методии солҳои 1980 ба забони русӣ нашршуда истифода мекунанд. Барои забонҳои дигари ақаллиятҳои миллӣ мавҷуд набудан ё норасоии барномаҳои таълимӣ ва

маводи методӣ аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин, барои гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ, аз ҷумла фарзандони муҳоҷирон, гурезаҳо, кӯдакони шахсони бешаҳрванд, фарзандони шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, ҳамчунин кӯдакони бепарастор ва ятим, ки барои омӯзиши забон мушкилоти назаррас доранд, барномаҳои мувофиқи рушд мавҷуд нест. Ин масъала низ нигароникунанда мебошад.

80. Ҳадафи умумии Стратегияи мазкур аз таъмини дастрасии кӯдакони синну соли томактабӣ, сарфи назар аз ҷинс, махсусан, синни 6-сола, ба низоми босифати рушд, нигоҳубин ва таълими фарогири (инклюзивии) томактабии кӯдакон ва омодагии онҳо ба муассисаи таълимии ибтидоӣ иборат аст. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 афзалиятҳои асосии таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2021-2030, алалхусус, зарурати мусоидат ба рушди барвақтии кӯдакон ва таъмини дастрасии васеи кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ муайян карда шудаанд. То соли 2030 фарогирӣ бо хизматрасониҳои босифат ва дастрасии таҳсилоти томактабӣ бояд то 50% барои кӯдакони аз 3 то 6-сола аз ҳисоби бунёди биноҳои нав ва мавҷуда, аз ҷумла муассисаҳои таълимии томактабии фарогир (инклюзивӣ) зиёд карда шавад.

81. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нуқтаҳои асосии таҳкими иститутсионалии афзоиш бояд инҳо бошанд:

- шаклҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ (аз ҷумла ғайридавлатӣ);
- ҷорӣ намудан ва рушди марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, аз ҷумла муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ;
- истифодаи оптималӣ ва оқилонаи фазои мавҷуда (таъмини чунин шароит, ки фазо бештар кушода, чандир ва бисёрвазифавӣ бошад);
- ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
- инкишофи низоми кумаки унвонӣ ба оилаҳои камбизоат дар ҳавасмандсозии таҳсилоти кӯдакон.

82. Ноил шудан ба иҷрои ин вазифаҳо ба таъмиру навсозии муассисаҳои таълимии томактабии мавҷуда, ба низоми таҳсилоти томактабӣ баргардонидани муассисаҳои таълимии томактабие, ки ғайри мақсаднок истифода мешаванд, ба роҳ мондани истифодаи муносиб ва оқилонаи манзилҳои мавҷуда, таъсиси муассисаҳои таълимии нави алтернативӣ ва инклюзивии томактабӣ ва ҳамчунин бо роҳи ба таври васеъ ҷалб намудани бахши хусусӣ вобаста аст.

83. Омодагии томактабии кӯдакони синни 6-сола ба ҳалқаи асосии таҳсилоти томактабӣ табдил меёбад. Дар доираи гузариши эҳтимолӣ ба таҳсилоти 12-сола тайёрии ҳатмии яксолаи томактабӣ фарогирии бештарро имконпазир сохта, беҳтарин имкониятро дар тайёрии босифат ва омодагии кӯдакон барои таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ фароҳам месозад. Дар ҳоли ҳозир Вазорати маориф ва илми

Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзҳо (сенарияҳо)-и имконпазири гузариш ба таҳсилоти 12-сола, аз ҷумла ҷорӣ кардани таҳсили яксолаи ҳатмии томактабӣ (барои кӯдакони 6-сола)-ро баррасӣ карда истодааст.

84. Аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои алтернативӣ барои курсҳои такмили ихтисос, аз ҷумла оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ), роҳҳои нав бо дарназардошти беҳтарин таҷрибаи байналмилалӣ, ки таҷрибаи корӣ, сатҳи таҳсилот ва неруи шунавандагон ба назар гирифта мешавад, таҳия мегарданд. Ҳамчунин, барои тайёр кардани мутахассисон дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои кор кардан аз рӯйи барномаҳои нави барои муассисаҳои таълимии томактабии алтернативӣ ва инклюзивӣ таҳияшуда ва истифодаи технологияҳои муосири таълим чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Бо истифода аз методҳои инноватсионии фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ ва инклюзивӣ барномаҳои таълими курсҳои такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ таҷдиди назар мешаванд. Ҳамин тариқ, мутобиқати байни талаботи тахассусӣ (сатҳи таҳсилот ва ихтисос) ва талабот ба таҳсилоти фарогири (инклюзивии) томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

85. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали вазифавии ягонаро барои ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки талаботи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва уҳдадориҳои вазифавии ҳамаи кормандон, аз ҷумла уҳдадориҳои вазифавии ёварони мураббияҳо ва музди кори мувофиқро муайян месозад, таҳия мекунад. Воҳиди кории нав – мураббияи таъвизӣ (ивазкунанда) бо пардохти музди меҳнати 12-моҳа ворид карда мешавад. Мураббияи таъвизӣ аз рӯйи ҷадвали тағйирёбанда ба мураббияи асосӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо кумак мекунад. Ин ташаббус барои баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунад. Истифодаи фаъолона ва оқилонаи майдончаҳои мактабӣ сатҳи огоҳии аҳолиро оид ба аҳаммияти таҳсилоти томактабӣ, муассисаҳои таълимии томактабии инклюзивӣ ва хусусиятҳои рушди кӯдакони синни томактабӣ беҳтар месозад. Маводи аёнии таҳиягардида барои кор бо волидайн тавассути муассисаҳои таълимии томактабӣ паҳн карда мешаванд.

86. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифтааст, ки фаъолияти ҳамаи шарикони рушдро, ки ба беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ имконият медиҳанд, хубтар ҳамоҳанг созад. Таҳсилоти томактабии инклюзивӣ бо стандартҳои сифат мутобиқ гардонда мешавад, ба рушди барвақтии кӯдакони ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, этникӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла кӯдакони дорои талаботи махсус мусоидат мекунад ва барои табақаҳои васеи аҳолӣ дастрас мегардад. Таҳлил ва таҷдиди назар ба стандартҳо ва барномаҳои таълим оид ба нигоҳубини кӯдакони хурдсол ва рушду таълими онҳо ба роҳ монда мешавад. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таҳлил гардида,

мутобиқи барномаҳои нави таълим, воситаҳои методӣ, шаклҳои алтернативӣ ва инклюзивии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ҳамчунин ҷалби волидон ва ҷомеа ба ҷараёни таҳсил тағйиру такмил меёбанд.

87. Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва тибқи принсипҳои фарогирӣ (инклюзивӣ) ва баробарии гендерӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои калидиро (бо гурӯҳбандӣ аз рӯйи натиҷаҳои калидӣ) барои таҳсилоти томактабӣ муайян кардааст.

88. Афзалиятҳо дар самти таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилот:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.1 – такмил ва рушди заминаи қонунгузорӣ барои танзими фаъолияти шаклҳои алтернативӣ ва инклюзивии муассисаҳои таълимии томактабиро таҳияи санадҳои меъёрӣ оид ба фаъолияти шаклҳои алтернативӣ ва инклюзивии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва вобаста ба он ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ, ки фаъолияти тамоми намудҳои муассисаҳои таълимии томактабиро таъмин мекунанд ва монеаҳои таҳсилоти фарогирро (инклюзивӣ) аз байн бурда, барои ҷалби кӯдакони имкониятašон маҳдуд ва кӯдакони гурӯҳҳои дигари осебпазир ба муассисаҳои таълимии маъмулӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ шароити мусоид фароҳам месозанд;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.2 – беҳтар кардани имконоти воқеии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва аз байн бурдани монеаҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ):

- таҷдиди сохтори фазоӣ ва реҷаи рӯз дар муассисаҳои таълимии томактабӣ барои мусоидат ба тағйирпазирӣ ва муносибати ба кӯдак нигаронидашуда;

- истифодаи оқилонаи манзилҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ (якҷоя кардани майдончаҳои бозӣ бо утоқи хоб бо истифода аз мебели трансформерӣ ва ғ.);

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.3 – беҳтар намудани риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ:

- такмили қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ-эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкили фазо ва реҷаи рӯз дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- баланд бардоштани сатҳи огоҳии кӯдакон оид ба паст кардани хатари офатҳо;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.4 – баланд бардоштани сатҳи огоҳии волидон, бахусус дар деҳот оид ба арзишҳо ва аҳаммияти таҳсилоти томактабӣ дар байни онҳо:

- чораҳои баланд бардоштани сатҳи огоҳии волидон, ки муносибати онҳоро ба рушди барвақтии кӯдакон тағйир медиҳад ва

талаботи падару модар (ва ё параcторон)-ро дар таҳсилоти томактабии фарзандонашон афзоиш медиҳад, дар бар мегирад;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.5 – такмил ва таҷдиди назари санадҳои ҳуқуқӣ дар робита бо натиҷаҳои таълим, ҳифз ва амнияти кӯдакон, стандартҳои таълим, инфрасохтори воқеӣ, хӯроки босифат ва муҳити фарогир (инклюзивӣ):

- таҳияи тамсила (модел)-ҳои муассисаҳои таълимии томактабии нави инноватсионӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ дастрас дар асоси принсипҳои фарогирии (инклюзивии) иҷтимоӣ, ки ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дастрасии хизматрасониҳои таълимиро имконпазир месозанд;

- таъмини иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар раванди ташкили таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) (ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ-таҳсилотӣ дар байни волидон), инчунин тавсеаи мазмуни таҳсилоти томактабӣ бо мақсади қонеъ кардани манфиатҳои таълимӣ ва талаботи ҳамаи гурӯҳҳои кӯдакон, новобаста аз ҷинс, талаботи махсус, мақоми иҷтимоӣ ва мансубияти этникӣ;

6) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.6 – такмили инфрасохтор ва бартараф сохтани монеаҳои воқеӣ ва фарҳангӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабии фарогир (инклюзивӣ):

- такмили инфрасохтор ва бартараф сохтани монеаҳои воқеӣ ва фарҳангӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабии фарогир (инклюзивӣ) бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи кӯдакон, новобаста аз ҷинс, талаботи махсус, мақоми иҷтимоӣ ва мансубияти этникӣ, зарурати фароҳам овардани муҳити таълимии бехатару ҳифзшаванда барои ҳамаи кӯдакон, ба назар гирифтани эҳтиёҷоти кӯдакони дорои талаботи махсус ва норасоиҳо дар рушд;

- таъмири шабакаҳои қубурҳои обпарто, дастрасӣ ба оби босифати ошомиданӣ ва равшанидиҳии босифат;

- таҳлили инфрасохтори мавҷудаи муассисаҳои таълимии томактабӣ бо мақсади азнавсозии манзилҳо дар асоси консепсия ва стандартҳои таҳсилоти фарогир;

- бунёди муассисаҳои таълимии томактабии нав дар деҳот, махсусан, дар маҳалҳои осебпазир, ки фарогирӣ ва дастрасии кӯдаконро бо таҳсилоти томактабии фарогир (инклюзивӣ) афзоиш медиҳанд.

89. Афзалиятҳо дар самти беҳтар намудани сифат ва муҳиммияти таҳсилотро ташкил мекунад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.7 – баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кормандони ҳамаи намуд ва шаклҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ бо мақсади мувофиқат ба талаботи таҳсилоти муосир:

- таҳия ва қабули ҳуҷҷате, ки ҷавобгӯйи талаботи таҳсилоти муосир ва фарогир (инклюзивӣ) буда, уҳдадориҳои вазифавии кормандони ҳамаи намуд ва шаклҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва барномаҳои таҳсилоти томактабиро муқаррар кунад;

- дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷорӣ кардани вазифаи мураббияи таъвизӣ, ҳамчунин педагоги иҷтимоӣ, педагоги махсус, психолог ва логопед барои дастгирии кӯдакони дорои талаботи махсус дар раванди рушд ва таҳсили онҳо;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.8 – такмил ва коркарди барномаҳои таълим, стандартҳои синнусолӣ ва маводи таълимӣ-методӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти таълимии ҳамаи кӯдакон, инчунин принсип ва муносибатҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ):

- таҳлил ва такмили стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ барои нигоҳубини кӯдакони хурдсол, рушд ва таълими онҳо;

- таҳия ва паҳн кардани маводи таълимӣ-методӣ барои пешниҳоди барномаи нави таълимӣ;

- таҳияи барнома оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши падару модарон оид ба рушди кӯдакон, ҷалби падару модарон ба ҷараёни таълим ва ба волидон омӯхтани малакаҳои бозӣ бо кӯдакон, ки тавассути он малакаҳои ақлонӣ, ҷисмонӣ ва зебоишиносии кӯдакон инкишоф меёбад;

- таҳияи барнома, маводи аёнии мутобиқшуда барои кӯдакони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ ва барои мураббиён;

- таҳия ва таъмини истифодаи барномаи васеи таълими кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз технологияҳои муосири таълим;

- таҷдиди назари барномаи таълими ягонаи «Рангинкамон» бо даназардошти эҳтиёҷоти рушди барвақтии ҳамаи кӯдакон, то ки он бояд барои истифода ва аз худ кардан фаҳмо бошад, барои огоҳии бештар оид ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва аҳаммиятнокӣ ва афзалиятнокии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ҳам барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва ҳам кӯдакони дигар, ҳамчунин таъмини ҳуқуқҳои баробар барои ҳамаи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии маъмулӣ, новобаста ба мансубияти этникӣ ва вазъи иҷтимоии онҳо, мусоидат намояд;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои алтернативӣ ва инклюзивии таълим барои муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- такмили барномаи марказҳои инкишофи кӯдакон бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ва муносибати инфиродӣ;

- таъмини муассисаҳои таълимии томактабии таълимашон бо забони давлатӣ ва муассисаҳои таълимии томактабии дигар, ки бо таълими кӯдакони ақаллиятҳои миллӣ машғуланд, бо маводи таълимӣ ва аёнӣ;

- тағйир додани нақшаҳои курсҳои таълимӣ вобаста ба таҳия ва тасдиқи барномаҳои нав;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.9. – такмили таълими ибтидоии омӯзгорон ва бозомӯзии педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ бе тарки фаъолияти корӣ аз рӯйи барномаи нави таълим ва

дар мутобиқат бо принсипҳо ва раҳёфтҳои инклюзивӣ ва ғайритабъизӣ дар ҷараёни таълим:

- такмили низоми тайёр кардан ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва мутахассисони рушди барвақтӣ дар марҳилаи пеш аз фаъолияти касбӣ ва дар ҷараёни ин фаъолият, аз ҷумла бо дарназардошти масъалаҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- идомаи тайёр кардани омӯзгорон бе тарки фаъолияти корӣ, таҳияи дастурҳои методӣ барои баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ (дар заминаи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- таҳияи барномаҳои алтернативии курсҳои такмили ихтисос ҳам дар марҳилаи пеш аз фаъолияти касбӣ ва ҳам дар ҷараёни ин фаъолият, бо дарназардошти таҷрибаи корӣ ва сатҳи дониши омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- таҳияи стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон бо нишон додани он, ки омӯзгор чиро бояд донад, чиро бояд тавонад, чӣ гуна сифатҳои хосро бояд доро бошад;

- санҷиш ва такмили таҳсилоти омӯзгории томактабӣ тибқи стандартҳо;

- таҳияи барномаи шиносоӣ ва роҳнамоӣ оид ба муносибатҳои нодурусти таълимӣ ва педагогӣ, оқибатҳои манфии таҳқиркунӣ, зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ ба кӯдакон, ҳамчунин оқибатҳои ҳуқуқии ин амалҳо ва муносибатҳо бо кӯдакон, барои омӯзгорони наве, ки дар муассисаҳои таълимӣ фаъолияти кориро оғоз менамоянд;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.10 – татбиқи роҳу усулҳои муассири арзёбии сифати хизматрасониҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар доираи таҳияи низоми мониторинг ва арзёбии таҳсилоти томактабӣ:

- таҳия ва татбиқи низоми маҷмӯии мониторинг ва арзёбии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, аз ҷумла воситаҳои арзёбии хизматрасониҳои инклюзивии таҳсилотӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии шаклҳои гуногун;

- арзёбии кори омӯзгорон бе ҷудо шудан аз истеҳсолот ва таҳияи методҳои рушди касбӣ дар асоси талабот, то ки он ба стандартҳо мутобиқ гардонида шавад.

90. Афзалиятҳо дар самти таҳкими низоми идораи самараноки соҳаи маориф:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.11 – ҳавасманд кардани соҳибкорон барои ҷалби сармоя ба низоми таҳсилоти томактабӣ:

- таҷдиди назар ва такмили заминаҳои қонунгузорӣ бо мақсади ҳавасмандсозии пешниҳоди хизматрасониҳои хусусӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ;

- идомаи кор бо бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳияи низоми коҳиши пардохтҳо дар муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ;

- таълими кормандони маъмурии соҳаи маориф дар самти татбиқи заминаҳои қонунгузории нав ва санадҳои ҳуқуқӣ, ҳамчунин консепсияҳо ва принсипҳои баробарии гендерӣ ва таҳсилоти фарогир;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.12 – таҳкими Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва ҳамоҳангсозии он бо зинаҳои дигари соҳаи маориф:

- мукаммал намудани Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттилоот дар бораи эҳтиёҷ ба кадрҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- пайгирии Низоми иттилоотии идоракунии маориф омори фарогирии кӯдакон дар марказҳои инкишофи давлатӣ ва хусусии кӯдакон;

- аз ҷониби Низоми иттилоотии идоракунии маориф пайгирӣ кардани омори фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти иловагӣ тибқи механизми таҳиягардида ва дар асоси принсипҳо ва муносибатҳои баробарии гендерӣ ва таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.1.13 – баланд бардоштани самаранокии маблағгузории муассисаҳои таълимии томактабӣ, аз ҷумла идоракунии маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои таълимии томактабӣ:

- тасдиқ ва татбиқи меъёрҳои давлатии ҳадди ақалли маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ, аз ҷумла таҳия ва такмили заминаҳои ҷории меъёрии ҳуқуқӣ;

- ба талаботи муқарраршуда мутобиқ кардани маблағи барои хӯрок ҷудошуда барои ҳар як кӯдак, ки ба тақвияти саломатӣ ва рушди пурраи кӯдакон мусоидат мекунад;

- таҳияи механизми маблағгузорӣ барои марказҳои инкишофи кӯдакон, инчунин механизмҳои маблағгузории шаклҳо ва барномаҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ, ки мақоми иҷтимоии мураббиёнро, ки дар ин муассисаҳо кор мекунад, баланд бардошта, устувории фаъолияти онҳоро таъмин менамояд;

- таъмини маблағгузории кормандони марказҳои инкишофи кӯдакон аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ба ҳисоби шумораи кӯдакони муассисаи таълимӣ шомил намудани кӯдаконе, ки дар марказҳои инкишофи кӯдакони дар ҳамин муассиса қарордошта таълим мегиранд;

- анҷом додани таҳияи нақшаи бисёрсоҳавии миллӣ оид ба таъмини кӯдакон бо хӯрок дар муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ барои давраи то соли 2022 ва татбиқи он;

- баррасии масъалаи саҳми волидон дар таҳсилоти томактабӣ бо дарназардошти имконоти иқтисодии онҳо ва кам кардани бори молиявии онҳо;

- рушди низоми кумаки унвонӣ ба хонаводаҳои камбизоат дар самти ҳавасманд кардани таълими кӯдакон, ки ба оилаҳои камбизоат имкон медиҳад, шумораи бештари кӯдаконро ба муассисаҳои таълимии томактабӣ фиристанд;

- ҳавасмандсозии саҳмгузориҳо аз ҷониби дастпарварони муваффақ, муҳоҷирон, ихтиёриён ва шахсони дигаре, ки дорои имкониятҳои молиявӣ буда, бо ҷомеаи маҳаллӣ (шаҳр, ноҳия, ҷамоат, маҳалла, мактаб ва ғайра) робитаи наздик доранд.

## §2. Таҳсилоти умумӣ

91. Таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари фарогирии ҷуғрофӣ ва тақсимоти захираҳо афзалият дорад. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва санадҳои дигари барномавии стратегӣ, ҳамчунин вазифаи асосии Ҳадафҳои рушди уствор то соли 2030 бо таҳсилоти ибтидоӣ таъмин намудани кӯдакон тавассути ҷалби ҳамаи онҳо ба таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1-4 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ) аст. Ин Ҳадафҳои рушди устувор дар баробари ноил шудан ба таҳсилоти умумии ибтидоӣ, ҳамчунин барҳам додани нобаробарии дастрасии писарону духтаронро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти умумӣ дар назар дорад.

92. Соли таҳсили 2019-2020 дар ҷумҳурӣ 3884 муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ мавҷуд буд, ки 3299-тояш (85%) дар маҳалҳо ҷойгир буда, дар онҳо 1,4 млн нафар хонандагон таҳсил мекарданд. Аз ҳисоби умумии муассисаҳои таълимии рӯзона 71,7% дар маҳалҳои деҳот ҷойгир мебошанд, ки дар онҳо бештар аз 1,7 млн нафар хонанда таълим мегиранд. 3127 муассисаи таълимии рӯзона (81%) шакли пурраи таҳсилоти умумиро (синфҳои 1-11) пешниҳод мекунанд, 315 муассисаи таълимӣ ё худ 9% шумораи умумии муассисаҳои таълимӣ таҳсилотро фақат барои синфҳои ибтидоӣ (1-4) пешниҳод мекунанд. Дар самти густариши дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешравиҳо ба назар мерасанд (мутобиқи ҷадвали Нишондиҳандаҳои умумии таҳсилоти умумӣ).

Ҷадвали 5. Нишондиҳандаҳои умумии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2019

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Теъдоди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла: | 3747 | 3855 | 3865 | 3870 | 3869 | 3884 |
| - давлатӣ | 3698 | 3805 | 3810 | 3813 | 3808 | 3821 |
| - ғайридавлатӣ | 49 | 50 | 55 | 57 | 61 | 63 |
| Шумораи хонандагон дар муассисаҳои давлатии таълимӣ (ҳаз. нафар), аз ҷумла: | 1694,0 | 1784,4 | 1837,8 | 1903,3 | 1966,9 | 2033,9 |
| - Вилояти Мухтори | 41,8 | 38,0 | 37,8 | 37,2 | 37,8 | 36,9 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯҳистони Бадахшон | | | | | | |
| - вилояти Хатлон | 643,4 | 666,2 | 680,8 | 707,2 | 729,1 | 751,5 |
| - вилояти Суғд | 462,6 | 482,3 | 499,7 | 517,8 | 533,7 | 538,4 |
| - шаҳри Душанбе | 167,8 | 180,4 | 185,4 | 190,6 | 196,9 | 194,7 |
| - шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 378,4 | 417,5 | 434,0 | 451,3 | 472,6 | 486,4 |
| - шаҳрҳо (бо %) | 28,6 | 28,8 | 29,3 | 29,3 | 29,3 | 29,0 |
| - деҳот (бо %) | 71,4 | 71,2 | 70,7 | 70,7 | 70,7 | 71,0 |

93. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ нисбатан зиёд аст. Сарфи назар аз ин, ҳолатҳои тарк кардани муассисаи таълимӣ то хатми таҳсилот ва тафовути назарраси гендерӣ вуҷуд доранд, ки ба камшавии давомот ва хориҷшавии духтарон оварда мерасонанд. Соли таҳсили 2019-2020 47% духтарон дар синфҳои 1-4, 51%– синфҳои 5-9 ва 46% – синфҳои 10-11 таҳсил мекарданд. Соли 2017 ба ҳисоби миёна аз 10 кӯдаки синни наврасӣ 4 нафараш бештар бо сабаби бtowморӣ ва ё кори хона ба машғулиятҳо ҳозир намешуданд.

94. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди кӯдакон ба синфи якуми таҳсилоти ибтидоӣ қабул карда мешаванд, вале дар амал шумораи хонандагон (ҳам писарону ҳам духтарон) баъд аз хатми синфҳои ибтидоӣ коҳиш меёбад. Инро бо муҳоҷирати миқёсан васеи аҳолӣ ба кишварҳои дигар ва кӯдакони мактабхонро бо худ бурдани онҳо, камбизоатӣ ва имконнопазирии пардохти ҳаққи таҳсили кӯдакон дар синфҳои болоӣ аз ҷониби падару модарон, дурии масофаи муассисаҳои таълимӣ, бад будани базаи моддию техникии муассисаҳо (норасоии гармӣ ва неруи барқ дар муассисаҳои таълимӣ, махсусан дар деҳот, мавҷуд набудани хоҷатхонаҳо ва ғ.) шарҳ додан мумкин аст.

95. Ҳуқуқи таҳсил барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидааст. Тавре ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, маҳдудияти ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд яке аз омилҳои калидии нобаробарии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инчунин муҳиммияти ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир таъкид шудааст. Ба ғайр аз ин, дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қайд гардидааст, ки кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил карданро надоранд, муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд, ё онҳо бо ризоияти падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд.

96. Саъю кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он оварда расонд, ки шумораи кӯдакони имконияташон маҳдуде, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ таҳсил мекунанд, бемайлон афзоиш ёбад. Ин нишондиҳанда дар соли 2018 нисбат ба соли 2010 2,4 маротиба афзоиш ёфтааст (2988 хонандаи имконияташ маҳдуд дар соли 2010 нисбат ба 7278 хонандаи имконияташ маҳдуд дар соли 2018). Соли таҳсили 2019-2020 шумораи хонандагони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ 5702 нафарро ташкил дод. Таҳлили маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф ва суратҷаласаҳои коргузории муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки на ҳамаи кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҳисоботи Низоми иттилоотии идоракунии маориф ба ҳисоб гирифта шудаанд. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар соли таҳсили 2018-2019 танҳо 447 хонандаи имконияташ маҳдуд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ таҳсил мекарданд, дар сурате ки дар суратҷаласаҳои коргузории мактабӣ 974 хонандаи имконияташ маҳдуд ба қайд гирифта шудааст. Маъмурияти муассисаҳои таълимӣ доир ба тафовути мавҷуда дар ҳисоботи оморӣ бар он ақида аст, ки Низоми иттилоотии идоракунии маориф танҳо кӯдаконеро ба ҳисоб гирифтааст, ки дорои норасоиҳои рушд будани онҳо дар ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта шудааст. Ба чунин норасоиҳои рушд, тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф, норасоии рушди ақлонӣ, норасоии биноӣ ё нобиноӣ, норасоии шунавоӣ ё камшунавоӣ, норасоии нутқ, ҳамчунин бемории полиомиелит дохил мешаванд.

97. Маълум аст, ки кӯдакони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ ва имконияташон маҳдуд бо мушкилоти зиёд дучор мешаванд. Тибқи таҳқиқоте, ки бо дастгирии ЮНИСЕФ дар соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, табйизи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пазириши нохуши талаботи махсус ва имкониятҳои маҳдуд аз ҷониби дигарон ба қатори монеаҳое ворид шуданд, ки кӯдакони имконияташон маҳдуд ҳангоми дастрасӣ ба таҳсилот бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳанӯз ҳам муносибатҳои табйизомез нисбати кӯдакони имконияташон маҳдуд ба назар мерасад. Табибон ва омӯзгороне ҳастанд, ки тибқи ақидаи онҳо кӯдакони имконияташон маҳдуд бояд дар муассисаҳои махсус ҷойгир карда шаванд, зеро гӯё танҳо чунин муассисаҳои таълимӣ имконияти таъмини кӯдакони имконияташон маҳдудро бо таҳсилот ва нигоҳубини махсус доранд, дар сурате ки падару модар ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ онро амалӣ карда наметавонанд. Ҳоло дар навъҳои гуногуни муассисаҳои таълимии махсус 8275 кӯдаки дорои имкониятҳои гуногуни маҳдуд таҳсил мекунанд (мутобиқи ҷадвали Шумораи хонандагон дар мактаб-интернатҳои давлатӣ).

Ҷадвали 6. Шумораи хонандагон дар мактаб-интернатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Теъдоди хонандагон дар мактаб-интернатҳо, аз ҷумла | 12118 | 14103 | 12640 | 11738 | 8275 |
| - барои кӯдакони ятим | 5422 | 6068 | 5802 | 4728 | 4752 |
| - барои кӯдакони дорои норасоиҳои шунавоӣ, биноӣ ва нутқ | 243 | 383 | 353 | 382 | 1214 |
| - барои кӯдакони дорои норасоии рушди ақлонӣ | 172 | 205 | 214 | 586 | 614 |
| - мактаб-интернатҳои намуди санитарӣ | 760 | 955 | 261 | 237 | 227 |
| - барои кӯдакони гирифтори полиомиелит | 285 | 313 | 366 | 375 | 312 |
| - барои кӯдакони душвортарбия | 37 | 180 | 153 | 34 | 38 |

98. Хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумие, ки онҳо ба ақаллиятҳои миллӣ тааллуқ доранд, дар оянда барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд, зеро дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тестҳо бо забонҳои давлатӣ ва русӣ пешниҳод мешаванд. Дар муассисаҳои таълимӣ таъминоти нокифояи захираҳои иловагӣ оид ба таҳсил бо забони давлатӣ ва забонҳои ақаллиятҳои миллӣ ҳис карда мешавад ва ин омил ба имкониятҳои хонандагон барои дар оянда давом додани таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ бетаъсир буда наметавонад.

99. Дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба мавҷуд набудани шаклҳои алтернативии таълим ва барномаҳои рушди босуръат, масалан, барои кӯдакони муҳоҷирони ба ватан баргашта, кӯдакони ноҳияҳои дурдаст, ки дар мактабҳои камнуфус таълим мегиранд, кӯдакони гурезаҳо, ки ба мушкилии забон дучор мешаванд, кӯдакони бешаҳрвандӣ, кӯдакони онҳое, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, кӯдакони хиёбонӣ (яъне, кӯдаконе, ки ҷойи истиқомати доимӣ надоранд) ва кӯдакони ятим аҳаммияти махсус дода мешавад.

100. Соли таҳсили 2018-2019 аксарияти кулли хонандагон (88,2%) дар муассисаҳои таълимии дубаста, 5,2% хонандагон дар муассисаҳои таълимии себаста ва танҳо 6,6% хонандагон дар муассисаҳои таълими якбаста бо таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва вобаста ба он зиёдшавии сарбории муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба кори дубаста ва дар баъзе ҳолатҳо ба ташкили кори себаста оварда мерасонад. Масалан, тибқи маълумоти Шуъбаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид, шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон солона ба ҳисоби миёна 2,1% афзуда, соли 2050 ба 14 млн нафар мерасад.

Ин ҳолат ба ғунҷоиши аз ҳад зиёди синфхонаҳо оварда мерасонад ва ба зергурӯҳҳо тақсим карда, таълим додани фанҳоро имконнопазир мегардонад. Умуман, кори муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар якчанд баст аз он шаҳодат медиҳад, ки дастрасии масоҳати мактабӣ маҳдуд аст, зеро шумораи хонандагон зиёд шудааст. Чунин муассисаҳо бо мушкилоте дучор мешаванд, ки онҳо ба сифати хизматрасонии пешниҳодшаванда монеа мешаванд. Ба ин гуна мушкилот, аз ҷумла маҷбуран кам кардани давомнокии дарсҳо барои ҷой додани ду-се баст, истифодаи якҷояи синфхонаҳо ва мебелҳо аз тарафи гурӯҳҳои синнусолии гуногун, маҳдудият дар гузаронидани машғулият ва маҳфилҳои беруназсинфӣ дохил мешаванд.

101. Ба дастрасӣ ба таҳсилот дастрасии махдуд ба хӯроки босифат ва бехатар низ таъсир мерасонад. На дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ошхонаю буфетҳо фаъолият мекунанд. Масъалаи дастрасӣ ба хӯрок дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ хеле ҷиддӣ аст. Бо ин мақсад аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди устувори хӯроки мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 қабул шуда буд, ки дар ҳоли ҳозир бо дастгирии шарикони байналмилалии рушд, аз ҷумла Барномаи Умумиҷаҳонии Озуқаи Созмони Милали Муттаҳид татбиқ шуда истодааст. Ин Барнома бо озуқа таъмин намудани бештар аз 370 000 нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва 2000 муассисаи таълимиро дар 52 ноҳия, ки дар масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ҳолати осебпазирӣ қарор доранд, амалӣ менамояд.

102. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти иловагӣ низ амал мекунад, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ба танзим дароварда мешавад. Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми дигари таҳсилоти умумӣ имконият медиҳад, ки майли эҷодӣ ва қобилияти кӯдакон инкишоф дода шавад. Шумораи кӯдакон дар мактабҳои иловагии мусиқӣ ва варзишӣ соли 2018 1387 нафарро ташкил дод. Шумораи умумии маҳфилҳо аз рӯйи самтҳои гуногун дар соли таҳсили 2018-2019 6562 ададро ташкил додааст (аз ҷумла, маҳфилҳои эҷодиёти техникӣ, табиатшиноси ҷавон, кишваршиносӣ ва сайёҳӣ, эҷодиёти бадеӣ ва ғайра), ки аз онҳо 253 маҳфил пулакӣ мебошад. Дар маҳфилҳо 119736 нафар хонанда, аз ҷумла 54791 нафар духтар таълим мегирифтанд. Фарогирии хонандагон дар маҳфилҳои варзишии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (маҳфилҳои оммавии ҳарбӣ-варзишӣ) 1,4% шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии давлатиро ташкил медиҳад.

103. Бо таъсиси марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоиди таълимӣ ба вуҷуд оварда шуд. Ин марказҳо ба муайян кардани кӯдакони боистеъдод ва ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ тайёр кардани онҳо мусоидат мекунанд. Марказҳои навтаъсис дар шаҳру деҳот бо

синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ таҷҳизонида шудаанд.

104. Дар тӯли фаъолияти марказҳо 650 маҳфил (шуъба)-и омӯзишии мавзӯӣ ва фарҳангӣ аз рӯйи 24 намуди фаъолият таъсис дода шуданд, ки онҳо 9610 хонандаро дар бар гирифтанд. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо то ҳол барои ташкили кори доимии чунин марказҳо, ҷудо кардани бинои алоҳида, ташкил ва таҷҳизонидани синфҳои техникӣ, таъмини мустақилияти молиявӣ ва маблағгузории онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида нашудааст.

105. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо» ба дарёфт ва рушди истеъдодҳо, мустаҳкам кардани ҳаракати олимпӣ, ба вуҷуд овардани заминаҳо барои рушди тафаккури мантиқии хонандагон мусоидат намуда, бо фаъол гардонидани мусобиқаҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин олимпиадаҳои нави техникӣ дар тамоми кишвар ба ҳаракати олимпӣ тавсеа мебахшад. Бо тавсеаи ҳаракати олимпӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди олимпиадаҳо ва иштироки хонандагон афзоиш ёфта, нисбат ба соли 2010 таносубан се олимпиада ва 1427 иштирокчӣ зиёд мебошад.

106. Хонандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, дар кишварҳои Қазоқистон, Беларус, Таиланд, Россия, Малайзия, Руминия, Италия, Ҳиндустон, Латвия, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Исроил, Венгрия, Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Ӯзбекистон, Франсия, Африкаи Ҷанубӣ бо хонандагони бештар аз 90 кишвари дунё қувваозмоӣ карда, ба пирӯзиҳои назаррас соҳиб гаштанд.

107. Масъалаҳои бо сифат алоқаманд яке аз омилҳоест, ки ба низоми таҳсилоти умумӣ таъсири манфӣ мерасонад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани сифати маводи таълимӣ ва заминаи моддӣ-техникии муассисаҳо чораҳои ниҳоят муҳимро андешидааст, ки онҳо боиси афзоиши андозаи миёнаи синфхонаҳо ва таносуби синфхонаю мактабҳо гаштаанд.

108. Таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам норасоии ҳайати омӯзгорони касбиро ҳис мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои тайёр намудани омӯзгорон, таҳияи нақшаҳои таълим, таъмини риояи стандартҳои нави таълим ва ҳамчунин боло бурдани ҳавасмандӣ дар самти таҳсилоти умумӣ чораҳои зарурӣ таҳия ва татбиқ кардааст. Чораҳои андешидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзоиши бемайлон ва тадриҷии шумораи омӯзгорон ва баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат намуд. Ҳоло ҳам масъалаи бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ҳал нашудааст ва ҳатто дар баъзе ҷойҳо омӯзгорон бо усулҳои муосири таълим шинос нестанд. Ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки ба кори таълим ба сифати омӯзгор мутахассисоне ҷалб мешаванд, ки

таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ надоранд. Тайёр кардани ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ то оғози фаъолияташон бояд ба муносибати босалоҳият асос ёфта, ба тайёрии тахассусӣ ва бозомӯзии онҳо мутобиқ бошад.

109. Таъмин набудани муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ ва дар сатҳи зарурӣ набудани музди меҳнат, коҳиши ҳавасмандии омӯзгорон (маоши кам барои роҳбари синф, тафтиши дафтарҳо ва роҳбарии иттиҳодияҳои методӣ), тақсимоти нобаробари соатҳо ба омӯзгорон (кор дар ду баст) ва талаботи беасоси директорони муассисаҳои таълимӣ, ки омӯзгорон маҷбуранд пас аз анҷоми соатҳои таълимӣ низ дар муассиса бимонанд, вобаста аст. Ба ғайр аз ин, дар сатҳи зарурӣ набудани таркиби сифатии донишҷӯёни факултетҳои омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ таъсир мерасонад.

110. Теъдоди умумии омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2010-2018 30,8% зиёд шуда, дар соли тахсили 2019-2020 124593 нафарро ташкил додааст. Аз шумораи умумии омӯзгорон 92224 нафар ё худ 74% дорои таҳсилоти олӣ мебошанд. Бо вуҷуди афзоиши ҳайати умумии омӯзгорон таносуби шумораи хонандагон ба ҳар як омӯзгор низ афзоиш ёфтааст (аз 16,7 нафар дар соли 2010 то 17 нафар дар соли 2019), ба истиснои вилояти Суғд, ки он ҷо суръати афзоиши аҳолӣ баландтар буда, талабот ба муассисаҳои таълимӣ аз пешниҳод зиёдтар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки талабот ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ нисбат ба пешниҳод хеле баланд аст.

111. Бо мақсади арзёбии сифати таҷрибаи омӯзгорӣ, махсусан, омӯзгорони ҷавон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасмандии онҳоро бо роҳи мукофотонидан ва пешниҳоди ҳавасмандиҳои дигар, аз ҷумла мукофот барои дастовардҳои баланд дар бахши таҳсилот (масалан, мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ, нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва ғ.) ба роҳ мондааст. Дар соли таҳсили 2018-2019 41883 нафар омӯзгори муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии давлатӣ (аз онҳо 50,4% занон) соҳиби мукофотҳои давлатӣ, нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он ва намудҳои дигари ҳавасмандсозӣ гаштанд. 280 нафар омӯзгор (31,4% занон) соҳиби мукофоти давлатӣ дар соҳаи маориф шуданд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми июли соли 2015, №433 «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд» ба мутахассисони ҷавон 10% иловапулӣ ба музди кор ва ба омӯзгорон қарзҳо пешбинӣ шудааст.

112. Мавҷуд набудани низоми миллии стандартии арзёбии натиҷаҳои таълим ва иштироки на чандон фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбии байналмилалии натиҷаҳои таълим ба сифати

таҳсилоти умумӣ таъсир мерасонад. Арзёбии миллии натиҷаи таълим намунавӣ буда, 14,2% хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва 20,7% хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаро фаро гирифтааст.

113. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон методологияи муназзами арзёбии натиҷаи таълим дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ вуҷуд надорад, ки он арзёбии натиҷаи таълими хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии кишварро мушкил мегардонад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд арзёбии миллии стандартии натиҷаҳои таълимро таҳия карда истодааст, ки он барои арзёбии натиҷаҳои таълими хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ заминаи асосӣ мегардад. Моҳи декабри соли 2019 маводи мувофиқ барои арзёбии натиҷаҳои таълими фанҳои математика ва забони модарӣ (барои хонандагони синфҳои 5-11) таҳия гардид, ки онҳо дар якчанд муассисаи таълимӣ ба тариқи озмоиш истифода мешаванд. Натиҷаи ин озмоиш минбаъд барои дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷорӣ намудани ин методология имконият медиҳад.

114. Арзёбии малакаҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ (EGRA) солҳои 2012 ва 2019 гузаронида шуда буд. Натиҷаҳои арзёбии соли 2019 нишон дод, ки суръати хониши нисфи хонандагони синфҳои 2 ва 80%-и хонандагони синфи 4 хеле суст буда, қисми зиёди хонандагон қобилияти дарки стандартии маънои матни хондашударо надоранд. Арзёбӣ бо дастгирии Агентии ШМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) интихобан дар байни 207 муассисаи таълимии таълимаш бо забони тоҷикӣ гузаронида шуд. Тестҳо вобаста ба забони таълим дар муассисаҳои интихобшуда бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ гузаронида шуданд. Натиҷаҳои арзёбӣ бо гурӯҳбандӣ ба ҷинс ва минтақаҳо пешниҳод шуданд. Соли 2012 холҳои миёнаи суръати хониш ба стандартҳои миллии ҳар як синф базӯр мувофиқат карданд, вале талаботи холҳои байналмилалии арзёбии меъёрӣ ва нишондиҳандаҳои асосии малакаи саводнокиро (DIBELS) қонеъ карда натавонистанд. Соли 2019 холи миёнаи суръати хониши хонандагони синфи 2 ба стандартҳои миллӣ мувофиқ буданд, вале дар байни хонандагони синфи 4 ин нишондиҳанда пасттар аз меъёрҳои стандарти миллӣ буд.

115. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиёти иловагӣ барои хониш дар муассисаҳо ва китобхонаҳо, махсусан, ба забони давлатӣ ба ҳадди кофӣ дастрас нест. Маҳорати хониши кӯдакон танҳо бо китобҳои дарсӣ инкишоф намеёбад ва барои рушди як қатор маҳоратҳои дарки маънӣ, ки онҳоро стандартҳои миллии босалоҳиятӣ талаб мекунанд, бояд маҷмӯи китобҳои гуногунжанр ва адабиёти таълимии ҷиддӣ мавҷуд бошад.

116. Хеле муҳим аст, ки барои омӯзгорон оид ба истифодаи маводи тақсимшуда дар таҷрибаи фаъолияти касбӣ пайваста семинарҳои

омӯзишӣ доир гарданд, вагарна ҳадди ақал қисми муайяни омӯзгорон оид ба ҳадафҳои асосӣ ва аҳаммияти маводи барояшон пешниҳодшуда огоҳии кофӣ нахоҳанд дошт. Дар доираи лоиҳаи Шарикии глобалӣ дар таҳсилот-4 5000 омӯзгор ба семинари омӯзишӣ оид ба принсип ва методҳои таълими босалоҳият ҷалб гардиданд.

117. Дар сатҳи миллӣ ҳоло ҳам норасоии захираҳои нави босифат ва барномаҳои алтернативӣ, китобҳои дарсӣ ва захираҳои таълимӣ-методии мутобиқ ба зинаҳои таҳсил ба мушоҳида мерасад. Фарқият дар таълими хонандагон ба назар мерасад, яъне натиҷаи дониши якхелаи хонанда ба тарзи гуногун арзёбӣ мегардад. Озмоишгоҳ ва кабинетҳо (физика, химия, математика, тарбияи ҷисмонӣ, таълими меҳнат, мусиқӣ, забонҳо ва ғайра) дар сатҳи зарурӣ таҷҳизонида нашудаанд ва дар баъзе ҳолатҳо умуман вуҷуд надоранд. Бо ин мақсад бо дастгирии ҳамкорони рушд дар соли 2019 72 муассисаи таълимӣ (дар ҳар як шаҳру ноҳия яктоӣ) бо озмоишгоҳҳои химия, биология ва физика, таҷҳизонида шудаанд. Ин муассисаҳои таълимӣ дар ноҳияҳои худ метавонанд ҳамчун маркази техникӣ фаъолият кунанд, то ин ки хонандагон аз ин озмоишгоҳҳо бо мақсади омӯзиш ва омодагӣ ба озмунҳои гуногун истифода бурда тавонанд.

118. Мавҷуд набудани стандартҳои ягонаи мушаххас барои муайян кардани сатҳи босалоҳиятии омӯзгорон ҳангоми ба кор қабул кардан, набудани стандартҳои миллӣ барои омӯзгорон ва директорони муассисаҳои таълимӣ бо аниқ нишон додани он ки чиро бояд донист ва иҷро карда тавонист, ба афзоиши неруи онҳо монеъ мегардад ва тартиби мавҷудаи интихоб ва таъйини роҳбарони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумиро бесамар мегардонад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд «Чорчӯбаи салоҳиятҳои омӯзгор»-ро таҳия ва қабул намуд ва имконият фароҳам сохт, то ин ки салоҳиятҳои зарурии омӯзгор барои таъмини таълими бомуваффақият ва инкишофи касбӣ аниқ муайян карда шаванд. Дар асоси воситаи худбаҳодиҳӣ омӯзгор акнун метавонад мустақилона ба салоҳиятнокии худ баҳо диҳад ва норасоию мушкилотро муайян созад. Ин аз муҳимтарин унсурҳои ислоҳот дар таҳсилоти умумӣ аст.

119. Ҷараёни интихоб ва қабули омӯзгорон ба кор дар низоми таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир ҷиддӣ нест. Аз ҷумла, меъёри асосӣ меъёри академӣ мебошад, яъне мавҷудияти дипломи дараҷаи мувофиқи донистани фан. Дар ин ҳолат маҳорати омӯзгорӣ ва таҷриба нақши муҳим надорад.

120. Музди меҳнати омӯзгорон дар муқоиса бо соҳаҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар мебошад. Музди меҳнати омӯзгорон вобаста ба категорияи дар асоси аттестатсия додашуда муайян карда мешавад, ҳол он ки гузариш аз як категория ба категорияи дигар танҳо ба воситаи аттестатсия имконпазир аст. Вақте ки омӯзгор аз аттестатсия мегузарад ва ба категорияи болотар ноил мешавад, музди меҳнати ӯ

тахминан 12% афзоиш меёбад. Таҳлили музди меҳнати омӯзгорон дар зинаҳои ибтидоӣ ва миёнаи таҳсилоти умумӣ номувофиқатиро ошкор намуд. Бо вуҷуди он ки талаботи ихтисосӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нисбат ба омӯзгорони синфҳои боло пасттар аст, музди кори базавии омӯзгорони муассисаҳо (синфҳо)-и таълимии таҳсилоти ибтидоӣ нисбат ба омӯзгорони муассисаҳо (синфҳо)-и таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ бештар аст. Ин ба сарбории миёнаи омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ алоқаманд аст. Музди меҳнати асосии омӯзгорон танҳо як қисми маблағи гирифтаи онҳоро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ислоҳоти низоми пардохти музди меҳнати ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ амри зарурист.

121. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба зарурати ҳалли масъалаҳои зерин муносибатҳои консептуалӣ таҳия намудааст:

- ба низом даровардани инфрасохтори зинаи таҳсилоти умумӣ ва беҳтар кардани дастрасии он, аз ҷумла барои шахсони дорои норасоиҳои ақлонӣ ва ҷисмонӣ, хонандагони болаёқат ва боистеъдод;
- ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии таҳсилот ва методикаҳои муаллифӣ;
- рушди низоми мустақили арзёбии сифати таҳсилот ва неруи кадрӣ.

122. Дар барномаҳои таълими такмилёфта, ки бояд салоҳиятҳои калидӣ ва дониши умумии кӯдакони синни мактабиро инъикос намоянд, камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд. Ҳамчунин, дар механизми ҷории бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ низ норасоиҳо ҳастанд. Бо мақсади ҳалли ин мушкилот Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо таҳияи модулҳо ва тартиби бозомӯзии омӯзгорони бетахассуси муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумиро роҳандозӣ кардааст. Ҷорӣ намудани шаклҳои гуногуни бозомӯзии омӯзгорон ва барномаҳои гуногун барои равишҳои мухталифи тавсифи маводи таълимӣ низ зарур аст.

123. Шохиси баробарии гендерӣ барои ҳамаи ҳайати хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,929-ро ташкил медиҳад. Барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва умумии асосӣ (синфҳои 1-9) таносуби писарону духтарон қариб баробар буда, мутаносибан 0,940 ва 0,936-ро ташкил медиҳад, вале нобаробарӣ дар дастрасӣ ба таҳсилот дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11) болотар аст – 0,870. Умуман, нишондиҳандаи шохиси баробарии гендерӣ аз 0,883-и соли таҳсили 2010-2011 то ба 0,929 дар соли таҳсили 2018-2019 беҳтар гардидааст. Шохиси баробарии гендерӣ дар соли 2018 ба болотарин сатҳ расид, ки ин аз муваффақона будани чораҳои андешидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

беҳтар намудани дастрасии писарон ва духтарон ба таҳсилоти умумӣ дар ҳамаи зинаҳои таълим шаҳодат медиҳад, ҳарчанд ки духтарон дар таҳсилот ба чандин масъалаҳои бо маҳдудияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ алоқаманд дучор мешаванд.

124. Соли таҳсили 2018-2019 нишондиҳандаи гузариш ба синфи 10 барои писарон 80,4% ва духтарон 77,1%-ро ташкил дод, дар сурате ки ин нишондиҳанда соли таҳсили 2010-2011 мувофиқан ба 66,6% барои писарон ва 60,1% барои духтарон баробар буд. Шиддатнокии нисбатан баланди гузариш ба зинаи сеюми таҳсил васеъ будани дастрасии таҳсилот ва ё сатҳи баланди гузаришро аз таҳсилоти умумии асосӣ ба синфҳои 10-11-и таҳсилоти миёнаи умумӣ ифода мекунад. Ин нишондиҳанда аз гузариши муваффақонаи хонандагон аз зинаи таҳсилоти умумии асосӣ ба зинаи баъди он дар синфҳои 10-11 дар соли таҳсили 2018-2019 ва ба ҳамин тариқ аз хатми сикли пурраи таҳсилоти умумӣ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи гузариш аз синфи 9 ба синфи 10 дар деҳот, махсусан байни духтарон то ҳол нисбатан паст аст. Масалан, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузариши духтарон соли таҳсили 2018-2019 ба 56,2% ва писарон ба 74,9% баробар буд.

125. Бартараф сохтани монеаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) яке аз мушкилтарин вазифаҳо боқӣ мемонад. Аксари кӯдакони имкониятašон маҳдуд, кӯдакони намояндагони ақаллиятҳои миллӣ бо мушкилоти фарҳангиву иҷтимоӣ дучор меоянд. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чораҳо ва захираҳои иловагие пешниҳод мешаванд, ки ба коҳиши ин тафовутҳо равона гаштаанд. Кӯдакони дорои норасоиҳои ақлонӣ бояд мутобиқ ба талабот ва қобилиятҳои худ бо таҳсил фаро гирифта шаванд, кӯдаконе, ки дорои фақат норасоиҳои ҷисмонӣ мебошанд, бояд ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ қабул гардида, ба онҳо вобаста ба талаботашон хизматрасониҳо ва дастгирии зарурӣ пешниҳод гарданд. Ҳамаи кӯдакони мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ ба хотири осонтар шудани ҳамгироии онҳо бо ҷомеаи асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар муассисаҳои таълимии маъмулӣ таҳсил кунанд. Муассисаҳои таълимӣ бояд дар ҳамон ҷамоатҳое бунёд гарданд, ки дар масофаи хеле дур аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии мавҷуда ҷойгир шудаанд.

126. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 захираҳои калидии соҳаи маорифро бояд инноватсия ва ҷалби корфармоён ба ҷараёни таҳсилот, иштироки волидон ва ҷомеа ба ҷараёни таълим ва идораи самараноки ба робитаи мутақобила асосёфта ташкил диҳанд. То соли 2030 шумораи кӯдакони синни таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ ҳамасола ба ҳисоби миёна 2,3% афзоиш ёфта, шумораи онҳо ба 2,58 млн нафар мерасад. На кам аз 30% хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ (ҳамасола 58000 нафар) бояд ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷалб карда шаванд. Барои ноил

гардидан ба ин мақсад иқтидори ин зинаи таҳсилот бояд қариб 2 маротиба афзоиш ёбад.

127. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нуқтаҳои асосии институтсионалии рушд инҳоянд:

- таъмини самаранокии низоми такмили ихтисос, тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ, ҳавасмандсозии ҷаззобият ва самаранокии фаъолияти омӯзгорӣ;

- ташаккули низоми ягонаи тестии дониши хонандагон, аз ҷумла бо мақсадҳои қиёси байналмилалӣ;

- инкишофи механизми арзёбии сифати таҳсилот дар сатҳи институтсионалӣ (ташхиси ҷамъиятӣ-касбӣ, низомҳои худбаҳодиҳии муассиса ва мониторинги мунтазами вазъияту тамоили рушди таҳсилот бо дарназардошти меъёрҳои фарогирӣ (инклюзивӣ) ва рақобатпазирӣ);

- таъмини ҷорӣ кардани мониторинги талаботи давлатӣ ва стандартҳои давлатӣ оид ба сифати таҳсилоти умумӣ;

- таъмини ҳамаи муассисаҳои таълимӣ бо дастрасии васеъ ба интернет ва баланд бардоштани сатҳи муҷаҳҳазии синфҳои таълимӣ бо техникаи компютерӣ;

- таъмини истифодаи сомона барои қисми зиёди фанҳои таълимӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани шаклҳои фаъоли технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла таҳсилоти фосилавӣ (онлайн) ва таъсиси платформаҳои таълимӣ бо забони давлатӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба беҳтар гардонидани дониши забонҳои хориҷӣ;

- инкишофи бахши таҳсилоти иловагии кӯдакон тавассути рушди марказҳои эҷодии кӯдакон ва ҷавонон, ки ба инкишофи дониш, маҳорат ва малака, боло бурдани ҳамкории шаклҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла табодули таҷриба, ҷорӣ намудан ва истифодаи методика ва таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалӣ, гузаронидани чорабиниҳои якҷоя нигаронида шудаанд.

128. Барои иҷрои ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ бояд корҳои зеринро анҷом диҳад:

- баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон тавассути татбиқи фаъолонаи шакл, метод ва технологияҳои нав ба ҷараёни таълим, таъсиси иттиҳодияҳои нав вобаста ба талаботи ҳақиқии наврасону ҷавонон, равияҳои нави муассисаҳои таълимии бачагона;

- такмили мазмуни барномаҳои таълими таҳсилоти иловагии наврасону ҷавонон бо дарназардошти шавқу ҳаваси онҳо, талаботи оила ва ҷомеа;

- густариши шабакаи иттиҳодияҳо аз рӯйи манфиатҳо ва самтҳои гуногун дар муассисаҳои таълимӣ, зиёд кардани самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии кӯдакона;

- ҷорӣ кардани шаклҳои муосири самтҳои касбу ихтисос ва ташкили машғулиятҳо барои кӯдакон ва ҷавонон дар лаҳзаҳои фориғ аз дарс, дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ ва соҳибкории онҳо;

- фароҳам сохтани шароит барои амалӣ гардонидани лоиҳаҳои ҷамъиятӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ташаббусҳои наврасон ва ҷавонон;

- ташаккули механизмҳои дастгирии инноватсияҳо (навовариҳо), озмунҳо, мусобиқаҳо ва олимпиадаҳои оммавӣ дар бахши таълими мактабӣ;

- таҳияи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025;

- бо хобгоҳ таъмин намудан ва таҷҳизонидани марказҳои дарёфти истеъдодҳо;

- пешниҳоди мустақилияти молиявӣ барои фаъолияти самараноки марказҳои  дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба онҳо додани мақоми шахси ҳуқуқӣ дар минтақаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

- таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимии нав, китобҳои дарсии комплексӣ барои хонандагони болаёқати мактабҳои президентӣ, литсейҳо ва гимназияҳо.

129. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи нақшаи амалишавии Стратегияи мазкур гузариш ба низоми 12-солаи таҳсилоти умумиро дар асоси муносибатҳои босалоҳият ба таълим ва вобаста ба он таҳия ва татбиқи  стандартҳои давлатӣ ва стандартҳои фанниро ба нақша гирифтааст. Бо дастгирии шарикони рушд Вазорати маориф ва илм корро дар самти таҳияи тарзҳо (сенарияҳо)-и имконпазири гузариш ба таҳсилоти 12-сола ва арзёбии қаблии хароҷоти онро анҷом дод. Сенарияи аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҷаззобият қобили қабул ва ҷорӣ намудани таҳсили ҳатмии яксолаи томактабӣ (барои кӯдакони 6-сола) бо гузариши тадриҷӣ дар тӯли 6 сол мебошад, ки барои буҷети кишвар сабуктарин буда, беҳтарин имкониятро барои тайёрӣ ва омодагии самараноки кӯдакон ба мактаб фароҳам месозад. Фаъолият вобаста ба омодагии соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ барои озмоиши гузариш ба низоми 12-сола солҳои 2023-2025 оғоз гардида, худи гузариш ба ин низом то соли 2030 бо дастгирии шарикони рушд амалӣ карда мешавад. Дар ҳоли ҳозир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сенарияҳои имконпазири гузариш ба таҳсилоти 12-соларо баррасӣ мекунад.

130. Таҷдиди назар намудани стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва умумии асосии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, коркарди барномаҳои таълим дар асоси муносибати босалоҳият барои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи асосӣ ва миёнаи умумӣ ба нақша гирифта шудааст. Умуман, стандартҳои давлатии таълимӣ бояд ба натиҷаҳое, ки ба худташаккулдиҳӣ ва мустақилияти шахсиро барои аз худ кардани дониш таъмин намуда, барои ташаккули малакаҳои коммуникативии

идораи иттилоот ва технологияҳо, ҳалли мушкилот, инчунин ташаббускорӣ ва эҷодиёт мусоидат мекунанд, нигаронида шавад. Стандартҳои давлатии таълимӣ бояд дар асоси салоҳиятҳои интихобии мувофиқшуда дар ҳама зинаҳои таҳсилот мутобиқ ба чорчӯбаи байналмилалӣ асос ёфта бошанд.

131. Дар доираи Стратегияи мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои калидии муайянро (бо гурӯҳбандӣ ба натиҷаҳои калидӣ) дар низоми таҳсилоти умумӣ муқаррар кардааст.

132. Афзалиятҳо дар самти таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар таҳсилот:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.1 – сохтмон ва таъмири муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти ниёзҳои кӯдакони имконияташон маҳдуд:

- таҳкими ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, махсусан дар соҳаи сохтмон ва таъмири муассисаҳои таълимӣ;

- таъмини мутобиқат ва сифати инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ (эҳтиёҷоти асосӣ, гигиена ва беҳдошт) дар саросари кишвар бо дарназардошти эҳтиёҷоти кӯдакони имконияташон маҳдуд ва ақаллиятҳои миллӣ;

- насби таҷҳизоти махсус дар муассисаҳои таълимӣ (дастгоҳҳои бардоранда, пандусҳо, дастаҳо ва ғайра), инчунин таъмини кадрҳои дахлдори зарурӣ (психологҳо, педагог-дефектологҳо, мутахассисон оид ба дастгирии психологӣ ва педагогии кӯдакон ва ғайра);

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.2 – таъмини шароити бехатар ва мусоиди иҷтимоӣ барои таҳсил ва таъмини таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва этникӣ:

- такмили низоми таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар таҳсилоти умумӣ;

- таҳияи барномаҳои рушд ва таълими фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ;

- таҳияи барномаҳои рушди босуръат барои фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ, кӯдакони кӯча (аз ҷумла кӯдакони бадрафтор), фарзандони шахсони бешаҳрванд, гурезаҳо, ақаллиятҳои миллӣ (аз ҷумла кӯдакони шахсони паноҳҷӯянда) ва ғайра;

- ташкили механизмҳои баланд бардоштани сифати омӯзиши забонҳои давлатӣ, англисӣ ва русӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва синфҳои ақаллиятҳои миллӣ;

- такмили низоми кумаки ҳамаҷонибаи барвақтӣ барои кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус;

- ташаккули муҳити мутобиқшавии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва ниёзҳои рушди ҳар як хонанда;

- рушди равандҳои фарогир (инклюзивӣ) дар таълим ва ташаккули омодагии ҳама субъектҳои раванди таълим барои татбиқи ғояҳои таҳсилоти фарогир;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.3 – ҳавасманд кардани кӯдакони лаёқатманд ҳамчун воситаи баланд бардоштани иштирок дар таълим:

- таҳияи меъёрҳои муайян кардани истеъдодҳои хонанда;

- таҳияи барномаҳои махсуси рушд барои кӯдакони лаёқатманд;

- бо хобгоҳҳо таъмин ва муҷаҳҳаз намудани марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо;

- таъмини мустақилияти молиявӣ барои фаъолияти муассири марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо;

- додани мақоми шахси ҳуқуқӣ ба марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо;

- таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои нави таълимӣ, китобҳои дарсӣ барои мактабҳои президентӣ, литсейҳо ва гимназияҳо барои хонандагони болаёқат;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.4 – коҳиши шумораи тарки таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, махсусан духтарон ва кӯдакон аз гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазир:

- таҳия ва татбиқи барномаҳо барои муайян кардан, пешгирӣ ва кор бо кӯдаконе, ки ба мактаб намераванд ё тарки таҳсил мекунанд;

- дастгирии иқтисодӣ ва психологии кӯдаконе, ки бо сабаби мушкилот дар мактабу оила тарки таҳсил мекунанд;

- таҷдиди назари қонунгузорӣ ба хотири эҷоди механизмҳои дастгирии хонандагон ва гирифтани таҳсилоти умумӣ аз рӯйи синну сол.

133. Афзалиятҳо дар самти беҳтар намудани сифат ва муҳиммияти таълимро ташкил медиҳад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.5 – таъсиси низоми самаранок ва тағйирпазир барои тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи маориф барои зинаи таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ):

- таҳкими дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандсозии фаъолияти кормандони соҳаи омӯзгорӣ;

- коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои педагогӣ, ки ба рушди шахсият нигаронида шуда, ба салоҳиятҳо асос ёфтаанд;

- таҳия ва татбиқи барномаи рушди касбии омӯзгорон бо мақсади беҳтар кардани дастрасӣ ва сифати барномаҳои такмили ихтисос;

- таъсиси низоми арзёбии эҳтиёҷоти омӯзгорон ва мутобиқ сохтани низоми тайёр кардан, бозомӯзӣ ва рушди касбии омӯзгорон вобаста ба эҳтиёҷоти онҳо, аз ҷумла барои таълими самараноки илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математика;

- такмили барномаҳои таълимии (силлабусҳо-барномаҳо) омодагӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон бо мақсади мутобиқ сохтани онҳо ба муносибатҳои босалоҳият ва фарогир (инклюзивӣ);

- такмили мазмун, шакл ва усулҳои такмили ихтисос;

- татбиқи гузариш ба низоми сесолаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;

- таҳияи барномаҳои гузаронидани курсҳои такмили ихтисос, аз ҷумла қисман тавассути таълими фосилавӣ;

- роҳандозӣ намудани низоми бозомӯзии касбии кормандони педагогӣ;

- таҳияи шаклҳои рақобатпазири такмили ихтисос барои таъмини таҳсилоти босифат;

- ҷорӣ намудани низоми таълими пешрафтаи кредитӣ-модулии такмили ихтисос;

- рушди корҳои илмию таҳқиқотӣ бо мақсади муайян намудани роҳҳои таъсирбахши баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф;

- такмили низоми мушовирӣ ва роҳбаладии омӯзгорон (муносибати ба шахсият нигаронидашуда, дастгирии кӯдак, ташаккули тафаккури пешрафт ва ғайра);

- таҳияи низоме, ки дар он муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ки омӯзгоронро тайёр мекунанд, бо муассисаҳои таълимӣ тавассути фароҳам овардани барномаи самарабахши таҷрибаҳосилкунӣ ва ё таҷрибаомӯзӣ робитаи қавӣ доранд. Пас аз хатми ихтисосҳои марбут ба таҳсилоти умумӣ хатмкунандагон бояд ҳадди ақал як сол таҷрибаи самараноки омӯзгорӣ ва ҳавасмандӣ ба таълим дошта бошанд;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.6 – таҳияи стандартҳои таҳсилоти умумӣ ва маводи таълимӣ-методӣ, ки ба салоҳиятҳо ва муносибати фарогирӣ (инклюзивӣ) асос ёфтаанд:

- ҷорӣ намудани барномаи муосири таълим дар таҳсилоти умумӣ, ки ба муносибати босалоҳият (ва бо такя ба ихтисосҳои илмӣ, техникӣ, муҳандисӣ ва математикӣ, ҳамчунин ба рамзсозӣ, техникаи роботӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла ташкили маҳфилҳои инноватсионӣ, олимпиадаҳо ва ғ.) асос ёфтааст;

- таҳияи Чорчӯбаи миллии куррикулум: ба итмом расонидани ислоҳоти  гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим;

- таҳия ва нашри китобҳои нави дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ барои синфҳои мувофиқ, ки ба муносибати босалоҳият ба таълим асос ёфтаанд;

- таҳияи стандартҳо, нақшаҳои таълим, барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ барои рушди барвақтии кӯдакон дар асоси модели самараноки таълим;

- таҳияи китобҳои дарсии нав, таҳия ва нашри китобҳои дарсии алтернативӣ бо пешниҳоди имконияти интихоби онҳо аз ҷониби

омӯзгорон ва хонандагон, таҷдиди назар ба стандартҳои мавҷудаи таълимӣ барои таъмини гузариши тадриҷӣ ба таҳсилоти умумии 12-сола;

- рушди таъминоти илмӣ, таълимию методии ҷараёни таълим, ки ба истифодаи самараноки неруи тарбиявии дарсҳои омӯзишӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои шахсии таҳсилотӣ аз ҷониби хонандагон мусоидат мекунад (маводи дидактикӣ ва ташхисӣ, дастурамалҳо оид ба истифодаи онҳо дар раванди таълим);

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.7 – баланд бардоштани мақоми касби омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии «Омӯзгорон ва устодони босалоҳият», «Роҳбарони босалоҳияти муассисаҳои таълимӣ», «Волидони босалоҳият» бо мақсади баланд бардоштани мақоми касби омӯзгор, инчунин барои кори муназзами педагогӣ ва психологӣ бо волидон дар самти дастгирии фаъолияти педагогӣ, ки ба рушди устувори кӯдакон равона шудааст;

- такмили низоми пешбарӣ ва ҳавасмандсозии омӯзгорон дар асоси фаъолияти онҳо (низоми мукофотонӣ ва ҳавасмандсозии омӯзгорон дар асоси натиҷаҳои таълими хонандагон ва нишондиҳандаҳои дигари ченшаванда);

- такмили низоми қабул ба кор ва рушди вазифавии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.8 – ҷорӣ намудани низоми самаранок ва механизмҳои институтсионалии арзёбии сифати таҳсилот дар асоси муносибати босалоҳият:

- чорчӯбаҳои миллии арзёбии сифати таҳсилот соли 2021 таҳия мегарданд, ки арзёбиҳои миллии стандартиро оид ба санҷиш (ченкунӣ)-и натиҷаҳои таълими хонандагон, инчунин стандартҳои босалоҳиятиро дар синфҳои ибтидоӣ (саводнокӣ, математика) ва синфҳои миёна дар бар мегиранд;

- воситаҳо барои арзёбиҳои миллии стандартии донишҳои бадастоварда, малакаҳо ва салоҳиятҳо соли 2022 барои таълими савод (забон) ва ҳисоб (математика) дар синфҳои ибтидоӣ ва барои фанҳои алоҳидаи дуюмдараҷа таҳия шуда, аз озмоиш мегузаранд;

- барои синфҳои ибтидоӣ ташкил кардани арзёбии саводнокӣ ва ҳисоб пас аз ҳар чанд сол як маротиба шурӯъ аз соли 2023 ба мақсад мувофиқ аст. Барои синфҳои миёна низ арзёбиҳои дусоларо ташкил кардан мумкин аст. Фанҳои арзёбишаванда барои ҳар силсилаи дусолаи арзёбӣ вобаста ба ташаббусҳо оид ба такмили таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ метавонанд муайян гарданд. Арзёбии сифати таҳсилот аз ҷониби мутахассисони тибқи чорчӯбаҳои миллӣ тайёргардида гузаронида мешавад. Маълумот оид ба натиҷаҳои арзёбӣ ба хотири таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, ҳамчунин барои иттилоъ додан ба шахсоне, ки қарор қабул мекунанд, ба ҷонибҳои манфиатдор, донорҳо ва волидон барои муайян намудани эҳтиёҷот,

мушкилот ва имкониятҳо оид ба татбиқи мақсадноки ислоҳот ва захираҳо ва беҳтаршавии одилонаи натиҷаҳои таълим ба тарзи оммавӣ дастрас мешавад;

- масъалаи иштирок дар арзёбиҳои таҳсилотии байналмилалии таҳсилоти умумӣ (PISA, TIMSS, PIRLS ва ғайра) баррасӣ мешавад.

134. Афзалиятҳо дар самти тақвияти низоми самараноки идораи соҳаи маориф:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.9 – таҳияи механизмҳои нави маблағгузории соҳаи маориф, ки ба баланд бардоштани сифат ва дастрасии таҳсил, новобаста ба ҷинс, мақоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва мансубияти этникӣ, нигаронида шудаанд:

- такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи идораи амволи давлатӣ ва андозбандӣ бо мақсади фароҳам овардани имтиёзҳо ба сармоягузорони хусусӣ ва соҳибкорон дар самти таҳсилоти умумӣ;

- таҳлили институтсионалии маблағгузории низоми таҳсилоти умумӣ ва дар заминаи он таҳия намудани тавсияҳо оид ба таъмини дараҷаи бештари озодии молиявӣ ба муассисаҳои таълимӣ ва имконияти зиёд кардани захираҳои озод барои хароҷоти таъмири ҷорӣ ва асосӣ;

- такмил ва ба расмият даровардани низоми саҳмгузории волидон (ба истисноии хонаводаҳои камбизоат, осебпазир, бештар аз як фарзанди хонанда дошта) дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо мақсади коҳиш додани ришвахӯрӣ, баланд бардоштани шаффофият ва истифодаи самараноки захираҳои беруна;

- ҷалби саҳмгузории хатмкунандагони муваффақ, муҳоҷирон, сокинони ҷамоатҳои маҳаллӣ ва шахсони дигар, ки имкониятҳои молиявӣ дошта, хоҳиши саҳм гузоштан ба муассисаи таълимиро доранд;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.10 – татбиқи гузариш ба низоми 12-солаи таҳсил бо таҷдиди мазмуни таҳсилот:

- таҳия ва татбиқи стандарти нави таҳсилоти 12-сола дар асоси муносибати босалоҳият;

- таҳияи китобҳои дарсӣ ва такмили маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ барои майдонҳои таҷрибавӣ тибқи модели 12-солаи таълим, китобҳои дарсии электронӣ, тарҷума ва мутобиқ кардани китобҳои дарсӣ ва маҷмӯи маводи таълимӣ барои муассисаҳои таълимии ислоҳӣ;

- ҷудо кардани вазифаҳои таҳия ва ташхиси китобҳои дарсӣ;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.11 – беҳтар кардани инфрасохтор ва гурӯҳбандии муассисаҳои таълимӣ:

- такмили механизми калидии рушди инфрасохтори муосири таҳсилоти умумӣ – рушди технологияҳои ташкили таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла технологияҳои ташкили таълим, ҳамлу нақли хонандагон ва муҳити таълим, хӯрок ва иштироки ҷомеа дар идораи таҳсилот;

- таъсиси маҷмааи муассисаҳои таълимӣ: роҳҳо ва воситаҳои нақлиёт, сайрхатти нақлиёт, телекоммуникатсия ва китобхонаҳо;

- ҳалли мушкилоти муассисаҳои камнуфус: мукаммалсозии намудҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.12 – такмили ихтисоси директорон ва маъмурони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ:

- ташкили механизмҳои такмили малакаҳои роҳбарии муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти идоравӣ ва омӯзгории онҳо;

- таъсиси низоми нави идоракунӣ, ки бояд масъалаҳои зерини калидии идоракуниро дар бар гирад: муайян намудани салоҳияти касбии идоракунӣ, омӯзиши маҷмӯии эҳтиёҷоти таълим, муайян кардани мазмуни тайёрии касбӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ, ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои типпии ҳолатҳои идоракунии роҳбарони гуногуни муассисаҳои таълимӣ ва таҳияи тамсила (модел)-и раванди омодагии касбӣ, тафриқаи мазмун ва шаклҳои ташкилии таълим барои муассисаҳои гуногуни таълимӣ, ташкили ҳамкориҳои фаъоли идорӣ барои ташаккули унсурҳои асосии босалоҳиятии касбӣ;

- аз тарафи маъмурияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ таҳия ва татбиқи гурӯҳҳои лоиҳавӣ, лоиҳаҳои фосилавӣ ва интернетӣ, дарсҳои семинарӣ ва вебинарҳо;

- таҳияи стандартҳои касбӣ барои директорон ва муассисаҳои таълимӣ ва татбиқи барномаҳои такмили ихтисоси директорон ва муовинони онҳо, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.13 – татбиқи низоми самараноки мониторинг ва арзёбии татбиқи ислоҳоти сохторӣ ва институтсионалӣ дар соҳаҳои маориф ва илм:

- фароҳам сохтани муҳити муосири иттилоотии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ;

- дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ намудани автоматикунонии ҷараёни таълим вобаста ба истифодаи шаклҳои электронии дафтарҳои баҳисобгирӣ ва рӯзнома, мониторинги фосилавии давомот, пайгирии вақти воридшавӣ ва рафтани хонандагон;

6) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.2.14 – истифодаи дурусти маълумот ва иттилооти ҷамъоваришуда ҳангоми қабули қарорҳо дар таҳсилоти умумӣ:

- такмили низоми иттилоотии идоракунии маориф (таҷҳизот, ҷамъоварии маълумоти муътамад, таҳлил ва пешниҳоди маълумот, таҳияи панелҳои нишондиҳандаҳои мактабӣ ва ноҳиявӣ);

- такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф дар самти ҷамъоварӣ ва истифодаи маълумот барои қабули қарорҳо;

- такмили низоми таҳлили сифати таҳсилот дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо мақсади муайян кардани сабабҳои ихтилоф ва қарори қабулҳо;

- таъсиси портали онлайнӣ ё низоми идоракунии иттилоот, ки ҳамаи муассисаҳои таълимиро бо шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо, раёсатҳои маорифи шаҳру вилоятҳо ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо мақсадҳои идоракунӣ, инчунин мубодилаи таҷриба ва амалияи пешқадам пайваст мекунад.

## §3. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ

135. Талаботи корфармоёни маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Точикистон ба қувваи коргарӣ ва мутахассисони зинаи миёна хеле муҳим аст, зеро дар ниҳояти кор онҳо ҳалли устувори масъалаи шуғли нопурра ва камбизоатиро дар Тоҷикистон таъмин менамоянд. Масъалаи асосӣ дар он аст, ки қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат бо шумораи кифояи кормандони тайёридида дар дохил ва хориҷи кишвар чӣ гуна ҳалли худро ёбад.

136. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ намудҳои нави муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шудаанд. Аз ҷумла, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ба литсейҳои касбӣ-техникӣ, техникум ва омӯзишгоҳҳо ба коллеҷҳо табдил дода шудаанд. Фаъолияти литсейҳои касбӣ-техникӣ ва коллеҷҳо тавассути низомномаи намунавӣ ва стандартҳои давлатӣ ба танзим дароварда мешавад.

137. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф соли таҳсили 2018-2019 61 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошт, ки дар онҳо 23385 хонанда таҳсил мекарданд ва ба онҳо 2508 омӯзгор ва устои таълими истеҳсолӣ дарс мегуфтанд. Дар 72 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (56 давлатӣ ва 16 хусусӣ) дар ҳамон соли таҳсил 85579 донишҷӯ буданд, ки ҷараёни таълими онҳоро 5775 омӯзгор дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекарданд (ниг. Ҷадвали 8). 61 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Аз 72 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 24 муассиса ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 – Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 – ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 – ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 – ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва яктоӣ муассисаи таълимӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ба корхонаи воҳиди давлатии «Заводи алюминии Тоҷикистон», Неругоҳи барқи обии «Роғун», Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошта, 16 муассисаи таълимии таҳсилоти хусусӣ мебошанд.

Ҷадвали 7. Шумораи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар солҳои 2015-2018

| Соли таҳсил | Теъдоди муассисаҳои таҳсилотӣ | | Теъдоди таълимгирандагон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ҳамагӣ | | Аз ҷумла, духтарон | | | |
| | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | |
| | | | | | нафар | % | нафар | % |
| 2015-2016 | 62 | 65 | 26973 | 68325 | 4813 | 7,8 | 40361 | 59,1 |
| 2016-2017 | 62 | 66 | 22779 | 73333 | 5214 | 2,9 | 43372 | 59,1 |
| 2017-2018 | 61 | 68 | 24176 | 80432 | 5617 | 3,2 | 49696 | 61,8 |
| 2018-2019 | 61 | 72 | 23385 | 85579 | 5301 | 2,7 | 54621 | 63,8 |

138. Афзоиши шумораи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар солҳои 2011-2018 ба ҳисоби миёна 11,2%-ро ташкил додааст. Сабабҳои чунин афзоиш зиёдшавии шумораи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчунин талаботи ҷавонон, аз ҷумла духтарон ба ихтисосҳои тиббӣ ва омӯзгорӣ, ҳамчунин ба ихтисосҳои соҳаи санъат ва фарҳанг аст. Тадриҷан афзудани шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ муҳим будани ин зинаи таҳсилоти касбиро нишон медиҳад, зеро иҷтимоишавӣ ва соҳиби шуғл гардидани ҷавононро дар бозори меҳнат дар синну соли барвақтӣ, махсусан, барои ҷавонон аз оилаҳои нопурра ва аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир, ки ба манбаи иловагии даромад ниёз доранд, таъмин менамояд.

139. Соли таҳсили 2018-2019 дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон мутаносибан 22 ва 17 муассисаи таълимӣ фаъолият мекарданд, ки дар онҳо мувофиқан 32% ва 26% шумораи умумии хонандагон таҳсил мекарданд. Дар шаҳри Душанбе дар 11 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 26,4% хонандагон рост меомад. Шумораи боқимондаи хонандагон – 15,6% дар 1 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 10 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳсил мекарданд. Ба ҳисоби миёна ба ҳар як муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 383 хонанда (бо тафовути начандон калон дар сатҳи минтақавӣ) рост меояд.

140. Соли таҳсили 2018-2019 72 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ чунин ҷойгир шуда буданд: Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 1, вилояти Хатлон – 21, вилояти Суғд – 21, шаҳри Душанбе – 13 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 16 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ. Ба ҳисоби

миёна ба ҳар як муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 1188 донишҷӯ рост меояд (ба истиснои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дар як коллеҷ 302 донишҷӯ таҳсил мекунад).

141. Дар ҳоли ҳозир такмили босуръати шабакаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ идома дорад, ки дар раванди он таъсиси муассисаҳои таълимии бисёрзинагӣ нақши муҳим мебозад. Дар заминаи 11 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ шуъбаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ташкил карда шудаанд, ки онҳо тайёр кардани кадрҳоро аз рӯйи 16 ихтисос таъмин менамоянд. 9 коллеҷ чун қисми таркибии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ мутахассисони зинаи миёнаро тайёр мекунанд.

142. Соли таҳсили 2018-2019 нақшаи қабули донишҷӯён ба муасисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 29182 нафарро ташкил дод. Амалан, 26764 донишҷӯ қабул карда шуд, ки ин нисбат ба нақшаи қабул 2418 нафар камтар аст, яъне нақшаи қабул 91,7% иҷро шудааст. Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2018-2019 нисбат ба соли таҳсили 2017-2018 1330 нафар ва нисбат ба соли таҳсили 2010-2011 12151 нафар зиёдтар буд. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаи фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ нисбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии дар сатҳи зарурӣ набуда, мутаносибан 9,9% ва 16,4%-ро ташкил намудааст.

143. Ҳиссаи донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ тадриҷан 80% афзоиш ёфтааст, ҳарчанд дар минтақаҳо ин нишондиҳандаҳо тағйирёбанда аст. Агар ҳиссаи онҳо дар шаҳри Душанбе 82% ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 82,1%-ро ташкил диҳад, пас дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон мутаносибан ба 79,0 % ва 74,4% баробар буд. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамаи донишҷӯёни коллеҷ дар шакли рӯзонаи таълим таҳсил мекунанд.

144. Соли таҳсили 2018-2019 дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ 84% хонандагон дар гурӯҳҳои буҷетӣ таҳсил мекарданд. Ин нишондиҳанда дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ду маротиба камтар буда, 35,6%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, зиёда аз 60% донишҷӯён дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳсилро худашон мустақилона маблағгузорӣ кардаанд. Ҳоло таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯйи арзиши таҳсил ба довталабон нисбатан дастрас гардидааст. Пардохти арзиши таҳсил аз рӯйи ихтисосҳои гуногун дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нисбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба маротиб камтар аст ва ба ҳисоби миёна аз 400 то 3000 сомониро ташкил медиҳад. Коллеҷҳои хусусӣ, ки арзиши таҳсил дар онҳо аз 4000 то 11000 сомонӣ аст, истисно мебошанд.

145. Соли таҳсили 2018-2019 нишондиҳандаҳои фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ аз тарафи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мувофиқан 10% ва 16,4%-ро ташкил кардааст.

146. Аз соли 2014 тибқи иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти таълимӣ, ки Хадамоти назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Вазорати маориф Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, сарфи назар аз мавқеи ҷойгиршавӣ, танҳо барномаҳои таълими шакли рӯзонаи таълимро пешниҳод менамуданд, вале муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ барномаҳои таълимии рӯзона, шабона ва ғоибона (фосилавӣ)-ро пешниҳод менамуданд. Таҷрибаи байналмилалӣ шакли дуалӣ (дугона)-и таълимро барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳамчун шакли нисбатан самаранoктар исбот кардааст.

147. Ҳоло бо мақсади самаранок истифода бурдани захираҳо, гирифтани тахассуси таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва ҳар чи бештар ҷалб намудани довталабон муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба таҳсилоти дусола дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9) гузаштаанд. Дар натиҷа барои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи бештар аз 50 ихтисос нақшаҳои таълимии намунавӣ таҳия ва тасдиқ шуданд.

148. Аз рӯйи натиҷаҳои соли таҳсили 2018-2019 аз 12700 нафар хатмкунандаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ танҳо 7400 нафар хатмкунанда (58,3% шумораи умумии хатмкунандагон) аз рӯйи тақсимот ба кор равона карда шудаанд. Хатмкунандагон аз вазоратҳои дахлдор барои кор дар бахши расмӣ роҳхат гирифтанд. Аз онҳо ба соҳаҳои саноат – 23,9%, кишоварзӣ ва ҷангал – 35%, нақлиёт – 17,8% роҳхат гирифта ва соҳаҳои дигар – 23,3%, мисли сохтмон (аз ҷумла маҳсулоти сохтмонӣ), савдои яклухт ва чакана, хӯроки умумӣ, хоҷагии манзилию комуналӣ ва ғайра равона карда шуданд.

149. Аз рӯйи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 50-60% хатмкунандагони коллеҷҳо дар бозори меҳнат дар самти омӯзгорӣ ва ё тиббӣ соҳиби кор шуда, 20% таҳсилро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ идома медиҳанд, 10% ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мераванд (писарон) ва ё бо нигоҳубини кӯдак (духтарон) банд мешаванд. Хатмкунандаи коллеҷи омӯзгорӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, хатмкунандаи коллеҷи тиббӣ ба муассисаҳои тиббӣ ба кор равона карда мешавад. Хатмкунандагони ихтисосҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодӣ ҷойи корро мустақилона интихоб мекунанд.

150. Ҳамасола ҳаҷми тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси аҳолии калонсол меафзояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 маркази

таълими калонсолони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо филиалу намояндагиҳои худ дар ноҳияҳо фаъолият мекунад. Марказҳои таълими калонсолон барои шахсони алоҳидаи дорои синну соли қобилияти меҳнатӣ бо шумораи 50000 нафар қабули солона курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ доир менамоянд.

151. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бо таълим фарогирии калонсолон баланд нест. Дар тӯли соли 2016 сатҳи иштироки калонсолон дар таълим (94997 нафар) фақат 2,5%-ро ташкил кардааст. 40% аҳолии кишварро калонсолон (25-сола ва аз он боло) ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз ин, амалан ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ низ курсҳои кӯтоҳмуддати таълимиро (аз 1 то 6 моҳ) ташкил мекунанд, вале роҷеъ ба он омори расмӣ вуҷуд надорад ва он ба танзим дароварда намешавад. Дар асоси иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 260 муассисаи таълимии хусусӣ хизматрасониро оид ба таълими кӯтоҳмуддат (курсҳои омӯзиши забонҳо, ронандагӣ, таълими касбӣ ва ғайра) пешниҳод мекунанд. Омори таълими кӯтоҳмуддат ва таълим дар истеҳсолот ҳамчун қисми таркибии таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар сатҳи Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб ва ҷамъбаст карда намешавад ва вобаста ба ин таҳлили маҷмӯии он имконнопазир мегардад.

152. Аз соли 2016 сар карда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 маркази таълимии касбӣ бо заминаи моддӣ-техникии муосир фаъолият мекунад, ки дар онҳо аз рӯйи 15 ихтисос касб меомӯзанд: дар шаҳри Норак дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, ноҳияи Муъминобод дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ноҳияи Хуросон дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ноҳияи Рашт дар назди Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон. Ин марказҳои таълимии касбӣ бо дастгоҳҳои зарурӣ барои таълими ихтисосҳои коргарӣ (аз ҷумла, дӯзандагӣ, ошпазӣ, қаннодӣ, васлгарӣ, коргари барқ ва ғ.) муҷаҳҳаз мебошанд.

153. Дастрасии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳамчунин ба мавҷуд будани заминаи моддӣ-техникии мувофиқ вобаста аст. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ 3398 компютер ва таҳсилоти миёнаи касбӣ – 4260 компютер, аз онҳо дар синфхонаҳои компютерӣ мутаносибан 1318 ва 2496 адад мавҷуд аст. Аксари компютерҳо бо шабакаи интернет пайваст аст. Ба ҳар 100 донишҷӯи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мувофиқан 14 ва 25 компютер рост меояд. Татбиқи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои чанд муддат бо сабаби бӯҳрони молиявӣ-иқтисодӣ боздошта шуда буд, вале чанде пештар татбиқи он идома ёфт. Сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда дар низоми таҳсилоти

миёнаи касбӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ таҷҳизоти озмоишгоҳи муосир (тахтаҳои электронӣ, кабинетҳои лингафонӣ, проекторҳо ва ғайра) технологияи компютерӣ, мебел харидорӣ гардида, корҳои таъмирӣ амалӣ карда мешаванд.

154. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ назорати давлатӣ ба такмили сифати тайёркунии хатмкунандагон равона шудааст. Таъмин намудани сифат дар системаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ ва гирифтани иҷозатнома барои пеш бурдани фаъолияти таълимӣ тасдиқ карда мешавад. Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар 5 сол як маротиба гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мувазզаф аст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки «...ҳамаи кормандони соҳаи маориф, аз дастгоҳи вазорат ва сохторҳои маҳаллии он то устодону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликият, дар тамоми қаламрави кишвар ҳар се сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида шаванд».

Ҷадвали 8. Шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар солҳои 2010-2018

| Соли тахсил | Теъдоди омӯзгорон | | | | | | Теъдоди донишҷӯён ба 1 омӯзгор | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | | Аз ҷумла занон | | Тахассуси олӣ (таҳсилоти ибтидоии касбӣ) | Омӯзгорони воҳидӣ (штатӣ) (таҳсилоти миёнаи касбӣ) | | |
| | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | | | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ |
| 2010-2011 | 1160 | 3710 | 349 | 1537 | 453 | 2239 | 19,5 | 16,8 |
| 2015-2016 | 1834 | 5119 | 666 | 2289 | 528 | 2505 | 14,7 | 27,3 |
| 2016-2017 | 2205 | 5091 | 774 | 2153 | 431 | 3282 | 10,3 | 22,3 |
| 2017-2018 | 2458 | 5188 | 874 | 2182 | 521 | 3273 | 9,8 | 24,6 |
| 2018-2019 | 2508 | 5775 | 931 | 2494 | 527 | 3914 | 9,3 | 21,9 |

155. Ҳайати омӯзгорӣ ва кормандони муҳандисӣ-техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ дар 5 сол як маротиба дар назди Маркази такмили ихтисоси кормандони соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи

назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва истеҳсолот аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд. Айни замон барои рушди мунтазами кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо дастгирии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо 7 маркази такмили ихтисоси кормандони муҳандисӣ-педагогӣ фаъолият менамояд. Марказҳои нави такмили ихтисоси омӯзгорон бе ҷудо шудан аз истеҳсолот бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз буда, дар 9 самти касбӣ дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд. Ин марказҳо дар заминаи моддӣ-техникии литсейҳои мавҷуда, яъне муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ таъсис дода шудаанд.

156. Ҳанӯз ҳам тамоили устувори хориҷшавии кадрҳои дорои тахассуси касбӣ, устоҳои таҷрибадори таълими истеҳсолӣ ва омӯзгорони фанҳои махсус аз низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосӣ дар сатҳи зарурӣ набудани музди кор, боэътибор ва диққатҷалбкунанда набудани ин низом барои кадрҳои ҷавон ва ояндадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

157. Бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилотӣ аз соли таҳсили 2013-2014 сар карда, дар фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ низоми кредитии таълим ҷорӣ гардид. Низоми кредитии таълим тибқи Низомномаи ташкили низоми таълими кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрир аз 1 октябри соли 2018, №18/35) танзим мегардад. Бо гузаштани муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми кредитӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Талаботи ҳадди ақал ба Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба илмҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиатшиносӣ таҳия ва тасдиқ гардид. Илова ба ин, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва Таснифоти давлатии самтҳо ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурииии Тоҷикистон дар таҳрири нав тасдиқ гардид. Аз соли 2013 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 112 номгӯйи стандартҳои тахассусии таҳсилоти миёнаи касбиро дар соҳаҳои педагогика, техника, энергетика, иқтисодиёт ва технология тасдиқ кардааст. Вале то ҳол стандартҳои насли нав дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ва ташкили модулии барномаҳо бо ҷалби ҳатмии корфармоён таҳия нагардидаанд.

158. Дар даҳсолаи охир зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти махсусгардонӣ тағйироти назаррасро паси сар намудааст. Айни замон муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ кадрҳои коргариро аз рӯйи 14 самт (иқтисод, техника ва технология, нақлиёт, таҷҳизоти радиоэлектронӣ, энергетика, химия, саноати сабук ва коркарди кӯҳӣ, меъморӣ, кишоварзӣ, металлургия, телекоммуникатсия, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ, хизмати маишӣ ва хӯроки умумӣ) ва 96 ихтисос тайёр мекунанд. Дар сатҳи муассисаҳои

таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ тайёр кардани мутахассисон аз рӯйи 7 самт (иқтисод, техника ва технология, омӯзгорӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, фарҳанг ва варзиш) ва 166 ихтисос ба амал бароварда мешавад. Корфармоён ба сифати раисони имтиҳоноти давлатии хатм даъват карда мешаванд, ба донишҷӯён имконияти гузаронидани таҷрибаомӯзиро дар корхонаву ширкатҳои худ фароҳам месозанд. Робитаи мутақобилаи таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва эҳтиёҷоти корфармоён дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад нест, ҳамчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии таъмини робитаи бозори меҳнат бо таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ андешида нашудаанд.

159. Ихтисосҳои коргарӣ дар низоми таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се ҳуҷҷати гуногун тасниф ёфтааст:

- Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва Номгӯи касбҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №388);

- Таснифоти давлатии касбҳои коргарӣ, вазифаҳои хизматчиён ва дараҷаҳои тарифӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №86);

- Номгӯйи умумиҷумҳуриявии машғулиятҳо (қарори ҳайати Мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2003, №36).

160. Таснифоти давлатии касбҳои коргарӣ, вазифаҳои хизматчиён ва дараҷаҳои тарифӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Таснифоти стандартии байналмилалии таҳсилот (ТСБТ-0 2013) мувофиқат намекунад. Дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилоти касбӣ зарурати таҳияи заминаи ягонаи методологӣ барои муайян кардани таснифоти тахассусҳо (тахассус ва ихтисосҳои таҳсилоти касбӣ) ба миён меояд.

161. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 танҳо 15% шумораи умумии хонандагонро духтарон ташкил медоданд. Соли 2015 ин нишондиҳанда ба 17,8% ва дар соли таҳсили 2018-2019 ба 22,7% баробар буд. Ин ҳолат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ низ ҷой дорад: дар давраи солҳои 2010-2018 зиёд шудани ҳиссаи духтарон нисбат ба шумораи умумии донишҷӯён ба назар мерасад. Масалан, дар соли 2010 ҳиссаи духтарон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 55%, соли 2015 59,1% ва соли 2018 ба 63,8% баробар буд. Ин ҳолат афзоиши дастрасӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ва самаранок будани чораҳои андешидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад.

162. Соли таҳсили 2018-2019 84% хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва зиёда аз 35% хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар гурӯҳҳои буҷетӣ таълим мегирифтанд. Гурӯҳҳои буҷетӣ гурӯҳҳое мебошанд, ки дар онҳо донишҷӯён аз ҳисоби буҷети давлатӣ таълим мегиранд. Ин ба он

алоқаманд аст, ки ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ довталабон бештар хонандагоне мебошанд, ки синфи 9-уми таҳсилоти умумиро хатм карда, бо таҳсилоти умумии асосӣ мустақиман ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ мераванд.

163. Тақсимоти донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи забони таҳсил дар соли таҳсили 2018-2019 чунин буд: 81024 нафар донишҷӯ бо забони давлатӣ таълим мегирифтанд, ки ин 96,8% шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро ташкил медиҳад, 2452 нафар донишҷӯ – бо забони русӣ ва 268 донишҷӯ бо забонҳои дигар (аз ҷумла англисӣ) таълим мегирифтанд. Умуман, дар байни солҳои 2010-2018 таносуби донишҷӯёни бо забонҳои дигар таълимгиранда тағйир наёфтааст.

164. Дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ литсейи техникии махсус барои шахсони имконияташон маҳдуд дар шаҳри Душанбе фаъолият мекунад, ки дар он 271 нафар хонанда, аз ҷумла 80 нафар духтар таълим мегиранд. Ба ғайр аз ин, барои фарогирии гурӯҳҳои аҳолии осебпазир дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ 2 литсейи касбӣ-техникӣ дар назди ҳабсхонаҳо ва як литсейи касбӣ-техникӣ барои наврасони душвортарбия фаъолият мекунад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 48 нафар навраси имконияташ маҳдуд, аз ҷумла 12 нафар духтар таълим гирифтанд.

165. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз 30% хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (ҳамасола 58 000 нафар) бояд ҷалб карда шаванд. Бо дарназардошти зарурати рушди низоми бозомӯзӣ, такмили ихтисоси коргарони зинаи миёна ва муҳоҷирони меҳнатӣ сарбории низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз ду маротиба афзоиш хоҳад ёфт.

166. Тибқи Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нуктаҳои рушди институтсоналии таҳрикдиҳанда ва ҷиддӣ чунин муайян шудаанд:

- рушди низоми аттестатсияи омӯзгорон ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ;
- таъмини тағйирпазирӣ (чандирӣ)-и барномаҳои таълим, аз ҷумла дар асоси ҷорӣ намудани низоми таҳияи модулии барномаҳо;
- таъмини иртиботи дониши касбӣ ва малакаи амалӣ (ташаккули стандартҳои таълимӣ ва касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои гуногун бо ҷалби корхонаву ташкилотҳо, пешбурди ҷараёни таҳсилот бо истифода аз иқтидорҳои корхонаҳои азим, ташкили майдончаҳои истеҳсолии таълимӣ);
- дастгирии рушди низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки бо самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар ҳамоҳанг сохта шудааст (таҳкими заминаи моддию техникӣ, алоқа бо корхона ва ташкилотҳо-корфармоёни ояндаи хатмкунандагон, рушд ва баланд

бардоштани самаранокии низоми машварати касбии ҷавонон, ташкили низоми озмунҳои минтақавӣ аз рӯйи ихтисосҳои корӣ);

- ошкор намудани талабот ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълим, ки ба таъсиси ихтисос ва бозомӯзии касбҳои нав ҷиҳати истифода аз технологияҳои ба муҳити зист, ба самаранокии нерую захираҳо алоқаманд мебошад, равона шудааст ва ҳайати кадриро барои «шуғли сабз» ташаккул медиҳад;

- андешидани маҷмӯи тадбирҳо дар самти таъмини дастрасии шахсони дорои имконияти маҳдуд ба таҳсилоти касбии босифат;

- пурзӯр намудани унсурҳои таҳқиқотӣ ва ҳамгироии байналмилалии таҳсилоти касбӣ.

167. Дар доираи Стратегияи мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои калидии муайянро (бо гурӯҳбандӣ ба натиҷаҳои калидӣ) дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба нақша гирифтааст.

168. Афзалиятҳо дар самти таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилот:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.1 – бунёди муассисаҳои нав ва азнавсозии муассисаҳои таълимии амалкунандаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ:

- сохтмони маҷмааҳои нави муассисаҳои таълимӣ бо инфрасохтори замонавӣ ва азнавозии муассисаҳои таълимии амалкунанда бо дарназардошти зиёд намудани фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд;

- муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо таҷҳизоти замонавӣ;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.2 – ҷорӣ намудани унсурҳои ҳукумати электронӣ ва азнавсозии низоми технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ:

- ҷустуҷӯ ва бастани шартномаҳо бо ширкатҳо-таҳиягарони таъминоти барномавӣ бо мақсади ташаккули идоракунии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (пешбурди унсурҳои низоми ҳукумати электронӣ);

- пурра ҷорӣ намудани технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз ҷумла дар тамоми синфхонаҳое, ки таҷҳизоти технологияи иттилоотию коммуникатсиониро истифода мебаранд, ҷараёни таълимро дар асоси технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ истифода мекунанд ва инчунин таълими фосилавиро ба роҳ мондаанд;

- таъмини 100-фоизаи фарогирии интернет ва дастрасии васеи хонандагон ба интернет;

- ҳавасмандсозии сарпарастон ва сармоягузорон, аз ҷумла вогузор кардани имтиёзҳои гумрукӣ ва озод намудан аз андоз аз арзиши иловашуда барои харид ва фурӯши технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсади таълим, бастани шартномаҳо бо ширкатҳо-таҳиягарони таъминоти барномавӣ, инчунин пешниҳоди ройгони таъминоти барномавӣ;

- таҳияи маводи таҳсилоти электронӣ ва истифодаи технологияҳои абрӣ (маводи таълимии электронӣ), китобхонаҳои электронӣ, китобҳои электронӣ ва тамоми маводи ёрирасон ҳамзамон бо маводи чопии коғазӣ;

- такмили заминаҳои ҳуқуқӣ барои мусоидат ба инноватсияҳо дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.3 – таъмини таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- таҳияи механизмҳои самаранок ва устувори ҳамгироии хонандагони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- азнавсозии заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва дар сурати зарурат бунёди муассисаҳои нави таълимӣ бо дарназардошти таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- ташкили муҳити махсуси таълимӣ, яъне мавҷудияти кадрҳои педагогӣ бо ихтисоси махсус, ки дорои методҳои инноватсионӣ ва технологияҳои таълимии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошанд; маҷмӯи барномаҳо, нақшаҳо, маводи методӣ, адабиёт; фароҳам сохтани шароитҳои берунаи мувофиқ (сатҳи зарурии бароҳатӣ, воситаҳои махсуси ҳаракат ва ташкили ҷойҳои таълимии мутобиқшуда, воситаҳои таълими фосилавӣ);

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.4 – баланд бардоштани нуфузи касбҳои коргарии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва ихтисосҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ:

- таҳким ва вусъати чорабиниҳои касбомӯзӣ-тамоюлӣ, ки ба огоҳонии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ оид ба касбҳои коргарӣ ва ихтисосҳои дархостӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ равона шудаанд;

- шинос намудани ҷавонон бо ҳар гуна ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба озмунҳои малакаҳо, ярмаркаҳои малакаҳо ва ғайра, ташаккули тасаввурот оид ба чемпионати ҷаҳон оид ба маҳорати касбӣ аз рӯйи стандартҳои «World Skills»;

- ба ҷараёни таълими таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷорӣ намудани ихтисосҳои муҳандисӣ-техникии барои духтарон ҷолиб;

- гузаронидани корҳои ташвиқотӣ оид ба муҳиммияти технологияҳои компютерӣ ва ихтисосҳои муҳандисӣ на танҳо дар байни духтарон, балки барои волидони онҳо.

169. Афзалиятҳо дар самти баланд бардоштани сифат ва муҳиммияти таҳсилотро ташкил медиҳад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.5 – таҳияи механизми муназзами пайгирии таъмини хатмкунандагон бо кор аз рӯйи ихтисос бо дарназардошти шахсони имконияташон маҳдуд дар бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ:

- ҷорӣ намудани механизми мувофиқ дар зерсохторҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки бо ҷамъоварӣ ва таҳлили ахбор оид ба таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор машғул мебошанд (сари вақт гузаронидани мониторинг ва арзёбӣ, омода кардани иттилооти таҳлилӣ оид ба таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор ва нашри онҳо дар сомонаҳои интернетӣ), инчунин дар зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъоварии ахбор дар бораи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва нашри онҳо дар маводи оморӣ ва сомонаҳои ин вазоратҳо;

- таҳия ва ҷорӣ намудани механизми ҷустуҷӯ ва маблағгузорӣ барои гузариши бомуваффақият аз муассисаи таълимӣ ба бозори меҳнат – бо кор таъмин намудани хатмкунандагон ва дар онҳо ташаккул додани малакаҳои ҷустуҷӯйи кори аввал пас аз хатми муассисаи таълимӣ;

- таъсис ва истифодаи низоми иттилоотии идоракунии бозори меҳнат;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.6 – такмили барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагонро мутобиқ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ дар асоси талаботи чорчӯбаи миллии ихтисосҳо ва стандартҳои касбӣ ташаккул медиҳанд:

- такмили барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо ҷалби корфармоён, аз ҷумла гузаронидани ташхиси муқоисавӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ (World Skills), таҳияи сохтор ва мазмуни барномаи таълимӣ, таҳияи матрисаи салоҳиятҳо, таҳияи тартиби арзёбии натиҷаҳои таълим ва ғ.;

- таъсиси шӯроҳои соҳавӣ аз рӯйи малакаҳо;

- таҳия ва татбиқи асноди меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ваколати салоҳиятҳо, ислоҳоти сохторӣ (институтсионилизатсия) ва маблағгузорӣ;

- таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳо барои таҳия, такмили доимӣ ва дастгирии стандартҳои касбӣ дар таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар асоси таҷриба ва тамсила (модел)-ҳои байналмилалӣ (ҷаҳонишавии касбҳо ва тағйирпазирии онҳо): асоси методологӣ, методология, дастурамал, тақсимоти уҳдадориҳо, мақомоти хизматрасонӣ ва густариши неруи институтҳо ва мутахассисон бо мақсади таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои устувори ҳамкорӣ бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва ғ.;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.7 – ҷорӣ намудани низоми устувори рушди муттасили касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ:

- ташкили тренингҳо ва семинарҳо барои кормандони муҳандисӣ-педагогӣ ва омӯзгорон бо мақсади омӯзиши методҳои нави таълим, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хатмкунандагон, таҳияи тестҳо, маводи таълимӣ, истифодаи тахтаҳои электронӣ дар ҷараёни таълим, истифодаи маҷаллаҳои электронӣ ва ғайра имконият медиҳанд;

- таҳияи барномаи таълимӣ ва таъминоти методологии кормандони муҳандисӣ-педагогӣ;

- ҷорӣ намудани методҳои нави таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои хатмкунандагон равона гардидаанд;

- ҷорӣ намудани низоми иттилоотии идоракунии кормандони муҳандисӣ-педагогӣ;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.8 – таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ намудани Чорчӯбаи миллии таснифоти ихтисосҳо дар таҳсилоти касбӣ:

- таъсиси гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дигари дахлдор;

- таҳия ва тасдиқи Чорчӯбаи миллии таснифоти ихтисосҳо мутобиқ ба тамсила (модел)-ҳои байналмилалӣ (ҷаҳонишавии ихтисосҳо ва тағйирпазирии онҳо), ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд: таҳияи асосҳои методологӣ, методология ва дастурамалҳо, тақсимоти уҳдадориҳо, муайян кардани мақомоти хизматрасониҳои техникӣ ва ғ.;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.9 – таҳияи механизми наве, ки барои бо кор таъмин кардани хатмкунандагон, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд мусоидат мекунад:

- бастани шартномаҳо бо субъектҳои бозори меҳнат (бахши хусусӣ), ташкили чорабиниҳои мувофиқашуда (ярмаркаҳои ҷойи кор, ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва минбаъд бо ҷойи кор таъмин шудан, тамоюли касбӣ ва ғ.) бо субъектҳои бозори меҳнат;

- такмили ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои бо ҷойи кор таъмин кардани хатмкунандагони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд мусоидат мекунанд;

- таҳия ва тасдиқи барномаи давлатии таъмини шуғли хатмкунандагони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд;

6) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.10 – таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати ягона дар соҳаи таъминоти босифати таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба муносибатҳо ва талаботи байналмилалӣ асос ёфтааст:

- таъсиси гурӯҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва ҷонибҳои дигари манфиатдор оид ба таҳияи низоми таъминоти сифат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад;

- таҳияи низоми мониторинги сифати роҳбарӣ ва идоракунӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, механизмҳои дохилии худбаҳодиҳӣ (дар сатҳҳои макро (миллӣ), мезо (минтақавӣ), микро (корхона, ширкат) ва худбаҳодиҳии бевоситаи берунӣ (сатҳи макро/миллӣ), шаҳодатномадиҳӣ (сертификатсия) ва додани ихтисос (сатҳи макро/корхона, ширкат) ва ғ.;

- таҷдиди назар ба ислоҳоти сохтории низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар сатҳи мезо (минтақа), тақсимоти нақш ва вазифаҳо дар сатҳи низоми фосилавӣ (сатҳи амалишавии сиёсат);

- ҷорӣ намудани низоми нави арзёбии дониш, малака ва салоҳиятҳои донишҷӯён;

7) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.11 – такмили стандартҳои касбӣ ва таҳсилотӣ дар асоси стандартҳо ва таҷрибаҳои байналмилалӣ. Ҷорӣ намудани барномаҳои ба амалия (таҷриба) нигаронидашуда (таҳсилоти дуалӣ, таҳсилот бе ҷудо шудан аз истеҳсолот ва таҷрибаомӯзӣ) дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ:

- таҳияи стандартҳои касбӣ ва таҳсилотӣ (барномаҳои таҳсилотӣ) дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо;

- таҷдиди назар ба таснифоти ягонаи касбу ихтисосҳо ва касбҳои таҳсил ва таълими касбӣ дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ бо дарназардошти феҳристи касбу ихтисосҳо барои шахсони имконияташон маҳдуд;

- таҳияи гурӯҳбандии нави миллии ягонаи касбҳои таҳсилоти касбӣ-техникӣ мутобиқ бо гурӯҳбандиҳои стандартҳои байналмилалии ISCED ва ISCO;

- таҳия ва ҷорӣ намудани усул ва методҳои инноватсионии арзёбии натиҷаҳои таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

8) Чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.12 – ташкил ва гузаронидани аккредитатсияи барномавӣ ё институтсионалии бевосита бо иштироки корфармоёни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт:

- бастани шартнома бо агентии аккредитатсионии мустақили байналмилалӣ;

- ташкили тренингҳо ва семинарҳо барои кормандони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ оид ба омодагӣ ба аккредитатсияи барномавӣ ё институтсионалии мустақил, омода намудани ҳисобот оид ба худбаҳодиҳӣ;

- сертификатсияи барномаҳои таҳсилот аз ҷониби агентии аккредитатсионии байналмилалии мустақил;

9) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.13 – ислоҳоти таҳсилоти миёнаи касбӣ, бартараф намудани такроршавӣ дар мазмуни барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ бо блоки барномаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти гузариш ба таҳсилоти 12-сола. Ба даст овардани сатҳи нисбатан болои тахассусӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат:

- таҷдиди назар ва такмили барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ бо дарназардошти гузариши муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба таҳсилоти 12-сола;

- ҳамзамон бо такмили маводи таълимӣ, таҳия ва ворид намудани маводи нави таълимӣ (нақша ва барномаҳои таълим), аз ҷумла фарҳанги бунёди оила, банақшагирии оила ва ғ. ба хотири мутобиқ будани онҳо ба интизориҳо ва талаботи бозори меҳнат;

- банақшагирии вазифаи психолог (равоншинос) дар ҳар як муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои дастгирии наврасони гурӯҳи хавф ва волидайни онҳо

170. Афзалиятҳо дар самти тақвияти низоми самараноки идораи таҳсилотро ташкил медиҳад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.14 – таҳияи барномаҳои ҷалби захираҳои иловагӣ:

- таҳияи барномаҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ оид ба ҷалби воситаҳои молиявии субъектҳои бозори меҳнат барои харидории техникаи компютерӣ ва таҷҳизот барои устохонаҳои таълимӣ ва лабораторияҳо, ҷалби корфармоён ба ҷараёни таълим, пешниҳоди ҷой ба донишҷӯён барои гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ташкили такмили ихтисоси омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ бевосита дар истеҳолот;

- таҳияи механизми муколамаҳои соҳавӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- пурзӯр намудани неру ва нақши иҷтимоии шарикон, ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва минтақавӣ барои иштирок дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.15 – тайёр намудани мутахассисон аз ҳисоби кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя – ташкили семинарҳо ва тренингҳоро бо ҷалби намояндагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва коршиносони байналмилалӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳо барои ҷалби воситаҳои молиявии барномаҳои байналмилалӣ ва донорҳои дигар (субъектҳои бозори меҳнат) дар бар мегирад;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.16 – такмили механизми давлатии маблағгузории низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ:

- ҷорӣ намудани механизми нави маблағгузории давлатии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо дарназардошти муносибати тафриқавӣ аз рӯйи касб ва ихтисос;

- ҷорӣ намудани маблағгузории тафриқавӣ аз рӯйи касбу ихтисосҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.3.17 – ба миқдори зарурӣ таъмин намудани талаботи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо кормандони муҳандисӣ-педагогӣ ва омӯзгорӣ бо дарназардошти то 30% зиёд шудани фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ:

- таҳияи механизми ҳавасмандсозӣ оид ба ҷалби кормандони соҳибихтисоси муҳандисӣ-педагогӣ ва омӯзгориро ба низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар бар мегирад.

## § 4. Таҳсилоти олии касбӣ

171. Даъватҳое, ки имрӯз низоми таҳсилоти олии касбӣ бо онҳо рӯ ба рӯ шудааст, бо зарурати таъмини рақобатпазирии он дар арсаи байналмилалӣ алоқаманд мебошанд, ки роҳи расидан ба он вусъати ҳамкории ҳамаҷониба ва ҷалби корфармоён аз соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт (дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, таҳсил ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ) ва ташкили марказҳои инноватсионӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Барои пайдо кардани посух ба ин бояд таҳаввулоти технологӣ, воридшавии фаъоли технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти рӯзмарра ва инчунин тағйирёбии нақшҳои донишҷӯ ва устод ба назар гирифта шавад.

172. Сарфи назар аз он ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки низоми хусусиро дар таҳсилот, аз ҷумла дар бахши таҳсилоти олии касбӣ иҷозат медиҳад, иштироки бахши хусусӣ дар зинаи мазкур маҳдуд аст. Таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар имконияти гирифтани дараҷаҳои бакалавр (4 соли таҳсил), магистр (2 соли таҳсил) ва докторантураро (3 соли таҳсил) фароҳам овардааст.

173. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти олии касбиро барои оянда ба сифати воситаи ташаккули сармояи инсонӣ, ки ба рушди иқтисодӣ дар ҷаҳони зудтағйирёбанда мусоидат мекунад, муайян кардааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа гузоштааст, ки мазмуни фаннии таҳсилоти олии касбиро дар самти рушди малакаҳои касбӣ такмил дода, дигаргун созад, то ки талаботи бозори меҳнат бештар қонеъ гардонида шуда, неруи кишвар инкишоф дода шавад.

Ҷадвали 9. Шумораи умумӣ ва қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2018

| Соли таҳсил | Теъдоди муассисаҳо | Теъдоди донишҷӯён | | Қабул ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Буҷетӣ | Шартномавӣ |
| 2010-2011 | 35 | 146535 | 43691 | 12159 | 16462 |
| 2011-2012 | 35 | 151207 | 43118 | 12719 | 18635 |
| 2012-2013 | 36 | 151003 | 42015 | 13921 | 24817 |
| 2013-2014 | 38 | 157791 | 42925 | 16202 | 25439 |
| 2014-2015 | 38 | 167660 | 53217 | 13397 | 22078 |
| 2015-2016 | 38 | 178109 | 58881 | 12590 | 26120 |
| 2016-2017 | 39 | 189711 | 65501 | 14988 | 33088 |
| 2017-2018 | 39 | 191550 | 67780 | 13956 | 35514 |
| 2018-2019 | 40 | 209,800 | 73906 | 15304 | 38990 |

174. Барои рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таъмини ҳамгиройии он дар фазои аврупоии таҳсилоти олӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба масъалаи пайваст шудан ба Эъломияи Болония фаъолона машғул аст. Аз соли 2007 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи баъзе ислоҳот, аз ҷумла ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти сезинагӣ, татбиқи Низоми аврупоии интиқол ва андӯхти кредит оғоз намудааст. Ислоҳоти дигари муҳим, аз ҷумла таъсиси низоми таъмини сифат ва низоми миллии тахассусӣ ба таҳия ниёз дорад. Корҳои асосии марбут бо таҷдиди назар намудани низоми таҳсилоти олии касбӣ, махсусан, дар самти идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ, таъмини сифат, таълим ва арзёбии дониши донишҷӯён бояд дар ҷараёни татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ шаванд.

175. Дар ибтидои ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият доштанд, ки дар онҳо 69300 нафар донишҷӯ ба қайд гирифта шуда, 5400 нафар устод кор мекарданд. Теъдоди умумии донишҷӯён танҳо баъд аз соли 2000-ум босуръат афзоиш ёфт. Дар соли таҳсили 2018-2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла 17 донишгоҳ, 14 донишкада, 1 консерватория, 4 муассисаи олии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 4 филиал фаъолият мекарданд, ки дар онҳо 209800 нафар донишҷӯ таҳсил ва 9061 нафар устод кор мекарданд. 69,9% донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона ва 30,1% дар шуъбаи ғоибона таълим мегирифтанд.

176. Солҳои 2010-2018 миқдори муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва шумораи донишҷӯён се маротиба афзудааст. Аммо ҳиссаи духтарон ва занҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ нисбатан паст аст. Масалан, дар соли таҳсили 1991-1992 шумораи духтарону занон 34%-ро ташкил дода буд, дар соли таҳсили 2018-2019 ин нишондиҳанда ба 36,4% баробар аст. Ин яке аз масъалаҳои мубрами низоми таҳсилоти олии касбӣ ва умуман, ҷамъият мебошад. Вобаста ба

ин, сиёсати давлат дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба зиёд намудани фарогирии духтарону занон бо таҳсилоти олӣ равона карда шудааст.

177. Агар афзоиши шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро бо суръати афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса кунем, маълум мегардад, ки дар давраи мавриди назар шумораи донишҷӯён ба ҳар як 10000 нафар аҳолӣ аз 124 нафар дар солҳои 1991-1992 то 232 нафар дар солҳои 2018-2019 афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, аз лаҳзаи ба истиқлолият соҳиб шудани кишвар шумораи донишҷӯён ба ҳар як 10000 нафар аҳолӣ 1,87 маротиба афзудааст. Гурӯҳбандии минтақавӣ нишон медиҳад, ки 57,8% донишҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе, 19,6% – дар вилояти Суғд, 17,9% – дар вилояти Хатлон, 2,2% – дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 1,6% дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд.

178. Сарфи назар аз афзоиши шумораи дохилшавандагон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳиссаи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дохил шудаанд, аз нишондиҳандаҳои накшавии қаблӣ қафо мондааст. Дар соли таҳсили 2018-2019 ин нишондиҳанда 34,4%-ро ташкил дод, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли қаблӣ 3,1% баландтар буда, аммо аз нишондиҳандаи ҳадафҳои пешниҳодкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нишондиҳандаи 5,6%) камтар аст. Сабаби ин ҳанӯз ҳам мавҷуд будани тафовут дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати таълимӣ бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла аз рӯйи ҷойи истиқомат (шаҳр ё деҳа) ва вазъи иқтисодии оилавӣ мебошад. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 то 2018 қабулшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31354 то 54294 нафар, ё худ ба андозаи 1,7 баробар афзудааст. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки теъдоди муайяни хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии кишварҳои дигар дохил мешаванд.

179. Яке аз ислоҳоти бомуваффақона дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2013 буд. Он имкон дод, ки сатҳи шаффофият ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни имтиҳоноти ягонаи марказонидашуда ва қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад. Лоиҳаи таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ, Федератсияи Россия ва Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дастгирӣ гардид. Ба салоҳияти Маркази миллии тестӣ идораи шаклҳои муътамад ва ҳақиқии арзёбии таълими донишҷӯён, аз ҷумла имтиҳоноти қабул ба муассисаҳои

таълимии таҳсилоти олии касбӣ, арзёбии ниҳоии зинаҳои гуногуни таҳсил ва арзёбиҳои миқёсан васеи миллӣ ва байналмилалӣ дохил мешавад.

180. Дар соли аввали фаъолияти Маркази миллии тестӣ аз соли 2013 то соли 2014, қабули духтарон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ 8% афзоиш ёфт. Аз соли 2010 то соли 2016 ин нишондиҳанда то 29% афзоиш ёфтааст. Сатҳи дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ барои аҳолии деҳот низ афзоиш ёфт. Тибқи назарсанҷиҳои афкори омма ва андешаҳои мутақобилаи худи донишҷӯён ва аъзои хонаводаҳои онҳо, бо ҷорӣ кардани низоми ягонаи имтиҳоноти дохилшавӣ шавқу ҳавас барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ пас аз хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар байни ҷавонон хеле афзудааст. Солҳои минбаъда Маркази миллии тестӣ фарогирии имтиҳоноти ягонаи дохилшавиро васеъ намуда, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро низ фаро гирифт.

181. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми ифодагари неруи сармояи инсонӣ коэффитсиенти маҷмӯии фарогирӣ ба таҳсилоти олӣ мебошад. Зариби маҷмӯии фарогирӣ ба таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2018-2019 15,3%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса, масалан бо низоми таҳсилоти олии Иттиҳоди Аврупо хеле кам мебошад.

182. Бо вуҷуди чораҳои андешидашаванда, низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир тайёрии мутахассисонро мутобиқ ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат наметавонад дар сатҳи зарурӣ таъмин кунад. Ҳолатҳои зиёде мушоҳида мешаванд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дорои малакаҳои зарурӣ барои кор дар соҳибкории рушдёбанда намебошанд, оид ба иқтисоди идораву ширкатҳо дониши кофӣ надоранд. Камбуди мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ барои корхонаҳои саноатӣ, менеҷерҳо (роҳбарон)-и ботаҷриба ва касбӣ барои соҳаҳои соҳибкории хурд ва миёна ба мушоҳида мерасад. Дар маҷмӯъ, тайёр кардани кадрҳо бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат дар соҳаҳои дигар низ мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Талаботи соҳаи соҳибкорӣ ба тайёр кардани кадрҳо нисбат ба қобилияти тайёр кардани мутахссисон аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба қонеъ сохтани ин талабот бештар тағйирёбанда ба назар мерасад.

183. Мушкилоти дигари низоми таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба квотаҳо ҷудо кардани ин ва ё он ихтисос, аз ҷумла шакли пулакӣ-шартномавии таҳсил низ мебошад. Аз соли хониши 2011-2012 шумораи донишҷӯёни тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилкунанда аз 5154 то 7190 нафар зиёд шуд, дар сурате ки таносуби духтарон 49,1% ва 47,8%-ро ташкил дод. Ҳукумат барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ квотаҳои иловагиро низ муқаррар менамояд, вазифаи асосии он қонеъ

гардонидани талаботи афзоянда ба таҳсилоти олӣ мебошад. Номукаммалии шаклҳои экстернат ва таълими фосилавӣ, ҳамчунин набудани бахши ғайридавлатӣ ва алтернативии хизматрасонӣ дар ин зинаи таҳсилот низ масъалаи дастрасӣ ба таҳсилоти олиро мушкилтар мегардонад. Ҳалли ин масъалаҳо дар доираи татбиқи Стратегияи мазкур афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

184. Яке аз масъалаҳои дигари таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои хориҷ кардани донишҷӯён мебошад, ки рӯ ба афзоиш аст. Хориҷкунӣ аз ҳама бештар ба низоми баҳодиҳии солонаи дониши донишҷӯён – малакаю қобилияти онҳо тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилот вобаста аст, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар давоми соли таҳсили 2016-2017 чоряки донишҷӯёни донишгоҳҳо бо сабаби нокомӣ, яъне муваффақ нашудан дар таҳсил аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда шудаанд. Хориҷшавии донишҷӯён бо дарназардошти ду сабаб ба амал меояд: қарзҳои академикӣ ва дар дарсҳо иштирок накардан, махсусан, байни духтарон дар деҳот.

185. Таъминот бо компютерҳо ва синфхонаҳои компютерӣ низ нокифоя боқӣ мемонад. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тахминан 74% муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба баланд бардоштани сатҳи таъминот бо таҷҳизот ва синфхонаҳои компютерӣ эҳтиёҷ доранд. Ба ғайр аз ин, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ норасоии таъминот ба хобгоҳ низ ба мушоҳида мерасад. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 7 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ хобгоҳ мавҷуд нест, дар 15-тои дигар танҳо як хобгоҳ мавҷуд аст. Ин номукаммалӣ ва нокифоягии инфрасохтор аз мушкил гаштани дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ шаҳодат медиҳад.

186. Таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ислоҳоти муттасил қарор дорад, аммо ислоҳот бо сабаби заифии неруи кадрӣ ва ноустувории муносибатҳои иштирокчиёни бозори меҳнат боздошта мешавад. Тағйироте, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба мушоҳида мерасанд, аксар вақт ҳамчун аксуламал ба омилҳои демографӣ, муҳоҷират ва иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Интихоби стратегияи рушди минбаъдаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо сабабҳои қавӣ набудани робитаи мутақобила барои баланд бардоштани самаранокӣ ва дастрасии хизматрасониҳои таълимӣ, нокифоятии инноватсияҳо дар низоми технологияҳои таълим ва мазмуни таҳсилот, мавҷуд набудани низоми пешгӯӣ ва дастгирии қабули қарорҳои идоравӣ барои таҳсилоти олии касбӣ мушкилтар мегардад.

187. Як қатор дастовардҳо мавҷуданд, ки рушди минбаъдаи низомро, аз ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилот то гузариш

ба самтҳои асосии фаъолият дар асоси лоиҳа, муайян менамоянд. Новобаста ба мавҷуд будани мушкилот, низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии хизматрасонии таҳсилот рақобатпазир боқӣ мемонад. Айни замон ташаккули механизми беҳтарсозӣ ва рушди касбии ҷавонон, аз ҷумла воситаҳои мутобиқшавӣ ба бозори меҳнат идома дорад. Аз рӯйи маълумоти пешакӣ ба ҳисоби миёна на камтар аз 35-40% мутахассисон ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд.

188. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир низоми пайгирии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро озмоиш карда истодааст, ки бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи Рушди таҳсилоти олӣ, ки татбиқи он аз моҳи марти соли 2016 то моҳи октябри соли 2021 ба нақша гирифта шудааст, амалӣ мегардад. Тарзу усулҳои озмоиш бо дарназардошти таҷрибаи амалии кишварҳои дигар таҳия мегарданд ва ба шароити воқеӣ ва муҳити Тоҷикистон то ҳадди имконпазир мутобиқ гардонида мешаванд. Аз рӯйи натиҷаҳои озмоиш ва татбиқи пурраи ин низом заминаҳои таҳия (ё бознигарӣ)-и барномаҳои таълими ҷории таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешаванд, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ хоҳанд буд.

189. Соли 2019 дар доираи татбиқи лоиҳаи Рушди таҳсилоти олӣ, ки аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мегардад, таҳқиқоти миллии корфармоён гузаронида шуд. Дар ҷараёни ин таҳқиқот 400 корфармо аз корхонаю ширкатҳои гуногун ба пурсиш ҷалб гардиданд, ки дар онҳо 27555 корманд кор мекарданд. Таҳқиқот панҷ самти асосии соҳаҳои иқтисодиёт ва навъҳои гуногуни корфармоёнро аз рӯйи шакли моликият ва ҳайати кормандон фаро гирифт. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, 75%-и корфармоён қайд карданд, ки дипломи таҳсилоти олии касбӣ барои ба кор қабул кардан нақши муҳим мебозад. Айни замон, 47%-и пурсидашудагон аз сатҳи малакаҳои касбии кормандони худ қонеъ нестанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки корфармоён на танҳо мехоҳанд кормандонро бо малака ва қобилияти иловагӣ ҷалб кунанд (ки ҳоло аз ин чиз танқисӣ мекашанд), балки зимнан эътироф мекунанд, ки кормандони онҳо ба таълим ва тайёрии касбӣ ниёз доранд. Ин барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар имкониятҳои навро барои густариши ҳамкорӣ бо корфармоён фароҳам месозад.

190. Хулосаҳои асосии таҳқиқот, ки андешаи суст будани робитаи мутақобилаи байни таҳсилоти олии касбӣ ва бозори меҳнатро тасдиқ мекунад, он аст, ки корфармоён (аксари онҳо ширкатҳои хурд бо камтар аз 30 корманд мебошанд) дар таълими кормандони худ хеле кам иштирок мекунанд, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва барномаҳои таҳсилот аз рӯйи ихтисосҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим дода мешаванд, ширкати онҳо боз ҳам камтар аст. Дар маҷмӯъ, 90% корфармоёни ба таҳқиқот

ҷалбшуда бар он ақидаанд, ки малакаҳои касбӣ барои кормандони онҳо ва хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ хеле муҳиманд. Таҳлили стандартҳои давлатии таҳсилот ва стандартҳои давлатии касбӣ ҳамчунин ошкор намуд, ки аз рӯйи баъзе ихтисосҳои академикӣ стандартҳо умуман вуҷуд надоранд ва ё барои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ будан ба таҷдиди назари ҷиддӣ эҳтиёҷ доранд.

191. Таъмини сифати таҳсилот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ тавассути гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ, инчунин гирифтани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ тасдиқ карда мешавад. Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки дар панҷ сол як маротиба аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимиро ташкил кунад.

192. Дар тамоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми назорати дохилии сифат ҷорӣ карда шудааст, ки фаъолияти худро аз назорати қабули донишҷӯён ба муассисаи таълимӣ ташкил менамояд. Назорати сифати таълим ҳангоми сессияҳои имтиҳонҳо ва имтиҳоноти давлатии хатм дар сатҳи шӯроҳои таълимию методӣ баррасӣ мешавад, ки дар онҳо мазмуни барномаҳои таҳсилот, технологияҳои таълим, рушди малакаҳои амалӣ, инчунин сифати таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва таълимӣ ба назар гирифта мешаванд. Ҳамзамон, ҷалби корфармоёни ҳамаи шаклҳои моликият ба ин раванд барои наздик кардани интизориҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи бозори меҳнат, аз ҷумла соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт хеле муҳим аст.

193. Таҳлили натиҷаҳои сессияҳои имтиҳонӣ ва имтиҳонҳои давлатии хатм, ки ҳар сол аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, маълум сохтааст, ки нишондодҳои сифати таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ он қадар баланд нестанд. Тибқи стандартҳои байналмилалӣ низоми арзёбии донишҷӯёнро аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии омӯзишӣ, яъне бо роҳи ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим арзёбӣ кардан зарур аст. Аттестатсияи кормандони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби комиссияҳои махсус (комиссияҳои озмунӣ) гузаронида мешавад, ки фаъолияти ҳайати профессорону устодонро барои ҳар 5 сол арзёбӣ мекунанд. Имрӯз зарурати такмили низоми арзёбии ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи меъёрҳои нав бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ (аз ҷумла меъёрҳои рейтингии арзёбии ҳайати профессорону устодон, кор дар реҷаи онлайн ва ғ.) ба миён омадааст.

194. Дар маҷмӯъ, сифати хизматрасонӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таркиби ҳайати устодон, шумораи таҷрибаомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисос, иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, маводи чопӣ ва ғайра вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки кадрҳои педагогии низоми таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти касбии худро маҷбуранд дар шароите амалӣ созанд, ки мазмуни барномаҳои таълимӣ бо талаботи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кам мутобиқат дорад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11693 омӯзгор фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 4125 нафарашон занон мебошанд. Ҳайати педагогии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар панҷ сол як маротиба дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва субъектҳои дигари бозори меҳнат аз такмили ихтисос мегузаранд.

195. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №94 Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда шуд, ки дар асоси он ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ стандартҳои давлатии таҳсилотро аз рӯйи ихтисос таҳия ва тасдиқ карданд.

196. Бо мақсади дохил шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти олӣ аз соли таҳсили 2015-2016 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ низоми кредитии таълим ҷорӣ шудааст. Бо қарори коллегияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №19/24 Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд, ки он қоидаҳои пешбурди ҷараёни таълим дар низоми нав пешбинӣ шудаанд. Дар низомномаи мазкур мафҳумҳои асосӣ ва шарҳи онҳо, ташкили раванди таълим дар заминаи низоми кредитии таълим, ҷадвали арзёбии донишҷӯён, қоидаҳои хориҷ ва барқарор кардани донишҷӯён ва ғайра оварда шудаанд. Бо ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсил дар ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар миқдори умумии фанҳои таълимӣ ба кредитҳо баргардонида шуда, шумораи умумии онҳо дар як сол (60-70 кредит) вобаста ба хусусиятҳои ҳар як муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда шуд.

197. Соли таҳсили 2018-2019 сатҳи дохилшавии духтарон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба 35,8%, дар соли таҳсили 2017-2018 ба 35,4% ва дар соли таҳсили 2016-2017 ба 34,5% баробар буд. Солҳои охир қабули духтарон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тақрибан 1/3 шумораи умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (аз ҷумла, занону духтарон) дар соли 2017 ба ҳар 10 000 нафар 215,2 нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 2,8 нафар ва аз нишондиҳандаи нақшавии ҳамон сол 34,8 нафар камтар аст.

198. Соли таҳсили 2018-2019 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар 7190 нафар аз рӯйи квота таҳсил мекарданд, ки аз онҳо 3438 нафар духтар ва 3752 нафар писар мебошанд. Дар густариши дастрасии духтарон ба таҳсилот татбиқи тавсияҳо дар бораи зиёд

кардани синни издивоҷ аз 17 то 18 сол нақши муҳимро бозид. Пас аз хатми таҳсилоти ҳатмии асосӣ сатҳи баланди тарки таҳсил дар байни духтарон ба мушоҳида мерасад, ки ин ба оқибатҳои мушкилоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷомеа вобаста мебошад. Сабаби дигари тарки таҳсил кардани духтарон издивоҷи бармаҳал, ба кори хона банд будан ва кӯдакони хурдсолро нигоҳубин кардан аст.

199. Бо мақсади татбиқи ҳуқуқҳои занон дар се соли охир дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда як қатор қонунҳо ва қарорҳо қабул карда шуданд. Аз ҷумла, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022, Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи миллӣ оид ба фаъол сохтани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, инчунин татбиқи Стратегияи миллии фаъол сохтани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.

200. Ба туфайли чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нобаробарии гендерӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот коҳиш ёфт. Бояд ба он эътибор дод, ки аз рӯйи ихтисосҳое, ки талабот ба онҳо дар мақомоти давлатӣ зиёд аст, мардон бартарӣ доранд. Агар ҳиссаи духтарон дар ихтисосҳои педагогии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ 75,3% ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 64,8%-ро ташкил диҳад, дар гурӯҳи ихтисоси «Ҳуқуқ» дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ин нишондиҳанда ба 19% ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ тақрибан 6%-ро ташкил медиҳад. Дар ихтисосҳои соҳаи иқтисод ҳиссаи духтарон ба 28% баробар аст. Сатҳи пасттарини таҳсилоти духтарон дар ихтисоси «Кишоварзӣ» мушоҳида мешавад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ шумораи духтароне, ки дар ин ихтисос таҳсил мекунанд, бештар аз 5% аст.

201. Се муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои қабул ва таълими шахсони дорои имконияташон маҳдуд дар низоми таҳсилоти олии касбӣ омода шуда, дар муассисаҳои дигари таълимӣ фароҳам овардани шароит барои чунин шахсон идома дорад.

202. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нуқтаҳои рушди институтсионалии таҳрикдиҳанда ва ҷиддӣ бояд чунин бошанд:

- рушди низоми аттестатсияи омӯзгорон ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ;
- таъмини тағйирпазирии барномаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар асоси ҷорӣ намудани низоми таҳияи модулии барномаҳо;
- таъмини иртиботи дониши касбӣ ва малакаи амалӣ (ташаккули стандартҳои таълимӣ ва касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои гуногун бо ҷалби корхонаву ташкилотҳо, пешбурди ҷараёни таҳсил бо истифода аз

иқтидорҳои корхонаҳои азим, ташкили майдончаҳои истеҳсолии таълимӣ);

- пурзӯр намудани тахассуси соҳавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо бунёди неруи пуриқтидори корҳои илмию таҳқиқотӣ ва амалию таҷрибавӣ;

- ошкор намудани талабот ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таҳсилот, ки ба таъсиси ихтисос ва бозомӯзӣ ҷиҳати истифода аз технологияҳои ба муҳити зист, ба самаранокии неруюзахираҳо алоқаманд мебошад, равона шудааст ва ҳайати кадриро барои “шуғли сабз” ташаккул медиҳад;

- андешидани як қатор тадбирҳо дар самти таъмини дастрасии шахсони дорои маъюбият ба таҳсилоти касбии босифат;

- пурзӯр намудани ҷузъҳои таҳқиқотӣ ва ҳамгироии байналмилалии таҳсилоти касбӣ.

203. Дар доираи Стратегияи мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳсилоти олии касбӣ афзалиятҳои муайянро муқаррар намудааст (бо гурӯҳбандӣ аз рӯйи натиҷаҳои калидӣ).

204. Афзалиятҳо дар самти таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар таҳсил:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.1 – таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар таҳсилоти олии касбӣ, новобаста ба ҷинс, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мансубияти этникӣ:

- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаи ҷудо кардани стипендияҳои мавзӯӣ барои таҳсил дар сатҳҳои гуногуни таҳсилоти олӣ аз ҷониби бахшҳои давлативу хусусӣ;

- тавсеаи дастрасии табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла ақаллиятҳои миллӣ ба таҳсилоти олӣ аз рӯйи квотаву имтиёзҳо;

- аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани стратегия оид ба маъракаҳои мунтазами иттилоотӣ дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷумла баргузории рӯзи дарҳои кушод ва роҳандозӣ намудани саҳифаҳо дар сомонаҳо;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.2 – тавсеаи дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ тавассути таҳия ва татбиқи курсҳо/ихтисосҳои нав, вобаста ба эҳтиёҷоти бозори меҳнат:

- мунтазам зиёд кардани шумораи квотаҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва такмили низоми гузаронидани имтиҳонҳои дохилшавӣ барои довталабон;

- таҷдиди назар ва ислоҳоти сиёсати хориҷкунӣ аз рӯйи пешрафт дар таҳсил пеш аз соли охири таҳсилоти олӣ;

- афзоиши шумораи умумии ҷойҳо дар низоми таҳсилоти олии касбӣ барои беҳтар шудани фарогирӣ, махсусан, барои духтарон;

- таҳияи курсҳо/ихтисосҳои нав аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба гурӯҳбандии давлатии ихтисосҳо бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат;

- таҳия ва тасдиқи барномаҳои нави таълим барои ихтисосҳои нав;

- ташкили маъракаҳои иттилоотии доимӣ барои ҷалби хатмкунандагон ба ихтисосҳои нав;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.3 – афзоиши фарогирии духтарон бо таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ (муҳандисӣ):

- ташкили чорабиниҳои доимии иттилоотӣ барои ҷалби духтарон ба ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ;

- таҳияи стратегияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои ҷудо кардани стипендияҳои баланд ба духтарон ва фароҳам овардани имтиёзҳо барои духтароне, ки дар ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ таҳсил мекунанд;

- афзоиши шумораи квотаҳо барои ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ барои духтарон;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.4 – фароҳам овардани шароити мусоид барои қабул ва таҳсили шахсони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (инфрасохтор, дастрасӣ, кадрҳои зарурӣ):

- таҳияи стандартҳо оид ба барқарорсозии биноҳо ва утоқҳои омӯзишӣ барои таълими шахсони имконияташон маҳдуд;

- таҳияи барномаи таълим барои ҳайати профессорону омӯзгорон ҷиҳати таълими шахсони  имконияташон маҳдуд;

- таҳияи барномаҳои таълими фосилавӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд;

- бунёди марказҳои махсуси захиравии иттилоотӣ барои шахсони дорои маъюбият дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи барномаҳои махсуси давлатӣ оид ба таълим ва шуғли шахсони имконияташон маҳдуд, ҷудо кардани грантҳои мақсаднок барои таълими шахсони дорои маъюбият, таъсис ва тавсеаи муассисаҳои махсуси касбӣ ва барқарорсозӣ, таълими фосилавӣ ва беҳтар намудани дастрасии шахсони имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ;

- таҳияи меъёрҳои пешниҳоди стипендия барои донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.5 – тавсеаи дастрасӣ ба таълими фосилавӣ дар таҳсилоти олии касбӣ бо таваҷҷуҳ ба навоварӣ:

- таҳия ва ҷорӣ намудани курсҳо/барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ. Таҳияи стратегия ва низомнома оид ба ҷорӣ намудани ин курсҳо;

- таҳияи механизми ҷорӣ намудани курсҳо бо дарназардошти таъминоти захираҳои интернетӣ;

- ба назар гирифтан ва ҷудо кардани трафики иловагӣ (ройгон)-и интернет барои донишҷӯёне, ки дар барномаҳои фосилавӣ таҳсил мекунанд;

- дар нақшаи маблағгузории низоми таҳсилоти олии касбӣ ворид намудани талабот оид ба таъмини минтақаҳо бо захираҳои интернетӣ, таъмини дастрасии донишҷӯёни таҳсилоти фосилавӣ ба интернет;

- такмили технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар асоси низоми Moodle ё низомҳои дигари муосири таҳсилоти фосилавӣ;

- таҳияи методи арзёбии самаранокии фаъолияти низоми таҳсилоти фосилавӣ.

205. Афзалиятҳо дар самти такмили сифат ва муҳиммияти таълимро ташкил медиҳад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.6 – таҳияи стандарти нав оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, таҳсилоти фосилавӣ ва шароит барои шахсони имконияташон маҳдуд:

- таҳияи курсҳои мултимедиявии савтӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд;

- таҳия ва пур кардани платформаи таълими фосилавӣ бо маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ (матнҳо, лексияҳо, маводи мултимедиа, роҳнамо ва ғайра);

- таъмини азхудкунии фосилавии курсҳои лексионӣ, аз ҷумла супоришҳои имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ;

- таъмини имконият барои баргузории видео-конфронсҳо, чатҳо ва истифодаи суроғаҳои электронӣ бо мақсадҳои таълимӣ;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.7 – баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба аҳаммияти таҳсилоти олии касбӣ:

- ташкил ва гузаронидани маъракаҳои иттилоотии доимӣ оид ба афзалияти таҳсилоти олӣ, ихтисосҳои нав ва курсҳо;

- ташкили семинарҳо, мизҳои мудаввар, пахши барномаҳои телевизионӣ, чопи мақолаҳо дар васоити ахбори омма дар бораи нақш ва аҳаммияти таҳсилоти олӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.8 – такмили неруи ҳайати профессорону устодон тавассути ҷорӣ намудани таҷрибаомӯзӣ барои устодон дар хориҷа, беҳтар намудани дастрасӣ ба омӯзиши онлайнӣ, такмили ихтисоси мунтазам ва ҷалби хатмкунандагони лаёқатманд ва боистеъдод ба ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ:

- иҷрои корҳои мутамарказ ва мақсаднок оид ба интихоби озмунии кадрҳо ва ташаккули неруи кадрӣ;

- ҷалб ва нигоҳ доштани кадрҳои ҷавони илмиву педагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар асоси усулҳои ғайримуқаррарии ҳавасмандсозӣ;

- таҳияи барномаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои илмию педагогӣ ва маъмурӣ-идоравӣ;

- такмили низоми ҳавасмандсозии моддӣ ва маънавӣ корҳои омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ;

- гузаронидани арзёбии мунтазам ва холисонаи рейтингии натиҷаҳои фаъолияти кормандони илмию педагогӣ;

- ба нақшаи маблағгузории низоми таҳсилоти олии касбӣ ворид ва ҷорӣ намудани таҷрибаомӯзии берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба нақшаҳои стратегии рушд ворид намудани шакли ҳатмии онлайнии такмили ихтисоси омӯзгорон аз рӯйи ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон;

4) чораи афзалиятнокиислоҳот 4.4.9 – таҳияи низоми давлатии арзёбии сифати таҳсилоти олии касбӣ, ки ба натиҷаҳои таълим ва босалоҳиятӣ барои ҳар як сатҳи таълим асос ёфтааст:

- таъсиси низоми миллии аккредитатсияи мустақили барномаҳои таҳсилот ва муассисаҳои таълимӣ;

- таҳияи консепсияи марказҳои шаҳодатномадиҳӣ (сертификатсия) ва тахассусии касбӣ, ки якҷоя бо корфармоён пас аз гирифтани дипломи муассисаи таълимӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба хотири арзёбии мустақилонаи тахассуси касбии хатмкунандагон имтиҳон ташкил мекунанд;

- беҳтар намудани сифати таҳсилот дар ҷараёни рушди кунунии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода ва ҷорӣ кардани таҷрибаи аккредитатсияи байналмилалии барномаҳои таҳсилот;

- таҳия ва татбиқи низоми нави давлатии арзёбии сифати таҳсилоти олии касбӣ;

- таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои мутобиқат ба стандартҳои байналмилалии таҳсилот;

- татбиқи низоми идораи сифат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи санадҳои меъёрӣ оид ба ҷараёни фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.10 – ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таълими электронӣ, мобилӣ ва бисёрзабона:

- гузариш ба технологияҳои нави таълим бо дарназардошти дастовардҳои навтарин дар соҳаи илм, техника ва технология, ки ба муносибати босалоҳият ба таълим, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, усулҳои лоиҳавии таълим, ки ниёзҳои ҳамгироии дониш ва маҳоратҳоро дар соҳаҳои мухталиф барои ҳалли ҳама гуна мушкилот ба донишҷӯён фароҳам меорад, афзоиши ҳиссаи фаъолиятҳои мустақили

омӯзишӣ вобаста ба пешрафт дар зинаҳои таҳсилот, бунёд ва татбиқи траекторияи инфиродии таълимӣ дар муассисаҳои касбии сатҳи боло ва ташкили модулии барномаҳои таълим дар низоми таҳсилоти олии касбӣ асос ёфтааст;

- таҳия ва татбиқи дастурамалҳои методӣ оид ба технологияҳои муосири таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- таълими ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба истифодаи технологияҳои муосири таълим;

- ташкили курсҳои такмили ихтисос барои профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- таҳияи дастурамал барои технологияҳои инноватсионии таълим. Таъсиси шабакаи миллии марказҳои технологияҳои инноватсионии таълим;

- электронӣ ва рақамӣ кардани захираи китобхонаҳо ва нашри он дар китобхонаи маҷозӣ. Таъсиси хазинаи байнидонишгоҳии захираҳои таҳсилоти рақамӣ;

- рушди омӯзиши омехта (омӯзиши анъанавӣ ва электронӣ) ҳамчун роҳи асосии тайёр кардани мутахассисон бо малакаҳои мувофиқ барои фаъолияти муваффақ дар ҷомеаи рақамӣ;

6) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.11 – тақвияти ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии хориҷӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ барои таҳияи барномаҳои муштарак ва ҳамкории босуръат:

- бастани шартномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳуми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии хориҷа;

- тарҳрезии нақшаи амал барои таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ;

- афзоиши теъдоди донишҷӯён ва ҳайати профессорону омӯзгорон аз рӯйи барномаҳои мобилии академӣ;

- таҳияи барномаҳои таълими байналмилалӣ;

- таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ барои тайёр кардани донишҷӯёни маҳаллӣ ва хориҷӣ ба ихтисосҳои «байналмилалӣ» (масалан, барои кор дар созмонҳои байналмилалӣ);

- таҳияи нақшаҳои таълимӣ бо бахши ҳатмии "байналмилалӣ", ки донишҷӯён дар кишварҳои дигар аз устодони муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ мегиранд;

- таҳияи «барномаҳои дугоникҳо» дар шакли бастани созишномаҳо байни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ бо пешниҳоди барномаҳои муштараки таҳсилот, ки дар онҳо фанҳои якхела, шакли якхелаи назорат, дастурҳои ягонаи таълимӣ мавҷуданд;

7) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.12 – ҷорӣ намудани низоми дуалии таълим аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ ва технологии таҳсилоти олии касбӣ:

- ворид кардани тағйирот дар санадҳои меъёрии танзимкунандаи таҳсилоти олии касбӣ;

- тағйир додани мазмуни барномаҳои таҳсилот бо дарназардошти низоми дуалии таълим;

- муайян намудани муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии пилотӣ (озмоишӣ) барои ҷорӣ намудани низоми дуалии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.13 – таҳияи чорчӯбаи миллии тахассусӣ (аз ҷумла, чорчӯбаи тахассусии саноат, стандари давлатии таҳсилот, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, стандартҳои касбӣ, низоми шаҳодатномадиҳӣ ва ғ.) бо иштироки ҷонибҳои манфиатдор ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва дархостҳои шарикони маҳаллӣ ва байналмилалии рушд:

- таҳия ва ҷорӣ намудани чорчӯбаи миллии тахассусӣ;

- муайян кардани натиҷаҳои ниҳоии таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- таҳияи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар таҳрири нав ва тасдиқи он дар сатҳи қонунгузорӣ;

- таҳияи стандартҳои нави муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳо дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳои намунавии таълим ва маводи таълимӣ дар асоси муносибати босалоҳият мутобиқи талаботи байналмилалӣ (дар мувофиқа бо мантиқ ва принсипҳои раванди Болония);

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки вазифаҳои чорчӯбаи тахассусии миллиро муайян мекунанд;

- таҳияи тамсилаҳо (моделҳо) барои стандартҳо ва тахассусҳо, муайян кардани афзалиятҳо зимни таҳияи тахассусҳо;

- таҳияи стандартҳои касбӣ ва тасдиқи онҳо дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бақайдгирии тахассусҳо дар феҳристи миллӣ;

- аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ муайян кардани ихтисосҳои наве, ки ҷавобгӯйи бозори меҳнат мебошанд ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба таснифоти давлатӣ;

9) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.14 – таҳкими ҳамкориҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо корфармоён тавассути фаъол гардонидани таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ, лоиҳаҳои муштарак, шарикӣ ва тайёр кардани кадрҳо бо дархости корфармоён:

- аз тарафи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ зиёд кардани субъектҳои базавӣ барои таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён;

- ворид намудани намояндагони корфармоён ба ҳайати шӯроҳои илмӣ ва таълимию методии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- ҷалби корфармоён ва ассотсиатсияҳои хатмкунандагон дар таҳияи барномаҳои таҳсилот, стандартҳои давлатии таҳсилот барои иштирок дар имтиҳонҳои давлатии хатм, таъсиси филиалҳои кафедраҳо, бастани шартномаҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ ва шуғли хатмкунандагон;

- таъсиси ассотсиатсияҳои хатмкунандагон дар ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.15 – таҳкими заминаи илмӣ-таҳқиқотии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо мақсади беҳтар кардани сифати корҳои илмӣ:

- ҷалби сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ;

- таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои таълимӣ ва илмӣ бо таҷҳизоти муосир;

- таъмини кормандони озмоишгоҳҳои омӯзишӣ барои кор бо таҷҳизоти илмӣ;

- гузаронидани таҷрибаомӯзии кормандони озмоишгоҳҳо дар хориҷа барои омӯзиши кор бо воситаҳои муосири таълим;

- ифтитоҳи шӯроҳои нави диссертатсионӣ дар Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия;

- баланд бардоштани стипендия барои магистрантҳо ва докторантҳо.

206. Афзалиятҳо дар самти густариши низоми самараноки идораи соҳаи маорифро ташкил медиҳад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.16 – тақвияти неруи идоракунии таҳсилоти олӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ:

- таҳияи барномаҳо барои такмили ихтисоси кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба масъалаҳои низоми идораи маориф, низоми идораи сифат, идораи захираҳои инсонӣ ва ғайра;

- таҳким ва азнавсозии сохтори ташкилии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, дар соҳаи банақшагирии стратегӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадам, аз ҷумла таваҷҷуҳ ба натиҷаҳо;

- беҳтар сохтани низоми аттестатсия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи низоми электронии арзёбии рейтингии дастовардҳои ҳайати профессорону омӯзгорон;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.17 – васеъ намудани мустақилияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ:

- азнавсозии муҳити институтсионалӣ. Ташкили чараёни таълим тавассути коркард ва ворид кардани технологияҳое, ки ба сатҳи имрӯзаи рушди техникӣ ва иҷтимоию гуманитарӣ ҷавобгӯ мебошанд;

- таъсиси шӯроҳои нозирон дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти олии ҷумҳурӣ;

- фароҳам овардани шароит барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои ташаккули мустақили стратегияи рушд дар самти қабули қарорҳо дар бораи идораи дохилӣ ва идораи молиявӣ;

- таъмини зудҳаракатии академии донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандон, инчунин имконияти озод будан дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон;

- фаъолсозии накши донишҷӯён;

- васеъ намудани ҳудуди озодиҳои академии барномаҳои таҳсилот;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.18 – фароҳам овардани шароит барои рушди муассисаҳои таълимии хусусӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ:

- пешниҳоди имтиёзҳо барои таъсиси муассисаҳои таълимии хусусӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ;

- ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ворид намудани феҳристи имтиёзҳое, ки барои таъсиси муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии хусусӣ пешбинӣ шудаанд;

- дастгирии давлатии сармоягузорон дар таъсиси муассисаҳои таълимии хусусӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ;

- таъмини миқдори зиёди кумакҳои давлатӣ барои дастгирии бахши хусусӣ;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.19 – таҳияи низоми иттилоотии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ҳамгироии Низоми иттилоотии идоракунии маориф:

- таҳияи механизмҳои нави ҷорӣ намудани ҳамгироии низоми иттилоотии идоракунии таҳсилоти олии касбӣ.

## §5. Идоракунӣ ва маблағгузории соҳаи маориф

207. Тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 ислоҳоти бахши буҷети давлатӣ оғоз ёфт, ки он ба такмили ҷараёни буҷетӣ, таъмини шаффофияти он, таҳияи буҷети сесолаи давлатӣ ва дар асоси барномаҳои иҷтимоии соҳавӣ самаранок истифода бурдани воситаҳои буҷетӣ равона карда шудааст (мутобиқи ҷадвали маблағгузории соҳаи маориф).

Ҷадвали 10. Маблағгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ)

| Зинаҳои таҳсилот | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Таҳсилоти томактабӣ | 125,9 | 129,7 | 201,8 | 241,2 | 267,2 |
| Таҳсилоти умумӣ | 1783,7 | 1951,9 | 2101,3 | 2338,0 | 2596,2 |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 44,0 | 58,6 | 59,6 | 63,1 | 68,5 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 83,1 | 100,2 | 140,2 | 146,8 | 176,9 |
| Таҳсилоти олии касбӣ | 477,1 | 556,2 | 632,8 | 606,1 | 716,5 |
| Хароҷоти дигар дар соҳаи маориф | 404,9 | 349,6 | 445,5 | 467,8 | 579,6 |
| Ҳамагӣ | 2918,6 | 3146,2 | 3581,1 | 3863,1 | 4404,9 |

Эзоҳ: бе дарназардошти воситаҳои махсус ва барномаи сармоягузории давлатӣ.

208. Вобаста ба Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2018 Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ ҷорӣ карда шуд. Принсипҳои Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф имконият дод, ки устувории буҷети давлатӣ ва бо молияи давлатӣ фаро гирифтани унсурҳои асосии низоми идоракунӣ таъмин карда шавад. Муассисаҳои таълимӣ дар тақсими маблағҳо аз рӯйи баъзе моддаҳои буҷети давлатӣ сатҳи муайяни мустақилият ба даст овардaнд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аудити дохилӣ таъсис додааст, ки дар он тавсияҳо оид ба такмили равандҳои идораи буҷети ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар пешниҳод карда мешавад.

209. Дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ фаъолият мекунад, ки он вазифаҳои иҷрои хазинадории буҷети давлатиро дар ҳамаи зинаҳои соҳаи маориф, аз ҷумла назорати ухдадориҳо инъикос мекунад. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло лозим меояд, ки чараёни мубодила ва ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маълумотро ҷиҳати идораи равандҳои ҳисобкунии музди меҳнат ва даромади муассисаҳои таълимӣ ташкил кунад.

210. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати кормандони соҳаи маориф мунтазам афзоиш меёбад: соли 2009 – 15%, соли 2010 –15%, соли 2011 – 30%, соли 2012 – аз 30% то 60%, соли 2013 – аз 20% то 30%, соли 2014 – 15%, соли 2015 – 20%, соли 2016 – 10%, соли 2017 – 15% ва аз сентябри соли 2020 – 15%.

211. Яке аз ислоҳоти назарраси маблағгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштани муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ ба маблағгузории сарикасӣ (меъёрӣ) мебошад. Гузариш ба низоми меъёрии маблағгузорӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ҳавасмандсозии рақобат байни муассисаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, таъмини назорати харҷ кардани маблағ аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва падару модарон, ба шароити нав муносибтар сохтани шабакаи муассисаҳои таълимӣ, инчунин фароҳам овардани замина барои сарфаи маблағ ва аз нав тақсим кардани мақсадноки онҳо сурат мегирад.

212. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015, №627 «Дар бораи ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронидани муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ» озмоиши гузариши муассисаҳои таълимии томактабӣ ба маблағгузории сарикасӣ (меъёрӣ) анҷом гирифт. Таҷриба нишон дод, ки ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ метавонад нобаробариро дар маблағгузории муассисаҳои таълимии томактабӣ бартараф кунад, мустақилияти онҳоро тақвият диҳад ва истифодаи самараноки маблағҳои давлатиро таъмин намояд. Тибқи қарори номбурдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2017 тамоми муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ бояд ба маблағгузории сарикасӣ гузаронида мешуданд. Вале, бо сабаби он ки меъёрҳои ҳадди ақалли маблағгузории муассисаҳои таълимии томактабӣ дар сатҳи миллӣ тасдиқ нашуда буданд, мӯҳлати татбиқи он тамдид гардид ва чораҳои гузариш ҳоло низ идома дорад.

213. Соли 2016 бори аввал дар таърихи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти падару модар барои нигоҳубини фарзанд дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дар сатҳи миллӣ танзим гардид (тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2016, №150 «Дар бораи пардохти маблағ барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ»). Ин имкон дод, ки хароҷоти озуқаворӣ беҳтар карда шавад, инчунин ҳиссаи захираҳои ғайрибуҷетӣ дар низоми таълими томактабӣ аз 19% дар соли таҳсили 2015-2016 то 34% дар соли таҳсили 2018-2019 афзоиш ёбад.

214. Аз соли 2004 то соли 2011 тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1-уми ноябри соли 2006, №502 «Дар бораи ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронидани баъзе муассисаҳои таҳсилоти умумӣ», аз 30 июни соли 2007, №350 «Дар бораи марҳилаҳои гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ», аз 01 октябри соли 2007, №505 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ») ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, сарфи назар аз намуд, шумора ва теъдоди хонандагон, тадриҷан ба низоми нави маблағгузорӣ, яъне маблағгузории муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоб барои ҳар як хонанда гузаштанд. Гузариш ба маблағгузории сарикасии муассисаҳои таълимӣ низоми идораро дар сатҳҳои миллӣ ва институтсионалӣ комилан тағйир дод. Дар сатҳи миллӣ нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии маориф дар идораи захираҳои молиявӣ ва дар сатҳи институтсионалӣ нақши роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва ҳукуматҳои маҳаллии худидоракунӣ тағйир ёфт.

215. Маблағгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сарчашмаҳои гуногун амалӣ мегардад: буҷети давлатӣ (буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо), грантҳо, қарзҳои давлатӣ ва захираҳои ғайрибуҷетӣ. Ба захираҳои ғайрибуҷетӣ маблағҳои хонаводаҳо, ташкилотҳои донорӣ,

сохторҳои соҳибкорӣ ва маблағҳои худи муассисаҳои таълимӣ, ки дар натиҷаи хизматрасонии пулакӣ ҷамъ мегардад, дохил мешаванд.

216. Мунтазам афзоиш ёфтани маблағгузории соҳаи маориф боиси афзоиши хароҷот ба як нафар (тарбиятгиранда, кӯдак, хонанда, донишҷӯ) гардид. Хароҷоти сарикасӣ аз ҳама бештар дар низоми таҳсилоти олии касбӣ (3164 сомонӣ дар соли 2018), таҳсилоти ибтидоии касбӣ (2612 сомонӣ дар соли 2018) ва таҳсилоти томактабӣ (2592 сомонӣ дар соли 2018) ба мушоҳида мерасад. Хароҷоти камтарин барои як нафар дар низоми таҳсилоти умумӣ (1226 сомонӣ ба ҳар хонанда дар соли 2018) ва таҳсилоти миёнаи касбӣ (1825 сомонӣ дар соли 2018) ба мушоҳида мерасад.

217. Бо вуҷуди афзоиши мунтазами маблағгузорӣ дар соҳаи маориф, ҳамеша норасоии захираҳои молиявӣ эҳсос мешавад, ки бо рушди демографӣ ва афзоиши мунтазами эҳтиёҷот ба захираҳои молиявӣ алоқаманд аст. Ба андешаи коршиносон, то соли 2020 хароҷоти соҳаи маориф то 1,3 миллиард сомонӣ афзоиш хоҳад ёфт. Ислоҳоти банақшагирифташуда – гузариш ба таҳсилоти умумии ҳатмии 12-сола аз 3,8 миллиард сомонӣ то 5,3 миллиард сомониро дар 6 соли аввал талаб мекунад (аз рӯйи таҳлили коршиносон). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ба гуногуншаклӣ (диверсификатсия)-и манбаъҳои маблағгузорӣ ва таъсиси механизмҳои самараноки хароҷоти маблағҳои давлатӣ эҳтиёҷ дорад.

218. Бо мақсади коҳиши сарбории фискалӣ, ҷалби манбаъҳои бахши хусусӣ (алтернативӣ)-и маблағгузорӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот нақши муҳим мебозад. Вале иштироки бахши хусусӣ дар маблағгузории соҳаи маориф, махсусан, дар шароити камбуди маблағҳои буҷетӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Бо вуҷуди он ки маблағгузории муассисаҳои таълимӣ барои таъмини сифати таҳсилот аҳаммияти назаррас дорад, иштироки бахши хусусӣ дар идораи фаъолияти муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ба эътибор гирифта намешавад. Бахши хусусӣ метавонад фишорро ба муассисаҳои таълимӣ, ки дар пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар шароити камбуди маблағгузорӣ ифода меёбад, коҳиш диҳад. То ҳол лоиҳаҳо дар доираи шарикии давлату бахши хусусӣ дар соҳаи маориф амалан вуҷуд надоранд. Ҳол он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои қавии меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар доираи шарикии давлату бахши хусусӣ таҳия гардидаанд.

219. Ислоҳоти низоми маблағгузории соҳаи маориф идома дорад ва бояд як қатор монеаҳое, ки самарабахшии механизмҳои нави маблағгузории соҳаи маорифро коҳиш медиҳад, ба назар гирифта шаванд. Пеш аз ҳама, ин танзими қатъии истифодаи маблағҳои давлатӣ ва ғайрибуҷетӣ дар доираи низоми идоракунии молияи давлатӣ, механизмҳои мураккаби ба расмият даровардани фондҳои ғайрибуҷетӣ ва мавҷуд набудани қонунҳои танзимкунандаи ташаккул, тақсимот ва

истифодаи захираҳои ғайридавлатӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ самаранокии маблағгузории муассисаҳои таълимии давлатиро коҳиш медиҳанд.

220. Тақвияти назорат аз рӯйи хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷетӣ (ва андозбандии он) торафт бештар ба зарурати дар назди мақомоти молиявии давлатӣ асоснок кардани ҳар як хароҷоти ин маблағҳоро ба миён меорад, ки мустақилият ва мухтории муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла нигоҳ доштани тавозуни маблағҳои то 31 декабр боқимондаи муассисаи буҷетиро комилан коҳиш медиҳад, ҳарчанд ки боқӣ мондани маблағҳо асоснок карда мешаванд. Ин вазъият ҳамчунин шаффофияти низоми идоракунии молияи давлатиро халалдор мекунад, зеро муассисаҳои таълимӣ барои нишон додани андозаи воқеии даромади худ, ки аз хизматрасониҳои пулакӣ, аз ҷумла аз ҳисоби саҳми падару модарон ба даст овардаанд, ҳавасмандии камтар зоҳир мекунанд.

221. Дастрасии маҳдуд ба низоми мураттабу маҷмӯии иттилоотии идораи молияи давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон намедиҳад, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои маблағгузории муассисаҳои таълимии соҳаи маорифро ҷамъоварӣ карда, маълумотро оид ба иҷрои буҷети соҳаи маориф бо мақсади алоқаманд сохтани афзалиятҳо ба сиёсати миллии маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи маориф таҳлил кунад. Бо сабаби нокифоятии дастрасӣ ва неруи мувофиқи таҳлилӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад мониторинг ва арзёбии маблағгузории самтҳои афзалиятнок ва нақшаҳои стратегиро анҷом диҳад.

222. Айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра бо изтиробҳои фавқулодаи иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ, мисли бухрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонии солҳои 2008-2009 ва хатари паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-2019) дар соли 2020 рӯ ба рӯ мегардад. Ҳамаи ин изтиробҳову хатарҳо ба маҳдудиятҳо, аз ҷумла мушкилоти молиявӣ оварда мерасонад, ки дар ниҳояти кор ба дастрасӣ ва сифати таҳсилот таъсири манфӣ мерасонад. Вазорати маориф ва илм, зерсохторҳои он, инчунин, муассисаҳои таълимиро лозим меояд, ки барои нишон додани вокуниши маҷмӯии зарурӣ ба ин чолишҳову хатарҳо омода бошанд. Бо дарназардошти ин ба вусъат додани ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва такмилу таҷдиди дахлдори нақшаҳои амал оид ба татбиқи Стратегияи мазур вобаста ба вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии тағйирёбанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд.

223. Механизми банақшагирӣ ва пешгӯйии низоми маориф аз рӯйи натиҷаҳои воқеӣ имкон намедиҳад, ки афзалиятҳои стратегӣ дар сатҳи зарурӣ маблағгузорӣ шаванд. Сатҳи алоқамандии механизми банақшагирӣ ва пешгӯйии захираҳои молиявӣ дар соҳаи маориф бо

равандҳои мониторинг ва арзёбии нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ беҳбудӣ металабад.

224. Шаклҳои фармонфармоии идораи соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ, инчунин механизми заифи идораи давлатӣ-ҷамъиятӣ боиси суст шудани идораи муассисаҳои таълимӣ гардидаанд. Ҳангоми гузаронидани мониторинг ва назорат вазифаҳои сохторҳои гуногуни идоракунӣ такрор мешаванд.

225. Мушкилоти асосии низоми идораи соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани масъулият барои натиҷаҳои ниҳоии муассисаҳои таълимии давлатӣ мебошад. Сатҳи пасти ихтисоси қисми назарраси неруи идоракунӣ барои рушди низоми маориф дар асоси ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва технологикунонии қарорҳои идоракунӣ имкон намедиҳад.

226. Дар ҳоли ҳозир ба низоми идораи соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки ками шаҳрвандон, корфармоён ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар идоракунии муассисаҳои таълимӣ ва назорати сифати таълим хос аст. Шароит ва механизмҳои шаклҳои мустақили арзёбӣ ба сифати таҳсилот вуҷуд надоранд. Номукаммалӣ ва номутобиқатии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ташаккули захираҳои ғайрибуҷетӣ, идоракунии давлатӣ-ҷамъиятии муассисаҳои таълимӣ ва шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ  ҳанӯз боқӣ мондаанд.

227. Тибқи Стратегияи мазкур нуқтаҳои афзоиши институтсионалии таҳриккунанда ва ҷиддӣ бояд чунин бошанд:

- ташкили заминаи устувори меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи инкишофи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи маориф;
- ташаккули низоми устувори ҳавасмандсозии афзоиши сармоягузориҳо дар ҳамаи зинаҳо/сатҳҳои таҳсилот;
- ҷорӣ намудани механизми идоракунӣ аз рӯйи натиҷаҳо, яъне амалу фаъолиятҳои таъмини самаранокии барномаҳои рушди таҳсилот, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мегарданд;
- таъмини шаффофияти равандҳои идоракунии молиявию хоҷагидории муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла тавассути ҷорӣ намудани механизмҳо ва шаклҳои ҳисоботдиҳии ошкоро дар бораи фаъолияти муассисаҳо.

228. Дар доираи Стратегияи мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои калидиро (бо гурӯҳбандии натиҷаҳои калидӣ) дар бахши идоракунӣ ва маблағгузории соҳаи маориф муайян кардааст.

229. Афзалиятҳо дар самти пурзӯр намудани самаранокии низоми идоракунии соҳаи маориф:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.1 – пурра ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ (меъёрӣ) ба сифати механизми асосии тақсими воситаҳои буҷетӣ дар соҳаи маориф:

- ҷорӣ намудани маблағгузории меъёрӣ-сарикасии маблағгузории муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ ва механизмҳои ивазкунии солонаи меъёрҳо;

- таҳлил ва ҳамасола иваз кардани меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ;

- ҷорӣ намудани механизми маблағгузории сарикасии муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти умумӣ, таҳлили тамоюлҳо ва ҳамасола иваз кардани меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ;

- таҳия ва ҷорӣ намудани механизми маблағгузории сарикасии муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- ҷорӣ намудани механизми маблағгузории сарикасии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.2 – пурзӯр намудани маблағгузории муассисаҳои таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз манбаъҳои гуногун:

- таҳияи механизми маблағгузории таҳсилоти томактабӣ бо шаклу барномаҳои алтернативӣ;

- таҳияи механизмҳои маблағгузории марказҳои рушди барвақтии кӯдак, ки дар назди муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунанд;

- таҳияи низом (механизм)-и самараноки ташаккул, тақсим ва истифодаи воситаҳои ғайрибуҷетӣ;

- таҳлили ташаккул ва истифодаи воситаҳои ғайрибуҷетӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва дар заминаи он таҳия намудани тавсияҳо оид ба тағйири андозбандӣ барои воситаҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои таълимӣ;

- таҳияи механизми таъмини шаффофияти ташаккул ва истифодаи воситаҳои молиявии муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти имкониятҳои нави технологӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.3 – такмили Низоми иттилоотии идоракунии маориф:

- таҳия ва ҷорӣ намудани Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар реҷаҳои кории онлайн ва оффлайн дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ;

- автоматикунонии таҳияи ҳисоботи солонаи оморӣ ва ҳамчунин автоматикунонии ҳисоби шохисҳо (индексҳо)-и махсусгардонидашудаи самаранокии бахши таҳсилот оид ба ҳар як зина;

- муайян намудани нишондиҳандаҳои муҳимми самаранокӣ (аз ҷумла, нишондиҳандаҳои Стратегияи мазкур) ва пурра кардани базаи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф бо мақсади назорати доимии нишондиҳандаҳои иловагӣ;

- таълим ва бозомӯзии муттасили мутахассисони марбутаи соҳаи маориф, ки Низоми иттилоотии идоракунии маорифро истифода мекунанд;

- дар заминаи Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар ҳакорӣ бо Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани низоми мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот ва ҳамчунин муайян кардани рейтинги муассисаҳои таълимӣ;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.4 – баланд бардоштани самаранокии идораи соҳаи маориф аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- тавсифи маҷмӯии фаъолияти соҳаҳои маориф ва илм, таҳияи тавсияҳо оид ба мутобиқ сохтани вазифаҳо ва низоми ҳисоботдиҳӣ дар соҳаҳои маориф ва илм бо мақсади самаранок, шаффоф ва ҳисоботдиҳанда гардонидани низом;

- таҷдиди назар ва тасдиқи сохтори муосири ташкилии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани самаранокии идораи соҳаҳои маориф ва илм, ҳамчунин таъсиси бахши муттаҳид сохтани воситаҳои буҷети давлатӣ ва банақшагирии стратегӣ;

- ихтисори вазифаҳои такрорёбандаи мақомоти идораи соҳаи маориф;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.5 – таъмини мувофиқати ҳарчи бештар миёни афзалиятҳои сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф:

- истифодаи нақшаи миёнамуҳлати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегардад, ба сифати воситаи таъмин намудани Стратегияи мазкур бо маблағгузории кофӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ;

- якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа кардани шумораи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар соҳаи маориф ва ба уҳдаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани на танҳо таҳияи сиёсат, балки инчунин назорату санҷиши натиҷаҳои буҷети соҳавии низоми маориф;

- баррасии имконияти дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани шуъбаи ҳамоҳангсозии ислоҳот ва банақшагирии стратегӣ;

6) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.6 – ҷорӣ намудани Низоми иттилоотии идоракунии молия дар соҳаи маориф (дар заминаи ҳисоботдиҳии «Молия»):

- идома додани рушди инфрасохтори иттилоотии идораи маориф ва ба шабакаи интернет пайваст кардани мақомоти идораи маориф;

- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои онлайни Низоми иттилоотии идоракунии молия аз руйи ҳисоботдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва касбӣ («Молия»);

- таълими мутахассисони мақомоти идораи маориф оид ба истифодаи низоми иттилоотии идоракунии молия;

- таъсиси низоми ҳисоботдиҳии солона оид ба иҷрои буҷет дар ҳамаи муассисаҳои таълимии давлатӣ;

7) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.7 – омӯзиши имкониятҳои ҷорӣ намудани механизмҳои фискалии нави ҳавасмандсозии маблағгузорӣ дар соҳаи маориф:

- таҳлил ва таҳияи тавсияҳо оид ба имкониятҳои ҷорӣ намудани механизмҳои муайяни ҳавасмандсозии маблағгузорӣ дар соҳаи маориф (ворид намудани амонатҳо ва кредитҳои таҳсилотӣ, ташаккули фондҳои ғайридавлатӣ, имтиёзҳои андозсупорӣ, низомҳои кумаки иҷтимоии суроғавӣ, ҷорӣ намудани ваучерҳои таҳсилотӣ, татбиқи шаклҳои нави пардохти музди меҳнат);

8) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.8 – ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар соҳаи маориф ва Низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот:

- таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми идораи сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ISO-9000 ва ё низомҳои дигари арзёбии сифати тайёр кардани мутахассисон;

- таҳияи воситаҳо ва озмоиши низоми арзёбии натиҷаҳои ҷараёни таҳсилоти баъд аз хатми зинаи ибтидоӣ ва умумии асосии таҳсил ҳамчун тарзи ченкунии сифати таҳсилот;

- таҳияи низоми мониторинг, арзёбии сифати таҳсилот ва рейтинги муассисаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- такмили идораи давлатӣ-ҷамъиятии муассисаҳои таълимӣ тавассути таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор оид ба худидоракунӣ ва иштироки ҷомеа дар идораи муассисаҳои таълимӣ;

- ба охир расонидани гузариш ба ҳукумати электронӣ дар соҳаи маориф;

- таъмини мақомоти идоракунӣ бо технологияҳои нави рақамӣ дар бахши идораи маориф;

9) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.9 – ҷорӣ намудани шаклҳои нави ҳамкорӣ миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи маориф:

- таҳияи роҳнамо ва механизмҳои ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ассотсиатсияҳои падару модарон ва омӯзгорон, кумитаҳои падару модарон бо бахши хусусӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ;

- омӯзиши имконияти истифодаи амволи давлатӣ барои амалӣ сохтани фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ;

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор оид ба ҳамкории бахшҳои давлатию хусусӣ дар соҳаи маориф;

10) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.5.10 – ҳамгиройии бехатарии маҷмӯии муассисаҳои таълимӣ бо чораҳои сиёсат дар соҳаи рушди устувор ва коҳиши хатари офатҳо:

- таъмини ҳифзи муассисаҳои таълимӣ ва интихоби ҷойи лоиҳакашӣ ва сохтмон (ё интиқоли сохтмон) бо дарназардошти устуворӣ ба офатҳои табиӣ, аз ҷумла дастрасии шахсони имконияташон маҳдуд,

дастрасии бехатар ба объектҳо, беҳтар намудани таъминот бо об ва шароити санитарӣ (алоҳида барои писарон ва духтарон), бо роҳи ҳамгиройии қарорҳои инноватсионӣ бо дарназардошти омилҳои иқлимӣ ва таъмини хизматрасониҳои муттасили техникӣ;

- рушд ва тақвияти муассисаҳо, механизмҳо ва шабакаҳои ҳамоҳангсоз ва ҳамчунин неруи миллӣ барои баланд бардоштани устуворӣ нисбат ба хатару таҳдидҳо барои соҳаи маориф дар сатҳҳои байналмилалӣ, миллӣ ва маҳаллӣ;

- ҷорӣ намудани тарзу усулҳои коҳиши хатар дар татбиқи барномаҳои муассисаҳои таълимӣ оид ба омодагӣ ба садамаҳо, аксуламалҳо ва барқарорсозӣ дар соҳаи маориф;

- мониторинг ва арзёбии чараёни татбиқи ташаббусҳо оид ба коҳиши хатари офатҳо ва мунокишаҳо;

- баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ва таъмини дастрасии муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти давлатии идораи соҳаи маориф ба иттилооти воқеӣ дар бораи хатарнокӣ, аз ҷумла маълумоти низомҳои огоҳкунии барвақтӣ оид ба бисёр ҳодисаҳои хатарнок ва иттилоот дар бораи хатарҳои офатҳои табиӣ;

- баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ (ҷомеа) оид ба методҳои коҳиши хатари офатҳо ва идоракунии онҳо бо дарназардошти омилҳои гендерӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ;

- таҳияи принсипҳои идораи коҳиши хатарҳои табиӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ ва иҷтимоӣ, маводи иттилоотӣ ва омӯзишӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

230. Стратегияи мазкур дар асоси нақшаҳои миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023 (замима мегардад), 2024-2026 ва 2027-2030 татбиқ мегардад.

231. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд механизми мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла матритсаи нишондиҳандаҳои асосии натиҷабахширо таҳия ва мувофиқа месозад, ки дар заминаи он мониторинги татбиқи Стратегияи мазкур амалӣ мегардад.